# ҲУҚУҚУ ИМКОНИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ ЗАНОНИ ТОҶИКИСТОН: МОНЕАҲО ВА ПЕШОМАДҲО

ДУШАНБЕ
2023

# ҲУҚУҚУ ИМКОНИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ ЗАНОНИ ТОҶИКИСТОН: МОНЕАҲО ВА ПЕШОМАДҲО

ДУШАНБЕ - 2023

Ҳисобот бо дастгирии молиявии Фонди ба номи Конрад Аденауэр нашр шудааст.

Муҳтавои ҳисобот мумкин аст бо нуқтаи назари Фонди ба номи Конрад Аденауэр мувофиқат накунад.

ТҶ «Гендер ва тараққиёт». Ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занони Тоҷикистон: монеаҳо ва пешомадҳо. Душанбе. 2023. с.108

Муаллифи ҳисобот: Бозрикова Татяна, номзади илмҳои фалсафа

Дар ҳисобот оид ба натиҷаҳои тадқиқот монеаҳое, ки ба таъмини баробарҳуқуқии гендерӣ ва васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занони Тоҷикистон садди роҳ мешаванд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Чи тавре аз натиҷаҳои тадқиқот бармеояд, васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занони Тоҷикистон раванде мебошад, ки чунин ҷанбаҳоро дар бар мегирад: имконияту қобилияти занон барои истифода бурдани ҳуқуқҳои кафолатдодаи конститутсия, захираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, инчунин қобилияти идора кардани хатарҳо, беҳтар намудани некӯаҳволии иқтисодӣ ва баланд бардоштани мақоми худ дар оила ва дар ҷомеа.

Дар асоси маълумотҳои таҷрибавӣ мушкилоти шуғли занон аз нуқтаи назари таъмини ҳуқуқ ба меҳнати сазовор ва подоши сазовор баррасӣ намуда, дастрасии занон ба таҳсилоти касбӣ ва такмили ихтисос, ба манбаъҳои даромад, маблағҳои молиявӣ ва қарз, инчунин таъсири қолабҳои гендерӣ ба шуғл ва имкониятҳои иқтисодии занон таҳлил карда мешаванд.

Бо назардошти бозсозии сохтории соҳаҳои иқтисод ва пешомадҳои татбиқи технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ омилҳо ва афзалиятҳое баррасӣ карда мешаванд, ки ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Доир ба рафъи монеаҳое, ки ба таъмини ҳуқуқ ва васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон халал мерасонанд, тавсияҳо дода шудаанд.

# МУНДАРИҶА

**ПЕШГУФТОР** 5

Ихтисораҳо.......7

Феҳристи расмҳо.......8

Феҳристи ҷадвалҳо.......10

Феҳристи иловаҳо.......11

**ТАВСИФИ МУХТАСАР** 13

Методологияи тадқиқот.......13

Васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занон чиҳоро дар бар мегирад?.......14

Вазъи иҷтимоии хонаводаҳои пурсидашуда.......14

Занҳо дар бозори меҳнат.......15

Монеаҳое, ки ба васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои занон халал мерасонанд.......22

Омилҳо ва самтҳои афзалиятноки васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон. .....25

**1. МЕТОДОЛОГИЯИ ТАДҚИҚОТ** 28

**2. ВАСЕЪ НАМУДАНИ ҲУҚУҚУ ИМКОНИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ ЗАНОН ЧИҲОРО ДАР БАР МЕГИРАД?** 31

**3. ВАЗЪИ ИҶТИМОИИ ХОНАВОДАҲОИ ПУРСИДАШУДА.** 33

3.1. Тавсифи иҷтимоию демографӣ.......33

3.2. Манбаъҳои даромади хонаводаҳо.......34

3.3. Баҳодиҳии хонаводаҳо ба дараҷаи некӯаҳволии моддии худ.......36

3.4. Тавсифи хонаводаҳо аз рӯи ҷинси сардори хонавода.......38

**4. ЗАНҲО ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ** 41

4.1. Шуғли аъзоёни хонвода аз рӯи ҷинс.......41

4.2. Шуғли занҳои пурсидашуда.......44

4.3. Шуғли занон дар хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ.......49

4.4. Сифатҳои асосии соҳибкорзанон.......52

**5. ДАСТРАСИИ ЗАНҲО БА МОЛИЯ ВА ҚАРЗ** 62

5.1. Манбаъҳои даромади занҳои пурсидашуда.......62

5.2. Амалҳои занон барои беҳтар намудани вазъи моддӣ.......65

5.3. Дастрасӣ ба қарз (кредит).......67

5.4. Огоҳии занони пурсидашуда дар бораи барномаҳои дастгирӣ.......71

6. МОНЕАҲОЕ, КИ БА ВАСЕЪ НАМУДАНИ ҲУҚУҚУ ИМКОНИЯТҲОИ ЗАНОН ХАЛАЛ МЕРАСОНАНД 73

6.1. Дастрасии маҳдуди занон ба моликият ва замин ..... 73

6.2. Дастрасӣ ба маълумоти касбӣ ва такмили ихтисос ..... 75

6.3. Меҳнати бемузди занон ..... 80

6.4. Таъсири қолабҳои гендерӣ ..... 82

6.5. Имкониятҳои иқтисодии худро арзёбӣ кардани занон ..... 85

6.6. Дастрасии маҳдуди занон ба системаи ҳифзи иҷтимоӣ ..... 87

7. ОМИЛҲО ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ВАСЕЪ НАМУДАНИ ИМКОНИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ ЗАНОН 89

8. ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲО 97

Тавсияҳо ..... 100

## ПЕШГУФТОР

Солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) бо мақсади пешбурди баробарии гендерӣ ва фароҳам овардани шароит барои васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон тавассути амалисозии чорабиниҳо дар чаҳорчӯбаи иҷрои барномаҳои рушди шуғли аҳолӣ, грантҳои Президентӣ барои дастгирии соҳибкорзанон, мусоидат ба бозомӯзии касбии занон ва ғ. як қатор тадбирҳои иловагии мусбат андешид.

Дар байни тадбирҳои асосӣ барои ба даст овардани ҳадафи стратегии Тоҷикистон оид ба васеъ намудани шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) баён ёфтааст, аз ҷумла ба ҳалли мушкилоти занон, ҷавонон ва дигар гурӯҳҳои осебпазир диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Вале бо вуҷуди тадбирҳое, ки Ҳукумати ҶТ ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳо ва васеъ намудани имкониятҳои занон дар соҳаҳои гуногун, хусусан дар соҳаи иқтисод, амалӣ менамояд, ҳанӯз ҳам ҳуқуқпоймолкунии ғайримустақим нисбати занон, паст гардидани як қатор нишондиҳандаҳои занон дар муқоиса бо мардон дар татбиқи ҳуқуқҳои пешниҳоднамудаи қонунгузорӣ мушоҳида карда мешавад. Аз ин рӯ нобаробарии гендерӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ на танҳо барои занон, балки барои рушди тамоми ҷомеа ва иқтисоди мамлакат талафоти калон меорад.

**Иловаи 1. Аз Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030.**

**Тадбирҳои асосӣ барои ба даст овардани ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаи васеъ намудани шуғли пурмаҳсул:**

- дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар шаҳру деҳот, ҳамчун роҳи самарабахши афзун намудани теъдоди ҷойҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ;
- ҳавасмандкунии рушди «шуғли сабз», вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкории экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ;
- таъмини аҳолии деҳот бо ҷойҳои кор тавассути азхудкунии заминҳои партов ва нав;
- рушди шабакаи таълимӣ барои ба даст овардани малакаҳои касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, ки талаботи занон, ҷавонон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла, маъюбонро ба инобат мегирад;
- ҳавасмандии ҳаматарафаи фаъолияти фермерӣ ва соҳибкории хурд дар бахши аграрӣ тавассути такмили низоми қонунгузорӣ, бахусус, барои ҷавонон;
- диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии берунӣ, аз ҷумла бо назардоштаи омили гендерӣ ва пурзӯр намудани танзими давлатии раванди бозгашти муҳоҷирон;
- рушди бахшҳои меҳнатталаби иқтисодиёт, ки маҳсулоти он ба содирот равона карда мешавад (комплекси агросаноатӣ, саноати бофандагӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок);
- амалисозии сиёсати давлатии шуғл, ки бо сиёсат дар соҳаи таҳсилот ҳамоҳанг карда шудааст;
- истифодаи васеи хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ дар раванди мубодилаи маълумот оид ба ташкили ҷойҳои корӣ дар байни ҷавонон ва мусоидат ба соҳибкорӣ.

Таҳлили ҳисоботҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки қимати Шохиси (Индекси) рушди гендерӣ дар Тоҷикистон аз соли 2015 то соли 2019 аз 0,930 то 0, 799 паст гардидааст. Агар дар оғози иҷрои Барномаи рушди миёнамуҳлати ҶТ барои солҳои 2016-2020 мамлакат аз рӯи ин нишондиҳанда ба гурӯҳи 3-юми мамлакатҳо дохил шуда бошад, пас дар соли 2020 ба гурӯҳи 5-ум гузашт. Дар соли 2021 мамлакат нишондиҳандаҳоро беҳтар намуда, ба гурӯҳи 4 гузашт. Аммо мавқеи соли 2015 ҳанӯз ба даст оварда нашудааст.

Аз рӯи шохиси (индекси) ҷаҳонии фарқияти гендерӣ Тоҷикистон дар соли 2021 нишондиҳандаи умумиро дар муқоиса бо соли 2020 аз 0,626 то 0,650 беҳтар намуд. Аз рӯи раддабандӣ (рейтинг) Тоҷикистон дар соли 2020 ҷои 137-ум (аз 153 мамлакат), дар соли 2021 ҷои 125-умро (аз 156 мамлакат)[1] ишғол кард. Дар айни замон, дар байни нишондиҳандаҳо дараҷаи иштирок ва имкониятҳои занон дар иқтисод аз ҳама паст мебошад. Тоҷикистон дар байни 26 мамлакати Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ҷои охиринро ишғол мекунад (Туркманистон ва Ӯзбекистон дар тадқиқот иштирок накарданд).

Натиҷаҳои таҳлили гендерӣ вуҷуд доштани омилҳои муттасилеро ошкор намуданд, ки ба иҷрои самараноки сиёсати васеъгардонии имкониятҳои занон ва таъмини баробарҳуқуқии воқеии занону мардон дар ҷумҳурӣ монеъ мешаванд. Мушкилоти нобаробарии гендерӣ дар соҳаи шуғл ва имкониятҳои иқтисодии занон хусусияти байнисоҳавӣ дошта, барои ҳалли он тадбирҳои маҷмуӣ заруранд. Масалан, дар мамлакат солҳои зиёд аст, ки бо мақсади дастгирии соҳибкории занон тадбирҳо амалӣ карда мешаванд. Вале таҳлили гузарондашудаи омори расмӣ нишон медиҳад, ки то 01.01. соли 2021 ҳиссаи занон дар байни соҳибкорони дар асоси шаҳодатнома коркунанда 17,5% ва дар асоси патент коркунанда 27,4%-ро ташкил медиҳад.[2]

Дар шароити мушкилоти ғуншудаи таъмини ҳуқуқҳо ва васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон дар Тоҷикистон гузарондани тадқиқот барои ошкор намудани монеаҳо дар роҳи васеъгардонии имкониятҳои иқтисодии занон ва пешниҳоди тавсияҳо аз рӯи натиҷаҳои ин тадқиқот яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад.

Мо бовар дорем, ки натиҷаҳои тадқиқоти анҷомдодаи ТҶ «Гендер ва тараққиёт» ба ҳамаи сохторҳои манфиатдор ва коршиносони Ҳукумат, ба ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ ёрӣ мерасонанд, ки оид ба мушкилоти гендерӣ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занон маълумоти иловагӣ ба даст оранд, инчунин ҳангоми таҳияи сиёсат оид ба рафъи нобаробарии гендерӣ талаботи зарурии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии занонро бо назардошти принсипи «Ягон кас қафо гузошта нашавад» беҳтар фаҳманд ва ба эътибор гиранд.

[1] Global Gender Gap Report 2021 Insight Report. March 2021
http://www3.weforum.org/docs/WEF_GGGR_2021.pdf
Global Gender Gap Report 2020. https://www.weforum.org/reports/gender-gap-2020-report-100-years-pay-equality

[2] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. Душанбе, 2021, с.360.

## ИХТИСОРАҲО

**ММД** Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**ВНМО** Вируси норасоии масунияти одам

**ВМКБ** Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ХДФ** Хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ

**ШНГ** Шохиси (индекси) нобаробарии гендерӣ

**ШРГ** Шохиси рушди гендерӣ

**ТИК** Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**ИТИМ** Илм, технология, инженерия ва математика

**ЗВЗ** Занҳои бо ВНМО зиндагикунанда

**ККЗО** Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КБТЗ** Конвенсияи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон

**ВТҲИА** Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВМИ** Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТБМ** Ташкилоти байналмилалии меҳнат

**ТХМ** Ташкилоти хурди молиявӣ

**АМЗСТ** Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон

**БМТ** Бонки миллии Тоҷикистон

**ЗНЗД** Зӯроварӣ нисбати занону духтарон

**СМР-2030** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

**СМРМ** Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ барои давраи то соли 2030

**ВИИ** Воҳиди ибтидоии интихоб

**БРСММ** Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид

**БРМ** Барноми рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, 2021-2025

**НТҶ** Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

**ҶТ** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВАО** Воситаҳои ахбори омма

**ҲРУ** Ҳадафҳои рушди устувор

**СММ-Занон** Сохтори СММ оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ ва васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои занон

**МҚК-2016** Муоинаи қувваи корӣ дар соли 2016

**ИДМ** Иттиҳоди давлатҳои мустақил

**МТК** Маркази таълими калонсолон

**ЮНФПА** Фонди нуфуси СММ

**ЮНИСЕФ** Фонди кӯдакони СММ

**STEM** Science, Technology, Energy, Mathematics technical fields

## ФЕҲРИСТИ РАСМҲО


**Расми 1.** Самтҳои васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳи иқтисодии занону мардон (с. 31)

**Расми 2.** Миқдори миёнаи аъзоёни хонаводаҳо аз рӯи ҷинс ва кӯдакон (нафар) (с. 33)

**Расми 3.** Миқдори аъзоёни хонаводаҳо дар шаҳр ва деҳот (%) (с. 33)

**Расми 4.** Синни аъзоёни пурсидашудаи хонаводаҳо (%) (с. 34)

**Расми 5.** Манбаъҳои даромади хонаводаҳо (с. 35)

**Расми 6.** Манбаъҳои даромади хонаводаҳо дар миқёси шаҳр ва деҳот (%) (с. 35)

**Расми 7.** Манбаи асосии даромади хонаводаҳои пурсидашуда (с. 36)

**Расми 8.** Манбаи асосии даромади хонаводаҳо дар шаҳр ва деҳот (с. 36)

**Расми 9.** Баҳодиҳии хонаводаҳо ба дараҷаи некӯаҳволии моддии худ (с. 37)

**Расми 10.** Баҳодиҳии хонаводаҳо ба дараҷаи некӯаҳволии моддии худ аз лиҳози ҷинси сардори хонавода (с. 37)

**Расми 11.** Ҳайати хонаводаҳо аз рӯи ҷинси сардори хонавода (шумораи миёнаи одамон) (с. 39)

**Расми 12.** Миқдори аъзоёни хонаводаҳо аз рӯи ҷинси сардори хонавода (с. 39)

**Расми 13.** Шуғли асосии аъзоёни хонавода (15-сола ва аз ин боло) (с. 42)

**Расми 14.** Шумораи аъзоёни коркунандаи хонаводаҳо (15-сола ва аз ин боло) (с. 42)

**Расми 15.** Миқдори аъзоёни коркунандаи хонаводаҳо аз рӯи намуди маскуншавӣ (с. 43)

**Расми 16.** Шуғли асосии аъзоёни 15-сола ва аз ин болои хонаводаҳо аз руи ҷинс (%) (с. 43)

**Расми 17.** Шуғли посухдиҳандагон (дар давоми 12 моҳи охир) (с. 44)

**Расми 18.** Шуғли занони пурсидашуда дар шаҳр ва деҳот (дар давоми 12 моҳи охир) (с. 44)

**Расми 19.** Намудҳои шуғли ҷавонзанони 18-24-сола (с. 45)

**Расми 20.** Оё соҳибхоназанон ва нафақахӯрзанон пештар кор мекарданд? (дар миқёси шаҳр ва деҳот) (с. 46)

**Расми 21.** Сабабҳои корро партофтани занон дар миқёси шаҳр ва деҳот (%) (с. 46)

**Расми 22.** Сабабҳои асосие, ки бо таъсири онҳо барои занҳо ба кор даромадан душвортар аст (с. 49)

**Расми 23.** Намудҳои ХДФ, ки занҳои пурсидашуда дар онҳо кор мекунанд (с. 50)

**Расми 24.** Фикри аъзоёни ХДФ дар бораи намуди асосии маҳсулоте, ки даромади аз ҳама зиёд медиҳад (с. 50)

**Расми 25.** Басомади музди меҳнат гирифтани аъзоёни ХДФ (с. 52)

**Расми 26.** Шаклҳои музде, ки аъзоёни ХДФ барои меҳнати худ мегиранд (с. 52)

**Расми 27.** Шакли бақайдгирии соҳибкорзанон (с. 53)

**Расми 28.** Соҳибкорзаноне, ки бидуни бақайдгирӣ кор мекунанд (аз рӯи дараҷаи маълумот) (с. 54)

**Расми 29**. Соҳаҳои фаъолияти соҳибкории посухдиҳандагон (с. 54)

**Расми 30**. Манбаъҳои маблағгузории фаъолияти соҳибкории занон дар миқёси минтақаҳо (с. 56)

**Расми 31.** Мушкилоту монеаҳои асосии рушди бизнес аз нигоҳи посухдиҳандагон (с. 56)

**Расми 32.** Аз тарафи соҳибкорон арзёбӣ карда шудани се мушкилоту монеаи асосии рушди бизнес (дар миқёси шаҳр ва деҳот) (с. 57)

**Расми 33.** Манбаи асосии даромади соҳибкорзанон (с. 58)

**Расми 34.** Тадбирҳои андешидаи соҳибкорзанон, ки ба гирифтани фоида мусоидат мекунанд (с. 59)

**Расми 35.** Кӣ ба оила даромади асосӣ меорад? (дар миқёси шаҳр ва деҳот) (с. 62)

**Расми 36.** Занҳои пурсидашуда барои беҳтар намудани вазъи моддии худ чи гуна тадбирҳоро амалӣ намуданд (с. 66)

**Расми 37.** Тадбирҳои амалинамудаи занон барои беҳтар намудани вазъи моддии худ (дар миқёси шаҳр ва деҳот ) (%) (с. 66)

**Расми 38.** Таъйиноти мақсадноки қарзҳои гирифташуда (с. 68)

**Расми 39.** Қарз (кредит) гирифтан то кадом андоза душвор аст? (%) (с. 68)

**Расми 40.** Аз ҷониби посухдиҳандагон арзёбӣ карда шудани вазъи дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба қарз дар 2 соли охир (с. 69)

**Расми 41.** Пешниҳодҳои посухдиҳандагон оид ба васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба қарз (с. 70)

**Расми 42.** Пешниҳодҳои соҳибкорон оид ба васеъ намудани дастрасии соҳибкорон ба қарз (с. 70)

**Расми 43.** Манбаъҳои гирифтани иттилоот дар бораи барномаҳои дастгирӣ (с. 71)

**Расми 44.** Моликият доштани занони пурсидашуда. (с. 73)

**Расми 45.** Дараҷаи маълумоти занҳои пурсидашуда (с. 76)

**Расми 46.** Сабабҳои асосии гирифтани маълумоти иловагӣ ё ихтисоси нав (дар миқёси шаҳр ва деҳот) (с. 78)

**Расми 47.** Сабабҳои маълумоти иловагӣ гирифтанро нахостани занон (с. 78)

**Расми 48.** Миқдори кӯдакони занҳои пурсидашуда (с. 81)

**Расми 49.** Фикри занон дар бораи қолабҳои гендерӣ (с. 82)

**Расми 50.** Фикри посухдиҳандагон дар миқёси шаҳр ва деҳот: «Вазифаи зан – оила, кору бори хона ва парастории кӯдакон аст. Зан набояд кор кунад» (с. 83)

**Расми 51.** Имкониятҳои иқтисодии худро арзёбӣ кардани занон (с. 85)

**Расми 52.** Имкониятҳои иқтисодии худро арзёбӣ кардани соҳибкорзанони пурсидашуда (с. 85)

**Расми 53.** Усулҳои ба нақша гирифтаи посухдиҳандагон барои беҳтар намудани имкониятҳои иқтисодии худ (с. 86)

**Расми 54.** Худбаҳодиҳӣ ба қобилияти васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии худ аз нуқтаи назари вуҷуд доштани маълумоти касбӣ (с. 87)

**Расми 55.** Омилҳое, ки ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон мусоидат мекунанд (с. 89)

**Расми 56.** Самтҳои афзалиятноки тадбирҳои давлатӣ барои васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон (с. 89)

## ФЕҲРИСТИ ҶАДВАЛҲО

**Ҷадвали 1.** Шумораи кластерҳо (ВИИ) дар миқёси табақаҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ мувофиқи минтақаҳо (с. 28)

**Ҷадвали 2.** Занҳои пурсидашуда мувофиқи синну сол (с. 29)

**Ҷадвали 3.** Ҷинси сардори хонавода аз рӯи намуди маскуншавӣ ва минтақаҳо (%) (с. 38)

**Ҷадвали 4.** Манбаъҳои даромади хонаводаҳо аз рӯи ҷинси сардори хонавода (%) (с. 40)

**Ҷадвали 5.** Шумораи миёнаи аъзоёни коркунандаи хонаводаҳо дар синни 15-сола ва аз ин боло аз рӯи ҷинс (нафар) (с. 42)

**Ҷадвали 6.** Сабабҳои асосии ягон вақт кор накардани занҳои пурсидашуда (%) (с. 46)

**Ҷадвали 7.** Сабабҳои асосие, ки бо таъсири онҳо барои занҳо ба кор даромадан душвортар аст (%) (с. 48)

**Ҷадвали 8.** Манбаъҳои маблағгузории ХДФ дар соли 2021 мувофиқи минтақаҳо (%) (с. 51)

**Ҷадвали 9.** Мушкилоти истеҳсолии асосии ХДФ дар солҳои 2020-21 дар миқёси минтақаҳо (%) (с. 51)

**Ҷадвали 10.** Мақоми бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи синну соли занони пурсидашуда (%) (с. 54)

**Ҷадвали 11.** Манбаъҳои маблағгузории фаъолияти соҳибкорӣ дар соли 2021 (%) (с. 55)

**Ҷадвали 12.** СЕ МУШКИЛОТИ АСОСИИ рушди бизнесро арзёбӣ намудани соҳибкорзанон аз рӯи мақоми ҳуқуқии онҳо (%) (с. 58)

**Ҷадвали 13.** Фикри посухдиҳандагони соҳибкор дар бораи омилҳои асосие, ки ба рушди бомуваффақияти фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунанд (%) (с. 60)

**Ҷадвали 14.** Рӯйхати манбаъҳои шахсии даромади занҳои пурсидашуда (с. 63)

**Ҷадвали 15.** Занҳои пурсидашуда бо даромади якмоҳаи худ чиҳо харида метавонанд ё онро ба чиҳо сарф карда метавонанд? (%) (с. 64)

**Ҷадвали 16.** Посухдиҳандагон пасандозҳоро бештар бо кадом мақсадҳо истифода мебаранд? (%) (с. 65)

**Ҷадвали 17.** Аз ҷониби посухдиҳандагон арзёбӣ карда шудани се сабаби асосии душвор будани қарзгирӣ барои занҳо аз рӯи намуди маскуншавӣ (%) (с. 69)

**Ҷадвали 18.** Манбаъҳои гирифтани иттилоот дар бораи барномаҳои дастгирии соҳибкорзанон ва хоҷагиҳои фермерӣ (ба ҳисоби %, аз шумораи умумии шахсоне, ки дар бораи ин барномаҳо шунидаанд) (с. 72)

**Ҷадвали 19.** Ҳиссаи занҳои пурсидашудае, ки дар 2 соли охир дар ҷои истиқомат дар ягон тренинг оид ба соҳибкорӣ ё рушди хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ иштирок кардаанд (ба ҳисоби % аз шумораи умумии посухдиҳандагон) (с. 72)

**Ҷадвали 20.** Дараҷаи маълумоти аъзоёни пурсидашудаи 18-сола ва аз ин болои хонаводаҳо аз рӯи ҷинс (%) (с. 75)

**Ҷадвали 21.** Муассисаю ташкилотҳое, ки, ба фикри посухдодагон, дар онҳо маълумоти иловагӣ гирифтан мумкин аст, дар миқёси шаҳру деҳот (%). (с. 77)

**Ҷадвали 22.** Шахсони бо кори бемузди хонагӣ машғулбуда аз рӯи ҷинс тибқи маълумоти МҚК -2016 (%) (с. 80)

**Ҷадвали 23.** Бо ашёи рӯзғори истифодаашон дарозмуҳлат таъмин будани аҳолии ҶТ (ба 100 оила, адад) (с. 81)

**Ҷадвали 24.** Андозаи миёнаи нафақаи ҳисоб кардашуда мувофиқи минтақаҳо аз рӯи ҷинс дар соли 2019 (ба ҳисоби сомонӣ)

**Ҷадвали 25.** Нишондиҳандаҳои Тоҷикистон аз рӯи тайёрӣ ба рушди технологияҳои пешқадам (раддабандӣ дар байни 158 мамлакат) дар соли 2020 (с. 92)

**Ҷадвали 26.** Шумораи донишҷӯёни мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ, аз ҷумла занон, мувофиқи гурӯҳҳои ихтисос дар соли 2021/2023 (с. 94)

## ФЕҲРИСТИ ИЛОВАҲО

**Иловаи 1.** Аз Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030. Тадбирҳои асосӣ барои ба даст овардани ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаи васеъ намудани шуғли пурмаҳсул. (с.5)

**Иловаи 2.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 35. (с.30)

**Иловаи 3 .** Аз барномаи давлатии шуғли аҳолӣ дар ҶТ барои солҳои 2020-2022. §5. Мусоидат ба шуғли занон. (с.48)

**Иловаи 4.** Бонки Эсхата: «Мо соҳибкории занонро дастгирӣ менамоем!» (с.55)

**Иловаи 5.** Аз Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолии ҶТ дар давраи то соли 2040. (с.65)

**Иловаи 6.** Аз Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 январи соли 2021, № 5. Дар бораи грантҳои Президенти ҶТ барои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021-2025. (с.71)

**Иловаи 7.** Кодекси замини ҶТ. Моддаи 10. Заминистифодабарандагон (с.74)

**Иловаи 8.** Аз Консепсияи рушди шуғли маҳсулноки аҳолии ҶТ барои давраи то соли 2040 (с.77)

**Иловаи 9.** Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон (АМЗСТ). (с.79)

**Иловаи 10.** Андозаи кӯмакпулиҳои оилавӣ дар Тоҷикистон. (с.87)

**Иловаи 11.** Нишондиҳаҳои соҳавии Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар ҶТ барои солҳои 2021–2025. (с.92)

**Иловаи 13.** БРСММ бо дастгирии молиявии ҳукумати Федератсияи Россия лоиҳаи «Мустаҳкам намудани ҷамъиятҳо дар вилояти Хатлон ва водии Рашти Тоҷикистон»-ро, ки ба васеъ намудани имкониятҳои ичтимоию иқтисодии аҳолии деҳот нигаронида шудааст, амалӣ менамояд. (с.95)

**Иловаи 12.** Қонуни ҶТ «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз». Моддаи 11. Истифодаи чораҳои мусбат. (с.95)

# ТАВСИФИ МУХТАСАР

## МЕТОДОЛОГИЯИ ТАДҚИҚОТ

**МАҚСАДИ ТАДҚИҚОТ**: Ошкор намудани монеаҳо дар роҳи таъмини баробарҳуқуқии гендерӣ дар соҳаи иқтисод ва таҳияи тавсияҳо оид ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон.

**ГУРӮҲИ ЗЕРҲАДАФИ ТАДҚИҚОТ**: Занони 18 – 65-сола ва аъзоёни хонаводаи онҳо. Тадқиқоти саҳроӣ дар моҳҳои май-августи соли 2022 гузаронда шуд.

**УСУЛҲО**:

1. Тадқиқоти кабинетӣ (тадқиқоти такрорӣ, тавзеҳи қонунгузорӣ, стратегияҳо ва барномаҳо, омори гендерӣ ва ғ.)

2. Пурсиши хонаводаҳо бо усули мусоҳиба дар асоси анкетаи стандартӣ

**ИНТИХОБ**

Барои пурсиши хонаводаҳо интихоби минтақавӣ, табақабандишуда, квотавӣ (мувофиқи синну сол) ташкил карда шуд. Табақабандӣ (стратификатсия) дар дохили минтақаҳо аз рӯи намуди маскуншавӣ: шаҳр ва деҳот амалӣ карда шуд. Ҳамагӣ 9 табақа (страта) ташаккул дода шуд. Ҳамаи вилоятҳо ва НТҶ, ғайр аз ш. Душанбе ба табақаҳои деҳотӣ ва шаҳрӣ тақсим карда шуданд

Пурсиш дар ҳамаи 5 воҳиди маъмурию ҳудудии мамлакат, дар 12 шаҳр ва 32 маҳалли аҳолинишини деҳот гузаронда шуд. Дар ҳар як кластер (ВИИ) 20-тогӣ хонавода мавриди пурсиш қарор дода шуд. Дар тадқиқот дар асоси анкетаи стандартикунонидашуда 1000 нафар зани гуногунсол тибқи квотаҳои синнусолӣ пурсида шуданд.

Дар ҳар як хонавода сардори хонавода ва як нафар зани 18-сола ва аз ин боло, ки аз рӯи квотаи синнусолӣ бо усули интихоби тасодуфӣ мувофиқи рӯзи таваллуди охирин интихоб шудааст, пурсида шуд. Аз сардори хонавода дар бораи ҳамаи аъзоёни хонавода, аз ҷумла занон ва мардон, калонсолон ва кӯдакон: дар бораи синну сол, маълумот, шуғли аъзоёни хонавода, дараҷаи некӯаҳволии моддии хонавода маълумот гирифта шуд.

Дар хонаводаҳои пурсидашуда ҳамагӣ 6256 нафар зиндагӣ мекунад. Аз онҳо: 3065 нафар (49%) - мардҳо, 3191 – занҳо (51%). Шумораи умумии аъзоёни 15-сола ва аз ин болои хонаводаҳо 4219 нафарро ташкил медиҳад.

Дар ҳисобот иттилоот дар бораи шуғл ва маълумоти аъзоёни хонаводаи синни 15-сола ва аз ин боло - 2011 нафар мард ва 2208 нафар зан таҳлил карда мешавад.

## ВАСЕЪ НАМУДАНИ ҲУҚУҚУ ИМКОНИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ ЗАНОН ЧИҲОРО ДАР БАР МЕГИРАД?

Ҳуқуқҳои иқтисодии инсон, занону мардон озодии фаъолиятро дар соҳаи истеҳсол, мубодила, тақсим ва истеъмоли молу хизматҳо фаро гирифта, бо ҳуқуқи соҳибии моликият ва дигар неъматҳои молумулкӣ алоқаи бевосита доранд.

Тибқи Конвенсияҳои байналмилалӣ ва санадҳои ҳуқуқии миллӣ, ба ҳуқуқҳои иқтисодии занон инҳо дохил мешаванд:

- Ҳуқуқ ба меҳнати сазовор
- Ҳуқуқ ба озодии соҳибкорӣ
- Ҳуқуқ ба подоши сазовор
- Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва таҳкими нерӯ
- Ҳуқуқ ба моликият ва ғ.

Васеъ намудани хуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои занони Тоҷикистон раванде мебошад, ки имконияту қобилияти занонро барои истифода бурдани ҳуқуқҳои кафолатдодаи конститутсия, захираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, беҳтар намудани некӯаҳволии иқтисодии худ дар бар мегирад.

Васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодӣ ба занҳо шароит фароҳам меорад, ки аз ҳуқуқҳои худ самаранок истифода баранд, ба захираҳо, дороиҳо, даромадҳо ва вақти худ назорат кунанд ва аз онҳо фоида гиранд, инчунин хатарҳоро идора намоянд ва вазъи иқтисодӣ ва некӯаҳволии худро беҳтар созанд.

## ВАЗЪИ ИҶТИМОИИ ХОНАВОДАҲОИ ПУРСИДАШУДА

**Тавсифи иҷтимоию демографӣ**. Дар хонаводаҳои пурсидашуда ҳамагӣ 6256 нафар зиндагӣ мекунад. Аз онҳо: 3065 нафар (49%) - мард, 3191 – нафар зан (51%). Андозаи миёнаи хонаводаҳо дар маҷмуъ 6,3 нафарро ташкил медиҳад. Аз онҳо ба ҳисоби миёна: мардҳо (18-сола ва аз ин боло) - 1,8 нафар, занҳо (18-сола ва аз ин боло) – 2,1 нафар, кӯдакони то 18-сола – 2,3 нафар. Дар шаҳр андозаи миёнаи хонаводаҳо 5,2 нафар, дар деҳот – 6,8 нафарро ташкил медиҳад.

Аъзоёни то 18-солаи хонаводаҳо зиёда аз 39%, аъзоёни оилаи синнашон аз 19 то 30-сола қариб 21%-ро ташкил медиҳанд. Синни ҳар як аъзои сеюми хонавода 31-60-сола мебошад. Аз 60-сола боло – 7,5%.

**Манбаъҳои даромади хонаводаҳо.** Манбаъҳои даромади хонаводаҳои пурсидашуда басо гуногун мебошанд. Манбаи даромади ҳар як оилаи дуюмро музди меҳнати аъзоёни оила, ки дар ташкилотҳои буҷетӣ ба таври кироя кор мекунанд, дар 42,3% хонаводаҳо – интиқоли пул, 38 фоизӣ – даромад аз замини наздиҳавлигӣ, нафақа ва кӯмакпулиҳо ташкил медиҳад. Дар ҳар як хонаводаи сеюм аз корҳои муваққатӣ/

якдафъаина даромад мегиранд. Қариб 31% хонаводаҳо буҷети худро аз фаъолияти соҳибкорӣ пур мекунанд.

Бисёре аз хонаводаҳо интиқоли маблағи муҳоҷири меҳнатӣ (қариб 30%) ва андаке бештар аз 28%-и хонаводаҳо музди меҳнати аъзоёни оиларо манбаи асосии даромади худ номиданд. Қайд кардан зарур аст, ки 19,3% хонаводаҳо соҳибкориро манбаи асосии даромади худ мешуморанд.

**Тавсифи хонаводаҳо аз рӯи ҷинси сардори хонавода**. Тибқи натиҷаҳои пурсиш, қариб ба 77%-и хонаводаҳо мардҳо ва ба каме бештар аз 23%-и хонаводаҳо занҳо сардорӣ мекунанд. Дар шаҳр ҳиссаи хонаводаҳои сардорашон зан (21,6%) назар ба деҳот каме бештар аст (25,8%). Дар хонаводаҳои сардорашон зан, дар муқоиса бо хонаводаҳои сардорашон мард, хусусиятҳои зеринро мушоҳида кардан мумкин аст:

- шумораи миёнаи аъзоёни хонавода камтар аст;
- дар байни аъзоёни хонавода занҳо бисёртар ва мардҳо камтаранд
- шумораи миёнаи кӯдакони то 18-сола камтар аст;
- миқдори калонсолон камтар аст;
- миқдори мардҳои коркунанда камтар ва миқдори занҳои коркунанда бисёртар аст.

Дар байни хонаводаҳои сардорашон зан ҳиссаи хонаводаҳое, ки манбаи даромадашон нафақа, кӯмакпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ мебошад, қариб ду маротиба зиёд аст. Инчунин фоизи хонаводаҳои манбаи даромадашон музди меҳнати аъзоёни оила дар ташкилотҳои буҷетӣ зиёд мебошад (54,1%). Дар хонаводаҳои сардорашон мард чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди интиқоли маблағ, корҳои муваққатии якдафъаина, даромад аз хоҷагии деҳқонӣ ва чорвопарварӣ баландтар мебошанд.

## ЗАНҲО ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

**Шуғли аъзоёни хонвода аз рӯи ҷинс**. Натиҷаҳои пурсиш ба таври аёнӣ нишон медиҳанд, ки дараҷаи иштироки занони синни қобили меҳнат, чи дар қувваи корӣ ва чи дар шуғл, назар ба мардҳо камтар аст. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки ва хусусиятҳои рафтори занону мардон дар бозори меҳнат аз якдигар фарқ доранд.

Ба шуғли занҳо ва мардҳо тақсимоти гендерии нақшҳо, инчунин ҷудосозии (сегрегатсияи) васеъ паҳншудаи гендерии касбӣ таъсири калон мерасонад. Дар сатҳи шуғли мардҳо ва занҳо низ фарқияти зиёд ба назар мерасад. Агар дар байни ҳамаи аъзоёни пурсидашудаи 15-сола ва аз ин болои хонаводаҳо дар байни мардон 29,3% бо сабабҳои гуногун кор накунанд, пас дар байни занҳо ду маротиба зиёдтар – тақрибан 59,1% кор намекунанд.[3]

Дар байни занони 15-сола ва аз ин болои хонаводаҳои пурсидашуда аксариятро соҳибхоназанон (28,4%), дар байни мардҳо бошад, аксариятро муҳоҷирони меҳнатӣ

[3] Шумораи умумии аъзоёни 15-сола аз ин боло 4219 нафарро ташкил дод. Аз онҳо: 2011 мард ва 2208 зан.

ташкил медиҳанд (26,7%). Дар байни занон аксарият дар ташкилотҳои буҷетӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ кор мекунанд. Дар байни мардҳо аксарият дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд, корҳои муваққатӣ/якдафъаинаро иҷро менамоянд ё дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ба таври кироя кор мекунанд.

**Шуғли занҳои пурсидашуда (1000 нафар)**. Аз рӯи мақоми шуғл дар байни посухдиҳандагони пурсидашуда миқдори аз ҳама зиёдро соҳибхоназанон ташкил медиҳанд (28,5%). Сипас – соҳибкорони инфиродӣ[4] (18,0%) ва кормандони ташкилотҳои буҷетӣ. Андаке бештар аз 13%-ро роҳбарону аъзоёни ХДФ ташкил медиҳанд

Ҳиссаи донишҷӯдухтарон, бекорон, бо корҳои якдафъаина машғулбудагон ва нафақахӯрзанон тақрибан баробар аст. Тақрибан 4% пурсидашудагон ба таври кироя дар ташкилотҳои тиҷоратӣ кор мекунанд.

Омилҳои фарқкунандае, ки ба шуғли занон таъсир мерасонанд, навъи маскуншавӣ (шаҳр ва деҳот), дараҷаи маълумот, синну сол ва омилҳои минтақавӣ мебошанд. Дар шаҳрҳо қисми зиёди занон дар ташкилотҳои буҷетӣ ва тиҷоратӣ кор мекунанд, инчунин фоизи нафақахӯрзанон низ дар муқоиса бо деҳот зиёд мебошад. Ҳол он ки таносуби соҳибхоназанон якхела аст.

Таҳлили муқоисавии ҳайати соҳибхоназанон аз рӯи сатҳи маълумот робитаи зичи мутақобила бо мавҷудияти маълумоти касбиро ошкор намуд. Дар байни занҳои пурсидашудае, ки ягон хел маълумоти касбӣ надоранд, ҳиссаи соҳибхоназанон дар муқоиса бо заноне, ки ягон хел маълумоти касбӣ доранд, яъне ягон хел ихтисос доранд (12%), се маротиба зиёдтар аст (36%).

Дар байни духтарони 18-24-сола нишондиҳандаҳои намудҳои гуногуни шуғл пасттаранд, зеро 22%-и онҳо дар мактабҳои миёнаи махсус ё олӣ таҳсил мекунанд. Дар байни онҳо соҳибхоназанон тақрибан 29%-ро ташкил медиҳанд. Дар гурӯҳи синнусолии 25-39-сола ҳар як зани сеюм соҳибхоназан мебошад, дар гурӯҳи занони 40-58-сола бошад – 26,2%.

Дар айни замон аз шумораи умумии соҳибхоназанон ва нафақахӯрзанон 69,4 фоизашон умуман ягон вақт кор накардаанд. Ин се сабаби асосӣ дорад: ягон хел ихтисос надоранд (34,2%), кӯдаконашон хурдсол буда, ба онҳо парасторӣ зарур аст (30,2%) ва шавҳарашон иҷозат намедиҳад (27,7%). Дар гурӯҳи посухдодагоне, ки «шавҳарам иҷозат намедиҳад» гуфтанд, миқдори аз ҳама зиёдро занҳои дорои маълумоти ибтидоӣ ва миёнаи нопурра ташкил медиҳад (64%), аз НТҶ (45%) ва аз Душанбе (30%).

Он чиз боиси таваҷҷуҳ аст, ки дар байни занҳои дорои маълумоти олӣ ҳар як зани чорум (25%) ягон вақт кор накардааст. Дар байни онҳо аз се як ҳиссаро заноне ташкил медиҳанд, ки «шавҳарашон кор карданро манъ кардааст».

**Шуғли занҳои пурсидашуда чи дар бахши расмӣ ва чи дар бахши ғайрирасмӣ**. Аз шумораи умумии посухдиҳандагони соҳибкор 43% дар бахши ғайрирасмӣ кор мекунанд, зиёда аз 13% посухдиҳандагон бошанд, дар бахши ғайрирасмӣ корҳои муваққатии якдафъаинаро иҷро менамоянд. Ғайр аз ин намудҳои шуғл дар бахши ғайрирасмӣ, як қисми занҳо бе шартномаи расмӣ дар ташкилотҳои тиҷоратӣ, хоҷагиҳои фермерӣ ва ғ. кор мекунанд.

[4] Ба қатори соҳибкорон инчунин занҳое дохил карда шуданд, ки бидуни бақайдгирии расмӣ бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд.

**Имкониятҳои занону мардон барои ба кор даромадан**. Тибқи арзёбӣ, 58,8% мардону занони пурсидашда барои ба кор даромадан имкониятҳои баробар доранд. Аммо қариб 36% занҳо чунин мешуморанд, ки занҳо барои ба кор даромадан имконияти камтар доранд. 5,7% занон дар ҷавоб додан ба ин савол душворӣ кашиданд.

Омили фарққунанда дар арзёбии имкониятҳои занон инчунин вуҷуд доштани маълумоти касбӣ, яъне ихтисос мебошад. Зиёда аз 74% посухдиҳандагоне, ки ягон хел маълумоти касбӣ доранд, чунин мешуморанд, ки мардҳо ва занҳо дар масъалаи ёфтани кор ва ба кор даромадан имкониятҳои баробар доранд. Ҳол он ки дар байни занони бе маълумоти касбӣ, ки ягон хел ихтисос надоранд, ин нишондиҳанда камтар аз нисф – 46%-ро ташкил медиҳад.

Дар байни сабабҳое, ки кор ёфтан ва ба кор даромаданро душвор мегардонанд, посухдиҳандагон серкорӣ дар хона ва парастории кӯдакон, надоштани ихтисос, дастрасии маҳдуд ба иттилоот ва гирифтани ихтисоси зарурӣ, монеъшавии шавҳарону хешовандон, таъсири қолабҳои гендерӣ ва камфаъолиятии худи занонро номбар карданд. Дараҷаи маълумоти шавҳар ба иҷозат надодани ӯ ба кор кардани зан таъсири ҷиддӣ намерасонад.

**Шуғли занон дар хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ (ХДФ)**. Аксарияти кулли занони пурсидашуда – аъзоёни ХДФ дар хоҷагиҳои фермерие кор мекунанд, ки дар онҳо шумораи аъзоёни ХДФ аз 20 нафар зиёд нест ва бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ (мувофиқи қонунгузорӣ то 50 нафар) фаъолият менамоянд. На ҳамаи пурсидашудагон намуди ХДФ-и худро номбар карда тавонистанд ва на ҳамаи онҳо дорои шаҳодатномае мебошанд, ки саҳми замини онҳоро тасдиқ менамояд – 29,1%.

Дар ҳамаи минтақаҳо манбаи асосии маблағгузории хоҷагиҳои фермерӣ худмаблағгузорӣ ба шумор меравад. Қарзҳои бонкӣ манбаи дуюм ба ҳисоб мераванд, аммо ҳиссаи онҳо хеле камтар аст. Қисми зиёди хоҷагиҳои фермерӣ аз чунин манбаи маблағгузорӣ, ба монанди қарз аз шахсони алоҳида истифода мебаранд.

Тибқи натиҷаҳои пурсиш, ҳамаи хоҷагиҳои фермерии тамоми минтақаҳо проблемаҳои зиёд доранд. Чунин проблемаҳо, ба монанди об барои обёрӣ, нарасидани нурӣ ва техника ба фаъолияти онҳо монеъ мешаванд.

Солҳои охир фермерҳо торафт бештар проблемаи таъсири офатҳои табииро зикр мекунанд. Дар байни проблемаҳои истеҳсолӣ инчунин дастрасии маҳдуд ба хизматрасониҳои агросервисӣ, мушкилоти фурӯши маҳсулот, дараҷаи нокифояи дониши аъзоёни ХДФ оид ба агротехнологияҳо, коркард ва ғайра номбар карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки музди меҳнати аъзоёни хоҷагиҳои фермерӣ дар давоми сол ба таври мунтазам пардохт карда намешавад. Бештар фермерзанон як маротиба аз рӯи ҷамъбасти мавсим ё соле як маротиба музди меҳнат мегиранд. Қисми хеле ками занон барои меҳнати худ ҳар моҳ музд мегиранд.

Қариб ҳар як фермерзани пурсидашудаи дуюм барои меҳнати худ ба ҷои пул маҳсулоти истеҳсолшуда мегирад, ҳар як фермерзани чорум ҳам пул ва ҳам маҳсулот мегирад ва танҳо 24% занҳо барои меҳнати худ танҳо бо пул музд мегиранд. Бино-

бар ин, ҳар як фермерзани сеюм ба дигар намудҳои шуғл низ ҷалб шудааст. Даромад аз фаъолият дар ХДФ барои камтар аз 70% фермерзанони пурсидашуда манбаи асосии даромад ба ҳисоб меравад.

**Соҳибкорзанон.** Бо вуҷуди он ки аз ҷониби Ҳукумат барои дастгирии соҳибкории занон чораҳои зарурӣ андешида мешаванд, дар байни занҳои пурсидашуда танҳо 18% бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд. Тақрибан нисфи онҳо дар соҳаи соҳибкорӣ таҷрибаи 6-сола ва аз ин зиёд доранд.

Аз рӯи шакли бақайдгирӣ занҳои дар асоси патент коркунанда бештаранд, қисми на чандон зиёди онҳо дар асоси шаҳодатнома кор мекунад. Танҳо як нафар зан бизнеси худро чун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифтааст. Қисми дуюми посудиҳандагоне, ки бо соҳибкорӣ машғуланд, бидуни бақайдгирӣ кор мекунанд.

Ба мақоми бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ дараҷаи маълумот ва омили синнусолӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Ба қайд гирифта шудааст, ки синну соли занон ҳар қадар калон бошад, ҳамон қадар онҳо камтар дар бахши ғайрирасмӣ бо соҳибкорӣ машғул мешаванд. Дараҷаи маълумот ҳар қадар паст бошад, микдори заноне, ки бизнеси худро дар мақомоти расмӣ ба қайд нагирифтаанд, ҳамон қадар зиёдтар аст.

Таҳлили соҳаҳои фаъолияти соҳибкории занҳои пурсидашуда нишон медиҳад, ки самтҳои савдои чакана ва яклухт, хизматрасонии маишӣ ва хӯроки умумӣ назар ба самтҳои дигар бартарӣ доранд. Дар айни ҳол намуди маскуншавии занон ба интихоби соҳаҳои хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ таъсири ҷиддӣ намерасонад. Вале дар соҳаи савдои чакана ва яклухт бештар занони шаҳрӣ кор мекунанд.

Бо вуҷуди бартарияти калон доштани худмаблағгузории фаъолияти соҳибкорӣ (тақрибан 88%) соҳибкорзанон инчунин дигар манбаъҳои маблағгузориро низ истифода мебаранд, аз қабили қарзҳои бонкӣ, қарз аз шахсони алоҳида ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд. Занони деҳот, дар муқоиса бо занони шаҳрӣ, барои дастгирии молиявӣ бештар ба шахсони алоҳида ва ташкилотҳои молиявии хурд муроҷиат мекунанд.

Солҳои охир ривоҷ ёфтани барномаҳои бонкӣ оид ба дастгирии фаъолияти соҳибкории занон дар ҷумҳурӣ ба афзоиш ёфтани муроҷиатҳои соҳибкорзанон ба бонкҳо барои дастгирӣ мусоидат менамояд. Тақрибан 29% соҳибкорзанони пурсидашуда дар байни манбаъҳои маблағгузорӣ истифодаи қарзҳои бонкӣ ва каме бештар аз 3% қарзҳои ташкилотҳои молиявии хурдро номбар карданд. Пеш аз ҳама таъсири дараҷаи маълумоти занон боиси таваҷҷуҳ аст. Дараҷаи маълумот ҳар қадар баландтар бошад, ҳиссаи соҳибкорзаноне, ки дар байни манбаъҳои маблағзорӣ дар соли 2021 аз қарзҳо истифода мебаранд, ҳамон қадар бештар аст.

Тақсимоти минтақавии манбаъҳои маблағгузорӣ дар байни минтақаҳо фарқиятҳои муайянро ошкор менамояд. Худмаблағгузорӣ дар Душанбе, Хатлон ва НТҶ назар ба ВМКБ ва Суғд бештар мушоҳида карда мешавад. Дар навбати худ дар ВМКБ ва Суғд ҳиссаи истифодаи қарзҳои бонкӣ барои инкишоф додани фаъолияти соҳибкорӣ, дар муқоиса бо минтақаҳои дигар, зиёдтар аст. Дар ВМКБ инчунин фоизи истифодаи қарзҳои ташкилотҳои молиявии хурд хеле зиёдтар мебошад.

**Мушкилоти асосии рушди бизнес.** Ҳангоми арзёбии мушкилоту монеаҳои асосии рушди бизнес фоизи аз ҳама зиёди занон нарасидани маблағҳои молиявӣ, андози вазнин (58,4%) ва тафтишҳои сершуморро номбар карданд. Сипас, мушкилоти таҷҳизоти куҳнашуда, дастрасии маҳдуд ба қарз ва вуҷуд надоштани дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ ва Интернет. Дар поёни рӯйхат мушкилотҳое ҷой гирифтаанд, ки бо сатҳи нокифояи дониш оид ба ташкили истеҳсолот ва ихтисоси кормандон алоқаманд мебошанд.

Таҳлили муқоисавии ҷавобҳои посухдиҳандагони шаҳр ва деҳот фарқияти ҷиддиро дар арзёбии мушкилот ошкор намесозад. Вале бо вуҷуди ин дар байни соҳибкорзанони шаҳрӣ, дар муқоиса бо соҳибкорзанони деҳот, фоизи онҳое, ки аз тафтишҳои сершумор ва дастрасии маҳдуд ба қарзгирӣ розӣ нестанд, зиёдтар аст. Дар навбати худ, дар байни соҳибкорзанони деҳот ду маротиба бештар мушкилоти маҳдуд будани дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ ва интернет, инчунин аз ду маротиба бештар мушкилоти дарҷаи пасти дониш оид ба ташкили фаъолият/истеҳсолот номбар карда шуд.

Мақоми ҳуқуқии занҳои пурсидашуда ба арзёбии се мушкилот ва монеаи асосии рушди бизнеси онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонад. Занҳоеро, ки бидуни бақайдгирӣ кор мекунанд, дар муқоиса бо соҳибкорони дар фазои ҳуқуқӣ коркунанда, мушкилоти андозҳои вазнин ва тафтишҳои сершумор кам ба ташвиш меоранд. Вале онҳо дастрасии маҳдуд ба қарзҳо, ба технологияҳои иттилоотӣ, интернетро бештар ҳис мекунанд ва дониши онҳо оид ба фаъолият/истеҳсолот, дар муқоиса бо посухдиҳандагоне, ки бо бақайдгирии расмӣ кор мекунанд, камтар аст.

Қариб 82% посухдиҳандагон аз зумраи соҳибкорон тавонистанд, ки фоидаи соф ба даст оранд. Аксарияти пурсидашудагон аз ин гурӯҳи зерҳадаф (92%) даромади асосиро аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст меоранд.

Стратегияҳои нисбатан паҳншудаи гирифтани фоида бо васеъ намудани номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда ё рӯйхати хизматҳои расондашаванда, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва харидани таҷҳизоти замонавӣ алоқаманд мебошанд. Аз ҷониби соҳибкорзанон истифода гардидани имкониятҳои интернет дар пешбурди истеҳсоли маҳсулот ҳанӯз ҳамагӣ камтар аз 9 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳар як соҳибкорзани дуюм як қисми даромади якмоҳаи худро ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ сарф мекунад. Нишондиҳандаи баландтаринро занҳое доранд, ки дар асоси шаҳодатнома кор мекунанд. Бо сабабҳои гуногун ҳиссаи занҳое, ки бидуни бақайдгирии расмӣ кор карда, ба рушди бизнеси худ маблағгузорӣ мекунанд, аз ҳама кам аст.

Дар байни омилҳои мусбати асосие, ки ба рушди бомуваффақияти фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунанд, дастгирии аъзоёни оила ҳатто назар ба сабук кардани андозҳо ва васеъ намудани дастрасӣ ба қарзҳо болотар меистад. Қайд кардан лозим аст, ки дар ин масъала ҳамаи занҳо, сарфи назар аз мақоми ҳуқуқиашон, ҳамфиканд.

Ба ақидаи посухдиҳандагон, дастгирии аъзоёни оила омили муҳимест барои пеш бурдани умуман бизнеси занон ва қабули қарорҳо дар бораи сармоягузориҳои нав ба бизнеси худ. Пурсидашудагоне, ки бидуни бақайдгирии расмӣ фаъолият мекунанд, бештар ба чунин омилҳо, ба монанди «дастрасӣ ба курсҳо ва барномаҳои таълимӣ» ва «дастрасӣ ба интернет ва технологияҳои иттилоотӣ» аҳамият медиҳанд.

## ДАСТРАСИИ ЗАНОН БА МОЛИЯ ВА ҚАРЗ

**Манбаъҳои даромади занҳои пурсидашуда.**

Натиҷаҳои пурсиш се гурӯҳи асосии манбаи даромади занҳои пурсидашударо нишон доданд:

1. Ёрии шавҳар, хешовандон
2. Даромади шахсӣ аз намудҳои гуногуни шуғл
1. Даромад аз моликият.

Даромади шахсӣ аз намудҳои гуногуни шуғл даромад аз замини наздиҳавлигӣ, аз фаъолияти соҳибкорӣ, аз маоши кори кироя ва ғайраро дар бар мегирад. Вале дар байни манбаъҳои гуногуни даромад ҳиссаи калонро ёрии волидон/хешовандон ташкил медиҳад. Инчунин ба рӯихати манбаъҳои берунаи даромад интиқоли пул ва пулҷудокунии шавҳар барои хароҷоти шахсӣ дохил мешаванд. Яъне, қисми зиёди занҳо аз ҷиҳати молиявӣ ба ёрии шавҳар ё дигарон эҳтиёҷ доранд.

Дар байни манбаъҳои даромадаи занҳои пурсидашуда ҳиссаи ёрии волидон/хешовандон, маош аз кори кироя ва даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ тахминан баробар аст. Ҳар як зани чорум аз ёрии волидон/хешовандон ва маблағҳои ҷудокардаи шавҳар барои хароҷоти шахсӣ вобастагии пурраи иқтисодӣ дорад. Дар байни занони шаҳрӣ вобастагии иқтисодии боз ҳам зиёдтар аз ёрии волидон/хешовандон мушоҳида карда мешавад.

**Амалҳои занон барои беҳтар намудани вазъи моддӣ**. Тибқи арзёбии посухдиҳандагони мо, барои қонеъ гардондани талаботи гуногун камтарин маблағи зарурии даромади шахсӣ бояд дар як моҳ 3715 сомонӣ (364$)-ро ташкил диҳад. Дар ин масъала талаботи занони шаҳр, дар муқоиса бо занони деҳот, бештар аст.

Ҳар як зани дуюм барои беҳтар намудани вазъи моддии худ ба кори иловагӣ даромад ё даромаданӣ аст. Сипас аз рӯи афзалиятнокӣ чунин амалҳо қарор мегиранд: тасмим гирифтаанд, ки ба курсҳои омӯзиши соҳибкорӣ дохил шаванд, кӯдаконашонро ба кӯдакистон монданд, худро чун соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифтанд ва курсҳои омӯзиши ихтисоси навро хатм карданд.

Вале бо вуҷуди қаноатманд набудани занҳои пурсидашуда аз шароити моддии худ, қариб ҳар як зани чорум барои беҳтар намудани вазъи моддиаш ягон чора намебинад.

Омилҳои фарққунандае, ки ба фаъолиятнокии занон таъсир мерасонанд, синну сол, минтақа ва маълумот мебошанд. Ба қайд гирифта шудааст, ки синну сол ҳар

қадар калонтар бошад, амалҳои занон барои беҳтар намудани вазъи моддии худ ҳамон қадар сусттаранд; сатҳи маълумот ҳар қадар баландтар бошад, посухдиҳангон ҳамон қадар фаъолтаранд. Дар микёси минтақаҳо гурӯҳҳои «нофаъол» бештар дар НТҶ, вилояти Хатлон ва ш.Душанбе мушоҳида карда мешаванд.

**Дастрасӣ ба қарз (кредит).** Ҳар як зани сеюм барои қарз ба бонк ё дигар ташкилотҳои молиявии қарздиҳӣ муроҷиат кардааст. Қариб аз се ду ҳиссаи пурсидашудагон сабаби нофаъолии худро вуҷуд надоштани зарурат ба қарз маънидод кард. Дар байни сабабҳои дигар инҳо номбар карда шуданд: тарс аз он ки қарзро дар вақташ баргардонда наметавонанд; иҷозат надодани шавҳар; надоштани кори доимӣ; фоизи калони қарз. Дар байни мақсадҳои қарзгирӣ қарзҳои истеъмолӣ бартарият доранд. Дар айни замон ҳар як қарзи чорум барои рушди бизнес истифода бурда шуд.

Умуман тахминан нисфи занҳои пурсидашуда чунин мешуморанд, ки ба занҳо, дар муқоиса бо мардҳо, қарз гирифтан душвортар аст. Дар байни арзёбиҳои занҳои деҳот ва шаҳр дар ин масъала фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад. Дар микёси минтақаҳо ду гурӯҳи мухолиф вуҷуд дорад. Тарафдорони чунин фикр, ки ба занҳо назар ба мардҳо қарз гирифтан душвортар аст, дар ВМКБ ва Суғд назар ба Душанбе ва НТҶ хеле камтаранд.

Фикри занҳои пурсидашуда оид ба душвории қарзгирӣ ба ду қисми баробар тақсим шуд. Тақрибан нисфи занон чунин мешуморанд, ки гирифтани қарз аз ҷиҳати ба расмият даровардани он осон аст, қисми дигар бошад, душвор ва хеле душвор мешуморад.

Вале, тибқи ҷавобҳо, занони пурсидашударо бештар душвор будани қарзгирӣ аз ҷиҳати молиявӣ (фоизҳо, комиссияҳо, хароҷотҳо) ба ташвиш меорад. Қариб 72% занони барои қарз муроҷиаткарда ин равандро «хеле душвор» ва «душвор» арзёбӣ намуданд.

Ду гурӯҳи сабабҳое номбар карда шуданд, ки дастрасии занонро ба қарз маҳдуд мекунанд. Яке аз сабабҳо бо маҳдуд будани дастрасии занон ба моликият – «ягон чиз надорам, ки ба гарав гузорам» вобаста аст, ду сабаби дигар бошад, бо омилҳои психологӣ марбутанд: тарс аз он ки қарзи гирифтаашонро дар вақташ баргардонда наметавонанд ва занҳо ба қувваи худ камтар боварӣ доранд».

Барои васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба қарз занҳо се тадбири асосиро пешниҳод мекунанд: кам кардани фоизҳо, осон намудани барасмиятдарорӣ ва гирифтани қарз бе гарав. Ба фикри соҳибкорзанон, барои васеъ намудани дастрасии соҳибкорон ба қарз дар баробари кам кардани фоизҳо зиёд кардани муҳлати пардохти қарз ва ба соҳибкорон додани имтиёзҳо ҳангоми қарзгирӣ муҳим аст.

**Огоҳии занон дар бораи барномаҳои дастгирӣ.** Дараҷаи нокифояи огоҳии занон дар бораи барномаҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатии дастгирӣ оид ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон ба қайд гирифта шуд. Танҳо 22%-и шумораи умумии занҳои пурсидашуда дар бораи ин ё он барномаи дастгирии соҳибкорзанон ва 7,8% - дар бораи барномаҳои дастгирии хоҷагиҳои фермерӣ шунидаанд.

Дар байни худи соҳибкорзанон ва аъзоёни ХДФ дараҷаи огоҳӣ дар бораи барномаҳои дастгирии занон баландтар аст. Дар байни соҳибкорони пурсидашуда ҳар як соҳибкори сеюм дар бораи барномаҳои дастгирии соҳибкорзанон шунидааст. Дар байни занони пурсидашуда аз зумраи аъзоёни хоҷагиҳои фермерӣ 15% дар бораи барномаҳои дастгирии ХДФ шунидаанд.

Сарфи назар аз он ки дар ҷумҳурӣ сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ оид ба мушкилоти соҳибкорӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ семинару тренигҳои зиёде мегузаронанд, танҳо қисми ками посухдиҳандагон бо тренингу семинарҳо фаро гирифта шуданд. Шумораи бештари посухдиҳандагон дар тренингҳо оид ба андозбандӣ ва тағйиротҳо дар Кодекси андози ҶТ (7,1%), инчунин оид ба базаи қонунгузорӣ ва масъалаҳои бақайдгирии соҳибкорон ва ХДФ (2,9%) иштирок карданд.

## МОНЕАҲОЕ, КИ БА ВАСЕЪ НАМУДАНИ ҲУҚУҚУ ИМКОНИЯТҲОИ ЗАНОН ХАЛАЛ МЕРАСОНАНД

Яке аз омилҳои доимие, ки ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон ва таъмини баробарҳуқуқии воқеии гендерӣ халал мерасонанд, дастрасии маҳдуд ба ҳамаи намудҳои захираҳо (замин, маблағ, моликият, маълумот, иттилоот ва ғ.) мебошад. Каме бештар аз 13% занони пурсидашуда дар моликияти худ квартира ё хона, қариб 2% - мошин ва қариб 1% биноҳои ғайриистиқоматӣ доранд.

**Дастрасӣ ба замин**. Дар деҳот дастрасӣ ба замин барои имкониятҳои иқтисодӣ ва некӯаҳволии моддии занон нақши муҳим мебозад. Аз шумораи умумии занҳои дар иқтисоди мамлакат машғулбуда 60,8% дар соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал меҳнат мекунанд. Дар байни мардҳо танҳо 35,5% дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд.

Дар амал ҳангоми тақсим кардани замин ҳодисаҳои табъизи мустақими занон кам рӯй медиҳанд. Вале аз сабаби нобаробарии имкониятҳо ва тафовутҳо занҳо дучори табъизи ғайримустақим мегарданд, аз ҷумла дар чаҳорчӯбаи фаъолияти ХДФ.

Аз соли 2016 то соли 2021 шумораи ХДФ-и сардорашон зан 1,3 маротиба аз 31041 то 39165 воҳид афзуд. Бо вуҷуди ин шумораи роҳбарони хоҷаҳои фермерӣ - занҳо дар соли 2021 дар муқоиса бо мардҳо 3 маротиба бештар буд. Ҳиссаи ХДФ-и сардорашон зан ҳамагӣ 23,5%-ро ташкил медиҳад. Илова бар ин ХДФ-и сардорашон зан ҳамагӣ 11%-и заминҳои киштро идора мекунанд.

**Дастрасӣ ба маълумоти касбӣ ва такмили ихтисос**. Дар васеъ намудани имкониятҳо қобилияти рақобатии занон дар бозори меҳнат вуҷуд доштани маълумоти касбӣ ва ихтисос нақши муайян мебозад. Дар байни аъзоёни 18-сола ва ин болои хонаводаҳои пурсидашуда танҳо 41,2% ягон хел маълумоти касбӣ, яъне ихтисос доранд. Дар байни занон шахсони ихтисоснок 1,5 маротиба камтар аст. Агар дар байни мардон ҳар марди дуюм маълумоти касбӣ дошта бошад, пас дар байни занон – танҳо ҳар як зани сеюм.

**Аз 1000 нафар зани пурсидашуда танҳо 38% маълумоти касбӣ доранд.** Яъне, тақрибан 62% занҳои пурсидашуда ягон ихтисос надоранд. Тибқи натиҷаҳои пурсиш, 47% занҳои пурсидашуда мехоҳанд маълумоти иловагӣ ё ихтисоси нав гиранд. Тақрибан 40% пурсидашудагон ба сифати яке аз сабабҳои асосии гирифтани маълумоти иловагӣ ихтисос надоштанашонро номбар карданд.

Зиёда аз нисфи занҳои пурсидашуда ба гирифтани маълумоти иловагӣ ё ихтисоси нав хоҳиш надоранд. Аз онҳо танҳо ҳар як зани сеюм инро бо он асоснок намуд, ки ихтисоси пештарааш ӯро қонеъ мекунонад. Посухдиҳандагони боқимонда сабабҳоеро номбар карданд, ки дастрасии онҳоро ба гирифтани маълумот маҳдуд мекунанд, аз ҷумла «вақт надорам, бо нигоҳубини кӯдакон ва корҳои хона машғулам», «шавҳарам/хешовандонам иҷозат намедиҳанд», «дар наздикӣ курсҳо нестанд, то он ҷо роҳ дур аст», «аздусар дар ноҳия кор нест».

**Меҳнати бемузди занон.** Барои таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ мушкилоти меҳнати бемузди занон ҷиҳати парастории аъзоёни оила якҷоя бо кор ва уҳдадориҳои оилавӣ халали ҷиддӣ мерасонад. Тибқи натиҷаҳои пурсиши мо, занҳо назар ба мардҳо барои иҷрои меҳнати бемузд ба ҳисоби миёна 2,7 маротиба бештар вақт сарф мекунанд. Агар занҳо дар як рӯз барои иҷрои меҳнати бемузди парастории кӯдакону пиронсолон, ба ҷо овардани корҳои гуногуни хона ва хизматрасонӣ ба аъзоёни оила қариб 8 соат сарф кунанд, пас мардҳо тақрибан 3 соат сарф мекунанд. Ҳам занҳо ва ҳам мардҳои деҳот дар муқоиса бо шаҳриён барои иҷрои меҳнати бемузд бештар вақт сарф мекунанд.

Яке аз монеаҳои шуғли занон рушди нокифояи инфрасохтори муассисаҳои томактабӣ, хусусан дар деҳот мебошад. Вазъи занҳои машғули меҳнати бемуздро таъмин набудани хонаводаҳо бо ашёи рӯзғори истифодаашон дарозмуҳлат душвортар мегардонад.

**Таъсири қолабҳои гендерӣ**. Натиҷаҳои пурсиш нишон медиҳанд, ки аксарияти занон ҳар рӯз фишори қолабҳои гендериро дар худ эҳсос менамоянд. Илова бар ин, қисми зиёди занҳо аллакай ба ин одат кардаанд ва бо ҳуқуқи овоз надоштанашон ҳангоми қабули қарорҳои бо тақдирашон алоқаманд ва бо вазъи мутеонаи худ муросо мекунанд.

Қолабҳои гендериро занҳо аз гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ: шаҳрӣ ва деҳотӣ, маълумотнок ва бе маълумот, ҷавонон ва пирон дастгирӣ менамоянд.

Дар масъалаи баҳодиҳии занҳо ба ин ё он қолаби гендерӣ, фарқияти муносибати занон нисбати қолабҳо оид ба тақсимоти нақши занон дар оила ва ҷомеа мухолифатҳои муайян дида мешаванд. Агар дар сатҳи оила қисми зиёди занон занро «нигаҳбони хонадон» шумурда, вазифаи ягонаи ӯро аз нигоҳубини хона ва кӯдакон, инчунин бечуну чаро итоат кардан ба шавҳари худ иборат донанд, пас дар мавриди баррасии масъалаи шуғл ва ба кор даромадани занон аллакай чунин ризоияти комил вуҷуд надорад. Дараҷаи маълумоти занҳои пурсидашуда ҳар қадар паст бошад, ҳиссаи мухолифони аз ҷониби занон мустақилона ҳал кардани масъалаи ба кор даромадани худ ҳамон қадар зиёд аст.

**Имкониятҳои иқтисодии худро арзёбӣ кардани занон.** Зиёда аз 64% занҳои пурсидашуда имкониятҳои иқтисодии худро, чун аксарияти занҳои дигар, дар сатҳи миёна арзёбӣ мекунанд. Ҳар як зани панҷум худро ба гурӯҳи сатҳи имконияташон паст ва қариб 8% - хеле паст мансуб медонад. Ҳиссаи аз ҳама ками посухдодагон имкониятҳои иқтисодии худро дар сатҳи баланд арзёбӣ намуд. Танҳо як нафар зан аз 1000 нафар чунин мешуморад, ки сатҳи имкониятҳои иқтисодиаш хеле баланд аст.

Омили фарққунандаи ин арзёбӣ вуҷуд доштани маълумоти касбӣ мебошад. Дар байни посухдиҳандагони бе маълумоти касбӣ ҳиссаи занҳои пурсидашудае, ки имкониятҳои иқтисодии худро дар сатҳи паст ва хеле паст арзёбӣ намуданд, ду маротиба зиёдтар аст.

Дар муқоиса бо гурӯҳҳои дигари посухдиҳандагон арзёбии нисбатан баланди иконниятҳои иқтисодӣ дар байни соҳибкорзанони пурсидашуда мушоҳида карда мешавад. Соҳибкорони бидуни бақайдгирӣ коркунанда, дар муқоиса бо соҳибкорони расман ба қайд гирифташуда, имкониятҳои иқтисодии худро камтар мешуморанд.

Тибқи натиҷаҳои пурсиш, аз се ду ҳиссаи посухдиҳандагон бовар доранд, ки минбаъд имкониятҳои иқтисодии худро беҳтар ва васеъ карда метавонанд. Ҳар як зани панҷуми пурсидашуда ҷавоб дод, ки аз афташ имкониятҳои худро беҳтар карда наметавонад. Қариб 7% занон чунин мешуморанд, ки имкониятҳои иқтисодии худро аниқ беҳтар карда наметавонанд. Посухдиҳандагони дорои маълумоти касбӣ, дар муқоиса бо посухдиҳандагони бемаълумот, ба қобилияти худ барои минбаъд беҳтар намудани имкониятҳои иқтисодӣ бештар боварӣ доранд.

**Дастрасии маҳдуди занон ба системаи ҳифзи иҷтимоӣ**. Фарқияти гендерии сатҳ ва сифати шуғл ба маҳдуд гардидани дастрасии занон ба системаи ҳифзи иҷтимоӣ, ки ба иштирок дар фаъолияти меҳнатӣ асос ёфтааст, бурда мерасонад. Бо сабаби фарқиятҳои гендерӣ дар соҳаи меҳнат дар таъминоти нафақа минбаъд фарқиятҳои гендерӣ ба вуҷуд меоянд. Тибқи омори расмӣ, дар охири соли 2019 андозаи миёнаи нафақаи занон 69%-и нафақаи миёнаи мардонро ташкил дод.

## ОМИЛҲО ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ВАСЕЪ НАМУДАНИ ИМКОНИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ ЗАНОН.

Душвории таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии занон пеш аз ҳама дар сершумор будани омилҳое мебошад, ки ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон таъсир мерасонанд. Душвории мазкур бо соҳаҳои гуногуни иқтисод алоқаманд мебошад.

Омилҳои асосие, ки ба васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занон мусоидат мекунанд, аз инҳо иборатанд:

1. Васеъ намудани дастрасӣ ба моликият, дороиҳо ва хизматрасониҳои молиявӣ
2. Бартараф намудани фарқият дар пардохти музди меҳнат ва таъмини имконияти гирифтани даромади сазовор

3. Баланд бардоштани дараҷаи маълумоти касбӣ, малакаҳо ва тайёрии касбӣ
4. Дастгирии соҳибкории занон
5. Мусоидат ба рушди инфрасохтор дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ, иваз намудани меҳнати хонагӣ барои нигоҳубини кӯдакон ва калонсолон

Ҳукумати Тоҷикистон солҳои зиёд аст ки дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ то ин ё он дараҷа аз тадбирҳои махсуси муҳлатнок, аз ҷумла квотаҳо барои духтарон барои дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ, грантҳои Президентӣ, истифода мебарад ва маблағгузории барномаҳоро барои дастгирии занон ва пешбурди баробарии гендерӣ тадриҷан зиёд мекунад. Аммо ба самаранокии барномаю чораҷӯиҳои амалишаванда диққати зарурӣ бояд дод. Бо назардошти тағйиротҳои технологие, ки чи дар соҳаи истеҳсолот ва чи дар соҳаи хизматрасонӣ ба амал меоянд, занҳоро ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи технологияҳои пешқадам фаъолонатар ҷалб кардан лозим аст.

**Азхуд намудани технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ (ТИК)**. Технологияҳои нав барои васеъ намудани имкониятҳои занону духтарон бо роҳи фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва имкониятҳо барои соҳибкории занон, пешниҳод намудани усулҳои нави хизматрасонӣ, пайдо кардани усулҳои кам кардани хавфҳо ва васеъ намудани доираи фаъолият иқтидори номаҳдуд доранд.

Технологияҳои рақамӣ барои кормандони музди меҳнаташон кам воситаи наҷот буда метавонанд, зеро онҳо тавассути ин технологияҳо бо кордиҳандагон тамос мегиранд ва аз ҷадвали тағйирёбандаи корӣ истифода мебаранд. Бартараф намудани дастрасии нобаробари занон ба ТИК барои ҳаёти иқтисодии занон имкониятҳои нав мекушояд.

Бо мақсади фаъолонатар ҷалб намудани занон ба равандҳои инноватсионӣ ва истифода бурдани технологияҳои пешқадам зарур аст, ки ба ихтисосгирии занон дар соҳаҳои илм, технологияҳо, инженерия ва математика (STEM/ ИТИМ) диққат дода шавад.

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми ҶТ, дар соли таҳсили 2021/2022 дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ дар байни донишҷӯёни ихтисоси «Илмҳои табиатшиносӣ» занҳо 32,1%, «Техникаи ҳисоббарор» - 25,5%, «Идоракунӣ» - 25,9%%, «Иқтисод ва ташкили истеҳсолот» - 21,4%, «Таҷҳизот» - 5,1%, «Техникаи радиоэлектронӣ» - 3,3%-ро ташкил медиҳанд.

Бо мақсади мустаҳкам намудани раванди омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва математикӣ, инчунин инкишоф додани тафаккури техникии насли наврас ва ҷавонон солҳои 2020-2040 дар Тоҷикистон «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва математикӣ дар соҳаи илм ва маориф» эълон шудаанд.

Соли 2021 Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои математикӣ, дақиқ ва табиатшиносӣ дар соҳаҳои маориф ва илм дар давраи то соли 2030 қабул карда шуд.

Дар заминаи номувозинатии гендерӣ дар соҳаи ихтисосгирии занон дар соҳаҳои илм, технологияҳо, инженерия ва математика (STEM/ ИТИМ) на ҳангоми вазифагузорӣ ва на ҳангоми муайян кардани афзалияту самтҳои амали Стратегия, аз ҷумла дар соҳаи оммавигардонии системаи иштирок дар омӯзиш ва рушди фанҳои математикӣ, дақиқ ва табиатшиносӣ, масъалаҳои гендерӣ ба назар гирифта намешаванд. Дар «Натиҷаҳои пешбинишаванда» низ ҷанбаҳои гендерӣ инъикос нагардидаанд.

**Баҳодиҳии занон ба имкониятҳои иқтисодии худ.**

Аксарияти занҳои пурсидашуда имкониятҳои иқтисодии худро, чун аксарияти занҳои дигар, дар сатҳи миёна арзёбӣ мекунанд. Ҳар як зани панҷум худро ба гурӯҳи сатҳи имконияташон паст ва қариб 8% - хеле паст мансуб медонад. Ҳиссаи аз ҳама ками посухдодагон имкониятҳои иқтисодии худро дар сатҳи баланд арзёбӣ намуд. Танҳо як нафар зан аз 1000 нафар чунин мешуморад, ки сатҳи имкониятҳои иқтисодиаш хеле баланд аст.

Дар байни гурӯҳҳои гуногуни посухдиҳандагони соҳибкор ҳиссаи шахсоне, ки имкониятҳои худро дараҷаи имкониятҳои худро паст мешуморанд, кам аст ва, баръакс, ҳиссаи онҳое, ки дараҷаи имкониятҳояшонро баланд мешуморанд, зиёд аст (13,2%).

Дар байни самтҳои афзалиятноки чораҳои давлатӣ ҷиҳати васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон инҳоро номбар кардан мумкин аст:

- Таҳия ва иҷрои сиёсат дар асоси стандартҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва принсипи «Ягон кас ақиб гузошта нашавад»
- Барои занон ташкил намудани ҷойҳои нави кор ва мусоидат ба шуғли пурмаҳсул
- Кам кардани ҷудосозии касбӣ ва фарқиятҳо дар пардохти музди меҳнат
- Таҳкими амнияти молиявии гуруҳҳои гуногуни занон дар давоми тамоми силсилаи ҳаёт
- Эътироф, кам ва аз нав тақсим кардани меҳнати бемузди парасторӣ ва иҷрои корҳои хона
- Дастгирии соҳибкории занон
- Таъмини захираҳои кофӣ барои ба даст овардани баробарии воқеӣ
- Дастгирии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмини ҳуқуқҳои занон ва ташаккул додани сиёсати гендерӣ дар ҳамаи сатҳҳо
- Сармоягузорӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоии гендерӣ
- Ҷамъоварии маълумотҳои асоснок ва муфассал барои арзёбии пешрафт дар таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии занон

# 1. МЕТОДОЛОГИЯИ ТАДҚИҚОТ

**МАҚСАДИ ТАДҚИҚОТ**: Ошкор намудани монеаҳо дар роҳи таъмини баробарҳуқуқии гендерӣ дар соҳаи иқтисод ва таҳияи тавсияҳо оид ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон.

**ВАЗИФАҲОИ ТАДҚИҚОТ:**

1. Омӯхтани дараҷаи шуғли занон дар минтақаҳои гуногун аз нигоҳи таъмини ҳуқуқ барои меҳнати сазовор.
2. Ошкор ва таҳлил намудани манбаъҳои гуногуни даромад ва дастрасии занон ба молия ва қарз (кредит).
3. Тадқиқи имкониятҳо ва монеаҳо дар роҳи амалисозии ҳуқуқ барои фаъолияти соҳибкорӣ.
4. Ошкор намудани омилҳои асосие, ки ба таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва васеъ намудани имкониятҳои иқтисодӣ мусоидат мекунанд ё монеъ мешаванд.
5. Таҳияи тавсияҳо оид ба рафъи монеаҳое, ки ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон халал мерасонанд.

**МАВЗУИ ТАДҚИҚОТ**: Монеаю душвориҳои васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон аз гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ.

**ГУРӮҲҲОИ ЗЕРҲАДАФИ ТАДҚИҚОТ**: Занони 18 – 65-сола ва аъзоёни хонаводаи онҳо.

Ҳангоми гузарондани тадқиқот чунин УСУЛҲО истифода мешаванд:

1. Тадқиқоти кабинетӣ (тадқиқоти такрорӣ, тавзеҳи қонунгузорӣ, стратегияҳо ва барномаҳо, омори гендерӣ ва ғ.)
2. Пурсиши хонаводаҳо бо усули мусоҳиба дар асоси анкетаи стандартӣ

Чаҳорчӯбаи ин тадқиқот бо вазифаю усулҳои дар боло номбаршуда маҳдуд шуда буд. Ба доираи масъалаҳои омӯхташаванда масъалаҳои иштироки посухдиҳандагон дар раванди қабули қарорҳо дар соҳаи меҳнат дохил карда нашуданд, инчунин оид ба маблағи мушаххаси музди меҳнат ва дигар манбаъҳои даромад маълумот ҷамъ оварда нашуд.

Тадқиқоти саҳроӣ дар моҳҳои май-августи соли 2022 дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ гузаронда шуд.

**ИНТИХОБ БАРОИ ПУРСИШИ ХОНАВОДАҲО**

Барои пурсиши хонаводаҳо интихоби минтақавӣ, табақабандишуда, квотавӣ (мувофиқи синну сол) ташкил карда шуд. Табақабандӣ (стратификатсия) дар дохили минтақаҳо аз рӯи намуди маскуншавӣ: шаҳр ва деҳот амалӣ карда шуд. Ҳамагӣ 9 табақа (страта) ташаккул дода шуд. Ҳамаи вилоятҳо ва НТҶ, ғайр аз ш. Душанбе ба табақаҳои деҳотӣ ва шаҳрӣ тақсим карда шуданд. Интихоби воҳидҳои ибтидоии ин-

тихоб (ВИИ) бо ёрии интихоби эҳтимолии тасодуфӣ амалӣ карда шуд. Ба рӯйхати умумии интихоб ҳамаи шаҳру ноҳияҳо дохил карда шуданд. Ба сифати кластерҳои деҳотӣ (ВИИ) деҳа/қишлоқ, дар шаҳрҳо – ноҳияҳо/микрорайонҳо/маҳаллаҳо, дар шаҳракҳо – маҳаллаҳо/кварталҳо интихоб карда шуданд. Дар ш. Душанбе ҳамаи 4 ноҳия ба интихоб дохил карда шуд.

Ҳамагӣ 32 кластери деҳотӣ ва 18 кластери шаҳрӣ ташкил карда шуд. Миқдори кластерҳо дар минтақаҳо мутаносибан бо шумораи умумии аҳолӣ муайян карда шуд. Бо назардошти он ки ҳаҷми интихоб дар ВМКБ барои гузарондани таҳлили миқдории маълумот дар миқёси минтақаҳо кофӣ набуд, қарор дода шуд, ки интихоби кластерҳо барои ВМКБ аз ҳисоби кам кардани онҳо дар минтақаҳои дигар зиёд карда шавад.

**Ҷадвали 1. Шумораи кластерҳо (ВИИ) дар миқёси табақаҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ мувофиқи минтақаҳо**

| Интихоби табақаҳо (стратаҳо) | Деҳа ё шаҳр | Миқдори кластерҳо (ВИИ) | Интихоби хонаводаҳо ва посухдиҳандагон |
|---|---|---|---|
| Душанбе | Шаҳр | 6 | 120 |
| НТҶ | Шаҳр | 2 | 40 |
| НТҶ | Деҳа | 7 | 140 |
| Суғд | Шаҳр | 5 | 100 |
| Суғд | Деҳа | 10 | 200 |
| Хатлон | Шаҳр | 3 | 60 |
| Хатлон | Деҳа | 12 | 240 |
| ВМКБ | Шаҳр | 2 | 40 |
| ВМКБ | Деҳа | 3 | 60 |
| **Миқдори умумӣ** | | **50** | **1000** |

Миқдори умумии интихоб 1000 хонаводаро аз 12 шаҳр ва 32 деҳаи ҷумҳурӣ ташкил дод. Дар ҳар як кластер (ВИИ) 20-тогӣ хонавода мавриди пурсиш қарор дода шуд.

Дар ҳар як хонавода сардори хонавода ва як нафар зани 18-сола ва аз ин боло, ки аз рӯи квотаи синнусолӣ бо усули интихоби тасодуфӣ мувофиқи рӯзи таваллуди охирин интихоб шудааст, пурсида шуд. Аз сардори хонавода дар бораи ҳамаи аъзоёни хонавода, аз ҷумла занон ва мардон, калонсолон ва кӯдакон: дар бораи синну сол, маълумот, шуғли аъзоёни хонавода, дараҷаи некӯаҳволии моддии хонавода маълумот гирифта шуд. Дар хонаводаҳои пурсидашуда ҳамагӣ 6256 нафар зиндагӣ мекунад. Аз онҳо: 3065 нафар (49%) - мардҳо, 3191 – занҳо (51%). Шумораи умумии аъзоёни 15-сола ва аз ин болои хонаводаҳо 4219 нафарро ташкил медиҳад. Ба ҳамин тариқ, дар ҳисобот иттилоот дар бораи шуғл ва маълумоти аъзоёни хонаводаи синни 15-сола ва аз ин боло - 2011 нафар мард ва 2208 нафар зан таҳлил карда мешавад.

Дар тадқиқот ҳамагӣ 1000 нафар зани гуногунсол тибқи квотаҳои синнусолӣ пурсида шуданд.

**Ҷадвали 2. Занҳои пурсидашуда мувофиқи синну сол**

| Синну сол | Миқдор, нафар | Фоиз |
|---|---|---|
| 18-24 | 205 | 20,5 |
| 25-39 | 425 | 42,5 |
| 40-58 | 294 | 29,4 |
| 59-65 | 76 | 7,6 |
| **ҶАМЪ** | **1000** | **100,0** |

**Василаҳои тадқиқот**. Пурсиш бо усули мусоҳиба дар асоси анкетаи стандартӣ гузаронда шуд. Дар анкета дар баробари саволҳои пӯшида баъзе саволҳои кушода истифода бурда шуданд. Дар анкета якчанд бахш пешбинӣ шудааст:

1. Маълумот дар бораи ҷои пурсиш ва анкета
2. Хусусиятҳои иҷтимоию демографии хонавода
3. Тавсифи иҷтимоию демографии посухдиҳандагон
4. Шуғли посухдиҳандагон
5. Маълумоти иловагӣ дар бораи аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ
6. Маълумоти иловагӣ дар бораи посухдиҳандагон – соҳибкорзанони инфиродӣ
7. Дастрасӣ ба молия ва қарз
8. Дараҷаи огоҳӣ дар бораи барномаҳои дастгирӣ
9. Худбаҳодиҳӣ ба имкониятҳои иқтисодӣ ва пешомадҳо
10. Пешниҳодҳои посухдиҳандагон дар бораи васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон

## 2. ВАСЕЪ НАМУДАНИ ҲУҚУҚУ ИМКОНИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ ЗАНОН ЧИҲОРО ДАР БАР МЕГИРАД?

Ҳуқуқҳои иқтисодии инсон, занону мардон озодии фаъолиятро дар соҳаи истеҳсол, мубодила, тақсим ва истеъмоли молу хизматҳо фаро гирифта, бо ҳуқуқи соҳибии моликият ва дигар неъматҳои молумулкӣ алоқаи бевосита доранд. Тибқи Конвенсияҳои байналмилалӣ ва санадҳои ҳуқуқии миллӣ, ба ҳуқуқҳои иқтисодии занон инҳо дохил мешаванд:

- Ҳуқуқ ба меҳнати сазовор
- Ҳуқуқ ба озодии соҳибкорӣ
- Ҳуқуқ ба подоши сазовор
- Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва таҳкими нерӯ
- Ҳуқуқ ба моликият ва ғ.

Дар ҳамаи мамлакатҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ маҳз занон аз оқибатҳои ҳуқуқпоймолкунии гендерӣ, фарқияти ҳанӯз ҳам вуҷуддоштаи пардохти музди меҳнат дар байни занон ва мардон, имкониятҳои маҳдуди пешравӣ дар мансаб ҷабри бисёр мебинанд. Ҷудо кардани одамон аз рӯи мансубияти ҷинсӣ (сегрегатсияи касбӣ), меҳнат дар ҷойҳои кории каммаош ва бемуҳофизат ба онҳо имконият намедиҳанд, ки худ ва оилаи худро ба қадри кофӣ таъмин намоянд. Имкониятҳои маҳдуди иқтисодии занон ба тамоми ҷомеа таъсири манфӣ расонда, нерӯи иқтисодии ҳамаро маҳдуд менамоянд, илова бар ин, занҳо аз табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ бо ҳуқуқпоймолкуниҳои чандтарафа ва мушкилоти зиёди иқтисодӣ дучор мешаванд.

**Иловаи 2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 35.**

Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад.

Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст.

Васеъ намудани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои занони Тоҷикистон раванде мебошад, ки имконияту қобилияти занонро барои истифода бурдани

ҳуқуқҳои кафолатдодаи конститутсия, захираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, беҳтар намудани некӯаҳволии иқтисодии худ дар бар мегирад.

**Расми 1. Самтҳои васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳи иқтисодии занону мардон**




Кам кардани фарқияти гендерии пардохти музди меҳнат дар байни занону мардон қисми ҷудонопазири васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занони Тоҷикистон ба шумор меравад. То охири соли 2020 таносуби музди меҳнати занон нисбат ба музди меҳнати мардон дар ҳамаи соҳаҳо 66,7%, дар бахши воқеӣ – 60,6%, дар бахши хизматрасонӣ 69%-ро ташкил медод.[5]

Васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳо ба занону мардон имконият медиҳад, ки ҳаёти худро ба нақша гиранд, ҳангоми пайдо шудани ин ё он мушкилоти ҳаётан муҳим худашон мустақилона қарор қабул намоянд, талаботу орзӯҳои худро амалӣ созанд. Ҳуқуқи мустақилона қарор қабул кардан эҳсоси васеъ гардидани имкониятҳоро ба вуҷуд меорад. Васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳо амалҳоеро дар бар мегирад, ки ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, дар ҷамъиятҳои маҳаллӣ ва дар оила тавассути гирифтани намудҳои гуногуни маълумот, манбаъҳои даромад, баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар масъалаҳои гуногун ва ғ. равона гардидаанд.

Васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳо озодии занонро барои изҳори ирода, дастрасии онҳоро ба барномаҳои расмии давлатӣ, фаъолиятнокии онҳоро берун аз хона, мустақилияти иқтисодӣ ва қобилияти харидории онҳоро афзун мегардонад. Дар ин масъала дастгирии таҳсилоти касбӣ нақши муҳим мебозад, зеро он имконият медиҳад, ки занҳо дар бозори меҳнат мавқеи устувор пайдо намоянд. Аммо вуҷуд надоштани инфрасохтори мувофиқ дар бисёр ноҳияҳои деҳот ва дастрасии маҳдуд ба хадамоти таъмини об, санитария, хадамоти иҷтимоӣ ва хадамоти парасторӣ ба васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои занон монеъ гардида, мушкилоту ташвишҳои ҳа-

[5] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Бозори меҳат дар ҶТ: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. Душанбе. 2021, с.377.

марӯзаи онҳоро вазнинтар менамоянд. Инчунин дастрасии маҳдуд ба иттилоот, хусусан дар ноҳияҳои деҳот, ки дар онҳо пайвастшавии босифат ба Интернет душвор аст, ба васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳо монеъ мешавад.

Васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодӣ ба занҳо шароит фароҳам меорад, ки аз ҳуқуқҳои худ самаранок истифода баранд, ба захираҳо, дороиҳо, даромадҳо ва вақти худ назорат кунанд ва аз онҳо фоида гиранд, инчунин хатарҳоро идора намоянд ва вазъи иқтисодӣ ва некӯаҳволии худро беҳтар созанд.

# 3. ВАЗЪИ ИҶТИМОИИ ХОНАВОДАҲОИ ПУРСИДАШУДА.

## 3.1. Тавсифи иҷтимоию демографӣ

Дар хонаводаҳои пурсидашуда ҳамагӣ 6256 нафар зиндагӣ мекунад. Аз онҳо: 3065 нафар (49%) - мард, 3191 – нафар зан (51%). Андозаи миёнаи хонаводаҳо дар маҷмуъ 6,3 нафарро ташкил медиҳад. Аз онҳо ба ҳисоби миёна: мардҳо (18-сола ва аз ин боло) - 1,8 нафар, занҳо (18-сола ва аз ин боло) – 2,1 нафар, кӯдакони то 18-сола – 2,3 нафар.

Дар шаҳр андозаи миёнаи хонаводаҳо 5,2 нафар, дар деҳот – 6,8 нафарро ташкил медиҳад.

**Расми 2. Миқдори миёнаи аъзоёни хонаводаҳо аз рӯи ҷинс ва кӯдакон (нафар)**




Чи тавре ки аз расми 3 маълум мешавад, дар зиёда аз нисфи хонаводаҳо (54%) шумораи умумии аъзоён 4- 6 нафарро ташкил медиҳад. Зиёда аз 28% хонаводаҳо аз 7-10 нафар, 10,5% - аз 1-3 нафар иборатанд, шумораи хонаводаҳое, ки дар онҳо зиёда аз 10 нафар зиндагӣ мекунанд, андаке бештар аз 7%-ро ташкил медиҳад.

**Расми 3. Миқдори аъзоёни хонаводаҳо дар шаҳр ва деҳот (%)**



Дар байни шаҳр ва деҳот аз ҷиҳати миқдори аъзоёни хонаводаҳо фарқияти ҷиддӣ ба назар мерасад. Агар дар шаҳр ҳиссаи хонаводаҳои шумораашон 1-3 нафар зиёда аз 17%-ро ташкил диҳад, пас дар деҳот он ҳамагӣ 7%-ро ташкил медиҳад. Ва, баръакс, дар деҳот ҳиссаи хонаводаҳое, ки зиёда аз 10 нафар аъзо доранд, қариб се маротиба бештар аст.

Аъзоёни то 18-солаи хонаводаҳо зиёда аз 39%, аъзоёни синнашон аз 19 то 30-сола қариб 21%-ро ташкил медиҳанд. Синни ҳар як аъзои сеюми хонавода 31-60-сола мебошад. Аз 60-сола боло – 7,5% (ниг. расми 4).

**Расми 4. Синни аъзоёни пурсидашудаи хонаводаҳо (%)**




## 3.2. Манбаъҳои даромади хонаводаҳо

Манбаъҳои даромади хонаводаҳои пурсидашуда басо гуногун мебошанд. Ҷойҳои аввалро манбаъҳои зерини даромад ишғол мекунанд: музди меҳнати аъзоёни хонавода, пулҳои фиристодаи муҳоҷирони меҳнатӣ, даромад аз заминҳои наздиҳавлигӣ, нафақа, кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ. Ҷои охирро даромад аз молу мулк (ба иҷора додани хона, бино ва ғ.) мегирад – 1,2%.

Манбаи даромади ҳар як оилаи дуюмро музди меҳнати аъзоёни оила, ки дар ташкилотҳои буҷетӣ ба таври кироя кор мекунанд, дар 42,3% хонаводаҳо – интиқоли пул, 38 фоизӣ – даромад аз замини наздиҳавлигӣ, нафақа ва кӯмакпулиҳо ташкил медиҳад. Дар ҳар як хонаводаи сеюм аз корҳои муваққатӣ/якдафъаина даромад мегиранд. Қариб 31% хонаводаҳо буҷети худро аз фаъолияти соҳибкорӣ пур мекунанд.

**Расми 5. Манбаъҳои даромади хонаводаҳо**




Инчунин қайд бояд кард, ки дар байни манбаъҳои даромади хонаводаҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ фарқияти калон вуҷуд дорад. Агар дар шаҳр дар байни манбаъҳои даромади хонаводаҳо фоизи аз ҳама зиёдро музди меҳнат ташкил диҳад (57,8%), пас дар деҳот даромад аз замини наздиҳавлигӣ (58,1%), нафақа ва кӯмакпулӣ (41,1%) ва интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил медиҳад. Ҳар як хонаводаи дуюми пурсидашудаи деҳот дар байни манбаъҳои даромад интиқоли пулро номбар кард. Дар хонаводаҳои шаҳрӣ ин нишондиҳанда қариб ду маротиба камтар аст (26,1%).

**Расми 6. Манбаъҳои даромади хонаводаҳо дар миқёси шаҳр ва деҳот (%)**




Зиёда аз 30% хонаводаҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ аз вуҷуд доштани чунин манбаъҳои даромад, ба монанди корҳои муваққатӣ ва якдафъаина, хабар доданд. Қариб 36% хонаводаҳои деҳот буҷети худро аз ҳисоби чорвопарварӣ пур мекунанд. Чи тавре ки натиҷаҳои пурсиш нишон доданд, бисёре аз хонаводаҳо интиқоли маблағи муҳоҷири меҳнатӣ (қариб 30%) ва андаке бештар аз 28%-и хонаводаҳо музди меҳнати аъзоёни оиларо манбаи асосии даромади худ номиданд. Қайд кардан зарур аст, ки 19,3% хонаводаҳо соҳибкориро манбаи асосии даромади худ мешуморанд.

**Расми 7. Манбаи асосии даромади хонаводаҳои пурсидашуда**




Дар миқёси шаҳр ва деҳот се манбаи асосии аввал бо якдигар мувофиқ меоянд. Аммо навъи маскуншавии посухдиҳандагон ба ҳар ҳол ба таносуби ин манбаъҳои даромад таъсир мерасонад. Дар хонаводаҳои деҳот дар байни манбаъҳои асосии даромад интиқоли маблағ ҷои якумро ишғол мекунад (36%), сипас – музди меҳнати аъзоёни оила (20,8%) ва даромад аз соҳибкорӣ. Ҳол он ки дар хонаводаҳои шаҳрӣ дар ҷои якум музди меҳнати аъзоёни оила, дар ҷои дуюм – даромад аз соҳибкорӣ (21,9%) ва дар ҷои сеюм интиқоли пул (19,4%) меистад.

**Расми 8. Манбаи асосии даромади хонаводаҳо дар шаҳр ва деҳот**




### 3.3. Баҳодиҳии хонаводаҳо ба дараҷаи некӯаҳволии моддии худ

Ба фикри сардорони ханаводаҳо ё шахсони ивазкунандаи онҳо, дар ҳар як хонаводаи дуюми пурсидашуда «пул барои маҳсулоти хӯрокворӣ ва либос мерасад, вале онҳо молҳои қиматро харида наметавонанд». Дар дохили нимаи дуюми хонаводаҳо дараҷаи некӯаҳволии моддӣ аз якдигар фарқ мекунад. Дар 7% хонаводаҳо «пул ҳатто барои хӯрок намерасад», қариб 27% қайд намуданд, ки «барои маҳсулоти хӯрокворӣ пули кофӣ доранд, вале он барои барои харидани либос ва молҳои дигар намерасад». Қариб 14% чунин мешуморанд, ки хонавода «харидҳои калон карда метавонад». Ҳиссаи хонаводаҳое, ки «қариб ҳама чизро харида метавонанд», тақрибан 3%-ро ташкил медиҳад (ниг. расми 9).

**Расми 9. Баҳодиҳии хонаводаҳо ба дараҷаи некӯаҳволии моддии худ**




Тибқи натиҷаҳои дар расми 10 инъикосгардида, дараҷаи некӯаҳволии моддӣ дар байни хонаводаҳои сардорашон зан ва хонаводаҳои сардорашон мард аз якдигар фарқ мекунад. Дар байни хонаводаҳои сардорашон зан ҳиссаи хонаводаҳое, ки «пулашон ҳатто барои хӯрок намерасад» (8,7%) ва хонаводаҳое, ки «барои маҳсулоти хӯроквори пули кофӣ доранд, вале он барои барои харидани либос ва молҳои дигар намерасад» зиёд аст (28,6%).

**Расми 10. Баҳодиҳии хонаводаҳо ба дараҷаи некӯаҳволии моддии худ аз лиҳози ҷинси сардори хонавода**




Дар хонаводаҳои сардорашон мард бар хилофи хонаводаҳои сардорашон зан ҳиссаи хонаводаҳое, ки «пулашон барои маҳсулоти хӯроквори ва либос мерасад, вале онҳо молҳои қиматро харида наметавонанд» (50,2%) ва хонаводаҳое, ки «харидҳои калон карда метавонанд» (14,7%), зиёд мебошад.

Сабаби паст будани дараҷаи некӯаҳволии хонаводаҳои сардорашон зан дар он аст, ки дар ин хонаводаҳо миқдори мардҳои калонсол ва коркунанда кам аст. Агар дар

байни хонаводаҳои сардорашон мард ҳамагӣ дар 4% хонаводаҳо мардҳои коркунанда набошанд, пас дар хонаводаҳои сардорашон зан қариб дар ҳар як хонаводаи чорум мардҳои коркунанда нестанд.

Сабаби дигар дар он аст, ки дар хонаводаҳои сардорашон зан бештар занон кор мекунанд. Бинобар ин бо сабаби ҷудо кардани одамон аз рӯи мансубияти ҷинсӣ (сегрегатсияи касбӣ) ва машғул будани занон бо корҳои каммаош дараҷаи умумии даромади хонаводаҳои «занона» паст мебошад.

Бо вуҷуди ин дар байни хонаводаҳои сардорашон зан ҳиссаи хонаводаҳое, ки «чизеро, ки хоҳанд, харида метавонанд», назар ба ҳиссаи хонаводаҳои сардорашон мард каме (қариб 4%) бештар аст. Аз рӯи нишондиҳандаи «метавонем харидҳои нави калон кунем» фарқият чандон зиёд нест. Ин далели он аст, ки дар ҳаёти ҳамарӯза мансубияти сардори хонавода аз рӯи ҷинс ба идоракунии самараноки хонавода монеъ намешавад.

## 3.4. Тавсифи хонаводаҳо аз рӯи ҷинси сардори хонавода

Тибқи натиҷаҳои пурсиш, қариб ба 77%-и хонаводаҳо мардҳо ва ба каме бештар аз 23%-и хонаводаҳо занҳо сардорӣ мекунанд. Дар шаҳр ҳиссаи хонаводаҳои сардорашон зан (21,6%) назар ба деҳот каме бештар аст (25,8%). Аз рӯи ин нишондиҳанда дар байни минтақаҳо низ тафовути муайян вуҷуд дорад. Агар дар вилояти Хатлон, Душанбе ва ВМКБ тақрибан ба ҳар як оилаи чорум занон роҳбарӣ кунанд, пас дар вилояти Суғд ва НТҶ – ба ҳар як хонаводаи панҷум.

**Ҷадвали 3. Ҷинси сардори хонавода аз рӯи намуди маскуншавӣ ва минтақаҳо (%)**

| | **Мард** | **Зан** | **Ҷамъ** |
|---|---|---|---|
| **Шаҳр** | **74,2** | **25,8** | **100,0** |
| **Деҳот** | **78,4** | **21,6** | **100,0** |
| Душанбе | 74,2 | 25,8 | 100,0 |
| ВМКБ | 75,0 | 25,0 | 100,0 |
| Вилояти Суғд | 79,7 | 20,3 | 100,0 |
| Вилояти Хатлон | 74,0 | 26,0 | 100,0 |
| НТҶ | 80,0 | 20,0 | 100,0 |
| **Ҳамагӣ** | **76,9** | **23,1** | **100,0** |

Чи тавре ки натиҷаҳои тадқиқоти мо ва дигар тадқиқотҳо нишон медиҳанд, дараҷаи некӯаҳволии моддии хонаводаҳо аз бисёр ҷиҳат ба шумора ва ҳайати аъзоёни хонаводаҳо, мавҷуд будани кӯдакони хурдсол ва омилҳои дигар вобаста мебошад.

Таҳлили муқоисавии ҳайати хонаводаҳои сардорашон мард ва сардорашон зан фарқиятҳои муайянро дар ҳайати онҳо ошкор менамояд. Дар хонаводаҳои сардорашон зан, дар муқоиса бо хонаводаҳои сардорашон мард, хусусиятҳои зеринро мушоҳида кардан мумкин аст:

* шумораи миёнаи аъзоёни хонавода камтар аст;
* дар байни аъзоёни хонавода занҳо бисёртар ва мардҳо камтаранд
* шумораи миёнаи кӯдакони то 18-сола камтар аст;
* миқдори калонсолон камтар аст;
* миқдори мардҳои коркунанда камтар ва миқдори занҳои коркунанда бисёртар аст.

**Расми 11. Ҳайати хонаводаҳо аз рӯи ҷинси сардори хонавода (шумораи миёнаи одамон)**




Маълумоти дар расми 12 пешниҳодшуда ба таври аёнӣ нишон медиҳад, ки дар байни хонаводаҳои андозаашон камтарин (1-3 нафар) ва андозаашон калонтарин (зиёда аз 10 нафар) фарқияти калон вуҷуд дорад. Агар дар хонаводаҳои сардорашон зан ва миқдори аъзоёнашон 1-3 нафар ҳисса 19%-ро ташкил диҳад, пас дар оилаҳои сардорашон мард – ҳамагӣ 8%-ро ташкил медиҳад. Ва, баръакс, ҳиссаи хонаводаҳои сардорашон зан, ки шумораи аъзоёнашон аз 10 нафар зиёд аст, дар муқоиса бо хонаводаҳои сардорашон мард (8,3%) зиёда аз ду маротиба камтар аст (3,5%).

**Расми 12. Миқдори аъзоёни хонаводаҳо аз рӯи ҷинси сардори хонавода**




Таҳлили муқоисавии манбаъҳои даромади хонаводаҳо аз рӯи ҷинси сардори хонавода рӯихати васеи онҳоро дар ҳарду намуди хонаводаҳо нишон медиҳад. Дар байни хонаводаҳои сардорашон зан ҳиссаи хонаводаҳое, ки манбаи даромадашон нафақа, кӯмакпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ мебошад, қариб ду маротиба зиёд

аст. Инчунин фоизи хонаводаҳои манбаи даромадашон музди меҳнати аъзоёни оила дар ташкилотҳои буҷетӣ зиёд мебошад (54,1%). Дар хонаводаҳои сардорашон мард чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди интиқоли маблағ, корҳои муваққатии якдафъаина, даромад аз хоҷагии деҳқонӣ ва чорвопарварӣ баландтар мебошанд.

**Ҷадвали 4. Манбаъҳои даромади хонаводаҳо аз рӯи ҷинси сардори хонавода (%)**

| Манбаъҳои даромади хонаводаҳо | Сардор мард аст | Сардор зан аст |
|---|---|---|
| 1 Музди меҳнати аъзоёни оила | 49,4 | 54,1 |
| 2 Даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ/бизнес | 31,0 | 30,7 |
| 3 Даромад аз ХДФ | 21,2 | 14,7 |
| 4 Даромад аз замини наздиҳавлигӣ | 38,9 | 36,4 |
| 5 Интиқоли пул | 43,8 | 38,1 |
| 6 Нафақа, кӯмакпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ | 31,0 | 61,5 |
| 7 Кори муваққатӣ/якдафъаина | 34,0 | 29,9 |
| 8 Даромад аз чорвопарварӣ | 24,0 | 20,8 |
| 9 Даромад аз молу мулк (ба иҷора додани хона, бино ва ғ.) | 1,0 | 2,2 |

# 4. ЗАНҲО ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

Ҳуқуқ барои меҳнати сазовор ҷузъи асосии ҳуқуқҳои иқтисодии занон ба шумор меравад. Иштирок дар бозори меҳнат яке аз манбаъҳои асосии васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодӣ махсуб мeёбад. Тибқи арзёбии Бонки ҷаҳонӣ аз рӯи шохиси «Занон, бизнес ва қонун» (WBL) барои соли 2021, дар Тоҷикистон дар як қатор соҳаҳо барои пешбурди баробарии гендерӣ дар соҳаи иқтисод заминаи устувори қонунгузорӣ ба вуҷуд оварда шудааст (78,8 хол мувофиқи ҷадвали аз 0 то 100. Дар он 100 маънои онро дорад, ки мардон ва занон ҳуқуқҳои юридикии баробар доранд). Қонунгузории Тоҷикистон барои ба мардону занон додани ҳуқуқҳои юридикии баробар бидуни ягон хел маҳдудкунӣ аз рӯи чор нишондиҳанда – серфаъолиятӣ, никоҳ, соҳибкорӣ ва моликият 100 хол гирифт.

Дар айни замон дар қонунгузории Тоҷикистон аз рӯи чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди Ҷои кор (50 хол), Музди меҳнат (50 хол), Волидӣ (80 хол), Нафақа (50 хол) меъёрҳое мушоҳида гардиданд, ки ба таъмини баробарҳуқуқии занон монеъ мешаванд.[6]

Натиҷаҳои Муоинаи қувваи корӣ (МҚК-2016) ба таври аёнӣ нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон дараҷаи иштироки занони синни қобили меҳнат, чи дар қувваи корӣ ва чи дар шуғл, назар ба мардҳо камтар аст ва хусусиятҳои рафтори онҳо дар бозори меҳнат як қатор фарқиятҳо дорад. Дар ҳоле ки ҳиссаи мардҳо дар байни аҳолии бо кор машғулбуда аз 53,4%-и соли 2004 дар соли 2016 то 59,5% зиёд гардид, ҳиссаи занҳо аз 46,6 фоизи соли 2004 дар соли 2016 то 40,5 фоиз кам шуд.[7]

Яке аз хусусиятҳои сохтори шуғли Тоҷикистон ҳиссаи зиёди кормандони кироя мебошад (34,8%.). Бо вуҷуди ин дар солҳои 2009-2016 дар сохтори мақоми шуғли аҳолии Тоҷикистон тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омаданд. Агар дар соли 2009 зиёда аз нисфи аҳолии коркунанда ба сифати кормандони кироя фаъолият кунанд, пас дар соли 2016 қариб 66% аҳолӣ худшуғл буданд, яъне худро мустақилона бо даромад таъмин мекарданд, на аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ. Ҳиссаи аъзоёни ёрирасони оила (8,5%) ва шахсони аз ҳисоби худ коркунанда (45,5%) чандон зиёд нест. Ҳиссаи кордиҳандаҳо 10,7%-ро ташкил дод.[8]

## 4.1. Шуғли аъзоёни хонвода аз рӯи ҷинс

Тибқи натиҷаҳои пурсиш, шумораи умумии аъзоёни хонаводаҳои синнашон 15 ва аз ин боло 4219 нафарро ташкил дод. Аз онҳо: 2011 нафар мард ва 2208 нафар зан. Шумораи миёнаи аъзоёни хонаводаи 15-сола ва аз ин боло 4,1 нафарро ташкил медиҳад. Аз онҳо ҳамагӣ 2,3 нафар кор мекунад. Аз ин шумора қисми зиёдро мардҳо ташкил медиҳанд – 1,4 нафар, занҳо – 0,9 нафар.

[6] Women, Business and the Law 2021: A Decade of Reform». International Bank for Reconstruction and Development / The World Bank.2021. https://wbl.worldbank.org/en/data/exploreeconomies/tajikistan/2021

[7] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Вазъият дар бозори меҳнати ҶТ. (Ҳисоботе, ки аз рӯи натиҷаҳои МҚК-и аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузарондашуда таҳия карда шудааст). 2017. с.17.

[8] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Вазъият дар бозори меҳнати ҶТ. (Ҳисоботе, ки аз рӯи натиҷаҳои МҚК-и аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузарондашуда таҳия карда шудааст). 2017, с.44.

**Ҷадвали 5. Шумораи миёнаи аъзоёни коркунандаи хонаводаҳо дар синни 15-сола ва аз ин боло аз рӯи ҷинс (нафар)**

| | Шумораи миёна | 95% фосилаи боварӣ | |
|---|---|---|---|
| | | Поёнӣ | Болой |
| 1. Ҳамагӣ дар хонавода, шахсони 15-сола ва аз ин боло | 4,1 | 4,0 | 4,2 |
| 2. Аз онҳо: кор мекунанд | 2,3 | 2,2 | 2,4 |
| 2.1 Мардҳо | 1,4 | 1,4 | 1,5 |
| 2.2 Занҳо | 0,9 | 0,8 | 0,9 |

Чи тавре ки аз расми 13 маълум мешавад, аз шумораи умумии аъзоёни 15-сола ва аз ин болои хонаводаҳо 56% дар муассисаҳо/корхонаҳои навъҳояшон гуногун кор мекунанд ё дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд. 44% аъзоёни хонавода кор намекунанд (таҳсил мекунанд, нафақахӯрон, соҳибхоназанон ё бекорон).

**Расми 13. Шуғли асосии аъзоёни хонавода (15-сола ва аз ин боло)**




Ба гуфти сардорони хонаводаҳо, дар 29%-и хонаводаҳо як нафарӣ кор мекунанд, дар 37,1%-и хонаводаҳо - 2 нафарӣ, дар 16,6%-и хонаводаҳо - 3 нафарӣ ва дар 17,5%-и хонаводаҳо 4 нафарӣ ва аз ин зиёд.

**Расми 14. Шумораи аъзоёни коркунандаи хонаводаҳо (15-сола ва аз ин боло)**



Омили фарққунандаи шуғли аъзоёни хонаводаҳо навъи маскуншавӣ мебошад. Барои хонаводаҳои шаҳрӣ, дар муқоиса бо хонаводаҳои деҳот,- бештар шуғли 1-2 нафар хос мебошад. Дар 36,5% хонаводаҳои шаҳрӣ танҳо 1 нафар кор мекунад, тақрибан дар 43% хонаводаҳо – 2 нафар. Дар хонаводаҳои деҳот бошад, ин нишондиҳандаҳо мувофиқан 24,6% ва 33,9%-ро ташкил медиҳанд. Дар байни хонаводаҳои деҳот аз рӯи шумораи коркунандаҳо 3 нафар ва аз ин зиёд манзараи баръакс мушоҳида карда мешавад. Агар дар байни хонаводаҳои шаҳрӣ танҳо дар 8,1% хонаводаҳо 4 нафар ва аз ин зиёд кор кунад, пас дар хонаводаҳои деҳот – 22,6%. Ба фикри мо, сабаби ин гуна вазъият калон будани андозаи хонаводаҳо дар деҳот ва омилҳои дигар мебошад.

**Расми 15. Миқдори аъзоёни коркунандаи хонаводаҳо аз рӯи намуди маскуншавӣ**




Умуман, ба шуғли занҳо ва мардҳо тақсимоти гендерии нақшҳо, инчунин ҷудосозии (сегрегатсияи) васеъ паҳншудаи гендерии касбӣ таъсири калон мерасонад. Тибқи натиҷаҳои тадқиқоти мо, инчунин дар сатҳи шуғли мардҳо ва занҳо низ фарқияти зиёд ба назар мерасад. Агар дар байни ҳамаи аъзоёни пурсидашудаи 15-сола ва аз ин болои хонаводаҳо дар байни мардон 29,3% бо сабабҳои гуногун кор накунанд, пас дар байни занҳо ду маротиба зиёдтар – тақрибан 59,1% кор намекунанд.

Маълумоти расми 16 инчунин фарқияти шуғли занону мардонро аз рӯи намудҳои гуногуни муассисаҳо/корхонаҳо ба таври аёнӣ нишон медиҳанд. Дар байни занон аксарият дар ташкилотҳои буҷетӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ кор мекунанд. Дар байни мардҳо аксарият дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд (27%), корҳои муваққатӣ/якдафъаинаро иҷро менамоянд (12,1%) ё дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ба таври кироя кор мекунанд (5,9%).

**Расми 16. Шуғли асосии аъзоёни 15-сола ва аз ин болои хонаводаҳо аз руи ҷинс (%)**



Тибқи маълумоти расми 16, дар байни занони 15-сола ва аз ин болои хонаводаҳои пурсидашуда аксариятро соҳибхоназанон (28,4%), дар байни мардҳо бошад, аксариятро муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил медиҳанд (26,7%).

## 4.2. Шуғли занҳои пурсидашуда

Аз рӯи мақоми шуғл дар байни посухдиҳандагони пурсидашуда миқдори аз ҳама зиёдро соҳибхоназанон ташкил медиҳанд – 28,5%. Сипас – соҳибкорони инфиродӣ[9] (18,0%) ва кормандони ташкилотҳои буҷетӣ (17,4%). Андаке бештар аз 13%-ро роҳбарону аъзоёни ХДФ ташкил медиҳанд.

**Расми 17. Шуғли посухдиҳандагон (дар давоми 12 моҳи охир)**




Ҳиссаи донишҷӯдухтарон, бекорон, бо корҳои якдафъаина машғулбудагон ва нафақахӯрзанон тақрибан баробар аст. Тақрибан 4% пурсидашудагон ба таври кироя дар ташкилотҳои тиҷоратӣ кор мекунанд. Яке аз омилҳои фарққунанда ҷои истиқомат мебошад. Дар шаҳрҳо қисми зиёди занон дар ташкилотҳои буҷетӣ ва тиҷоратӣ кор мекунанд, инчунин фоизи нафақахӯрзанон низ дар муқоиса бо деҳот зиёд мебошад. Ҳол он ки таносуби соҳибхоназанон якхела аст.

**Расми 18. Шуғли занони пурсидашуда дар шаҳр ва деҳот (дар давоми 12 моҳи охир)**




[9] Ба қатори соҳибкорон инчунин занҳое дохил карда шуданд, ки бидуни бақайдгирии расмӣ бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд.

Таҳлили муқоисавии ҳайати соҳибхоназанон аз рӯи сатҳи маълумот робитаи зичи мутақобила бо мавҷудияти маълумоти касбиро ошкор намуд. Дар байни занҳои пурсидашудае, ки ягон хел маълумоти касбӣ надоранд (тамоман бемаълумот, бо маълумоти ибтидоӣ, нопурра ё маълумоти миёна), ҳиссаи соҳибхоназанон дар муқоиса бо заноне, ки ягон хел маълумоти касбӣ доранд (ибтидоӣ, миёна, маълумоти нопурра ё олии касбӣ), яъне ягон хел ихтисос доранд (12%), се маротиба зиёдтар аст (36%).

Масалан, агар дар байни занони дорои маълумоти миёнаи нопурра 43,6%-ро соҳибхоназанон ташкил диҳанд, пас дар байни занони дорои маълумоти ибтидоии касбӣ ё маълумоти олӣ соҳибхоназанон ҳамагӣ 8%-ро ташкил медиҳанд. Омили фарққунандаи дигар синну сол мебошад. Дар байни духтарони 18-24-сола нишондиҳандаҳои намудҳои гуногуни шуғл пасттаранд, зеро 22%-и онҳо дар мактабҳои миёнаи махсус ё олӣ таҳсил мекунанд. Дар байни онҳо соҳибхоназанон тақрибан 29%-ро ташкил медиҳанд. Дар гурӯҳи синнусолии 25-39-сола ҳар як зани сеюм соҳибхоназан мебошад, дар гурӯҳи занони 40-58-сола бошад – 26,2%.

**Расми 19. Намудҳои шуғли ҷавонзанони 18-24-сола**




Ба шуғли занон мақоми оилавӣ таъсири ҷиддӣ мерсонад. Дар байни соҳибхоназанон ва нафақхӯрзанон ҳиссаи аз ҳама зиёдро занҳои шавҳардор (чи дар САҲШ (ЗАГС) ба қайд гирифташуда ва чи дар никоҳи динӣ) ташкил медиҳанд – 68,4%. Ҳол он ки занҳои бешавҳар танҳо 9,3% ва занҳои ҷудошуда ва бевамонда тахминан 14% -ро ташкил менамоянд.

Дар айни замон аз шумораи умумии соҳибхоназанон ва нафақахӯрзанон 69,4 фоизашон умуман ягон вақт кор накардаанд. Ин се сабаби асосӣ дорад: ягон хел ихтисос надоранд (34,2%), кӯдаконашон хурдсол буда, ба онҳо парасторӣ зарур аст (30,2%) ва шавҳарашон иҷозат намедиҳад (27,7%). Дар гурӯҳи посухдодагоне, ки «шавҳарам иҷозат намедиҳад» гуфтанд, миқдори аз ҳама зиёдро занҳои дорои маълумоти ибтидоӣ ва миёнаи нопурра ташкил медиҳад (64%), аз НТҶ (45%) ва аз Душанбе (30%).

Он чиз боиси таваҷҷуҳ аст, ки дар байни занҳои дорои маълумоти олӣ ҳар як зани чорум (25%) ягон вақт кор накардааст. Дар байни онҳо 29%-ро заноне ташкил медиҳанд, ки «шавҳарашон кор карданро манъ кардааст».

**Ҷадвали 6. Сабабҳои асосии ягон вақт кор накардани занҳои пурсидашуда (%)**

| Сабабҳои асосӣ | Шаҳр | Деҳот | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Шавҳарам манъ кард | 25,6 | 28,9 | 27,7 |
| Кӯдакон хурдсол буда, ба онҳо парасторӣ зарур аст | 37,8 | 26,2 | 30,3 |
| Ягон хел ихтисос надорам | 26,8 | 38,3 | 34,2 |
| Аз сабаби хуб набудани саломатӣ | 3,7 | 2,7 | 3,0 |
| Кор ёфта натавонистам | 0,0 | 2,0 | 1,3 |
| Дигар | 6,1 | 1,9 | 3,5 |
| Ҳамагӣ | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

Аз шумораи умумии соҳибхоназанон ва нафақахӯрзанон қариб 31% пештар кор мекарданд. Дар шаҳр ҳиссаи занҳое, ки пештар кор мекарданд, дар муқоиса бо ҳамин гуна занҳои деҳот зиёдтар аст (мувофиқан 36,4% ва 27%).

**Расми 20. Оё соҳибхоназанон ва нафақахӯрзанон пештар кор мекарданд? (дар миқёси шаҳр ва деҳот)**




Дар байни сабабҳои пештар кардан ва корро партофтани занон сабаби зерин аз ҳама бисёр дучор мешавад: «ба нафақа равон карданд» (35,3%). Сабаби мазкурро қариб ҳар як зани дуюми шаҳрӣ ва ҳар як зани чоруми деҳотӣ нишон дод.

**Расми 21. Сабабҳои корро партофтани занон дар миқёси шаҳр ва деҳот (%)**




Сабабҳои дигари номбаршуда бо кӯдакон вобаста буданд. Ба гуфти тақрибан 15% пурсидашудагон, сабаби асосии қатъ кардани фаъолияти кории онҳо таваллуди кӯдак буд. Дар гурӯҳи синнусолии 18-24-сола 75% «таваллуди кӯдак»-ро ба сифати сабаби қатъ намудани

кор номбар карданд. Илова бар ин, 7,3% занҳои пурсидашудаи деҳот вуҷуд доштани кӯдакони хурдсолро сабаб нишон доданд. Дар байни занҳои пурсидашудаи деҳот баъзеҳо сабаби қатъ кардани корро «шавҳарам ба кор кардани ман иҷозат надод» гуфтанд (16,4%). Дар байни занони шаҳрӣ сабаби мазкурро ду маротиба камтар номбар карданд.

Он чиз ҷолиби диққат аст, ки ҳиссаи зиёди занҳое, ки аз сабаби иҷозат надодани шавҳарашон кор намекунанд, дар байни гурӯҳҳои синнусолии 25-39-сола (16,7%) ва ҳатто дар байни гурӯҳҳои синнусолии 40-58-сола – 21,1% вомехӯрад.

Дар байни сабабҳои корро қатъ кардани занон инчунин сабабҳои зерин дучор мешаванд: хуб набудани вазъи саломатии занон (11,8%), баста шудани корхона (10,8%), маоши кам (5,9%). Дар байни занҳои деҳот ҳиссаи онҳое, ки сабабҳои «корхонаро бастанд» (12,7%) ва «маош кам аст» (7,3%)-ро номбар карданд, назар ба занҳои шаҳрӣ зиёдтар аст.

Таҳлили муқоисавии ҷавобҳо ба ин гурӯҳи саволҳо таъсири омили минтақавиро ошкор менамояд. Дар миқёси минтақаҳо дар байни шумораи умумии пурсидашудагон ҳиссаи аз ҳама зиёди соҳибхоназанон дар НТҶ (45%), вилояти Суғд (36%) ва ш.Душанбе (30,8%) ба қайд гирифта шуд. Дар байни соҳибхоназанон ва нафақахӯрзанон, ба гуфти худи пурсидашудагон, ҳиссаи аз ҳама зиёди занҳое, ки ягон вақт кор накардаанд, дар Душанбе (73%), НТҶ (69%) ва Хатлон (71,4%) мушоҳида карда мешавад.

Сабаби «шавҳарам иҷозат надод»-ро аз ҳама бештар пурсидашудагон аз Хатлон (27,8%), Душанбе (14,8%) ва НТҶ (14,8%) номбар карданд. Ҳол он ки ҳамагӣ 5,3% пурсидашудагон аз Суғд қайд карданд, ки шавҳарашон ба давом додани кор иҷозат намедиҳад. Аммо, дар муқоиса бо минтақаҳои дигар, дар вилояти Суғд шумораи бештари занон таваллуди кӯдакро сабаби бас кардани кор номиданд - 26,3%.

Гурӯҳи мухолифро аз рӯи вазни қиёсии соҳибхоназанон ва давом додани корро манъ кардани шавҳар занҳои пурсидашудаи ВМКБ ташкил медиҳанд. Дар байни пурсидашудагони ВМКБ вазни қиёсии соҳибхоназанон (6%) ниҳоят кам ва ҳиссаи соҳибхоназаноне, ки пештар кор мекарданд, хеле зиёд аст (58,3%). Илова бар ин, дар байни сабабҳои бас кардани кор ягон ҳодисаи манъ кардани шавҳар номбар карда нашуд.

Таҳлили ҷавобҳои пурсидашудагон шуғли занҳои пурсидашударо чи дар бахши расмӣ ва чи дар бахши ғайрирасмӣ тасбит менамояд. Аз шумораи умумии посухдиҳандагони соҳибкор 43% дар бахши ғайрирасмӣ кор мекунанд, зиёда аз 13% посухдиҳандагон бошанд, дар бахши ғайрирасмӣ корҳои муваққатии якдафъаинаро иҷро менамоянд. Ғайр аз ин намудҳои шуғл дар бахши ғайрирасмӣ, як қисми занҳо бе шартномаи расмӣ дар ташкилотҳои тиҷоратӣ, хоҷагиҳои фермерӣ ва ғ. кор мекунанд.

**Имкониятҳои занону мардон барои ба кор даромадан.** Тибқи арзёбӣ, 58,8% мардону занони пурсидашда барои ба кор даромадан имкониятҳои баробар доранд. Аммо қариб 36% занҳо чунин мешуморанд, ки занҳо барои ба кор даромадан имконияти камтар доранд. 5,7% занон дар ҷавоб додан ба ин савол душворӣ кашиданд.

Агар дар арзёбии имкониятҳои баробар барои мардону занон дар масъалаи ба кор даромадан дар байни занҳои деҳот ва шаҳр фарқият чандон зиёд набошад, пас дар миқёси мин-

тақаҳо он ҳис карда мешавад. Ба фикри 82% пурсидашудагон аз ВМКБ, мардон ва занон дар масъалаи ба кор даромадан имкониятҳои баробар доранд. Ҳол он ки дар байни занон аз Душанбе 36% ва дар байни занон аз НТҶ 51% ин фикрро тарафдорӣ намуданд. Зиёда аз 64% пурсидашудагон аз Душанбе чунин мешуморанд, ки занҳо назар ба мардон дар масъалаи кор ёфтан ва ба кор даромадан имкониятҳои камтар доранд. Дар Суғд ин фикрро танҳо 27,3%, дар Хатлон – 33,7% ва дар НТҶ – 46,1% ҷонибдорӣ намуданд.

Омили фарққунанда дар арзёбии имкониятҳои занон инчунин вуҷуд доштани маълумоти касбӣ, яъне ихтисос мебошад. Зиёда аз 74% посухдиҳандагоне, ки ягон хел маълумоти касбӣ доранд, чунин мешуморанд, ки мардҳо ва занҳо дар масъалаи ёфтани кор ва ба кор даромадан имкониятҳои баробар доранд. Ҳол он ки дар байни занони бе маълумоти касбӣ, ки ягон хел ихтисос надоранд, ин нишондиҳанда камтар аз нисф – 46%-ро ташкил медиҳад.

Чи тавре ки маълумоти ҷадвали 7 ба таври аёнӣ нишон медиҳад, ба фикри занҳои пурсидашуда, дар байни сабабҳое, ки ба занҳо имконият немедиҳанд дар баробари мардҳо кор ёбанд ва ба кор дароянд, як қатор сабабҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд.

**Иловаи 3 . Аз барномаи давлатии шуғли аҳолӣ дар ҶТ барои солҳои 2020-2022. §5. Мусоидат ба шуғли занон.**

55. …дар чаҳорчӯбаи ин Барнома барои ба шуғл ҷалб намудани занон тадбирҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:

- мусоидат ҷиҳати бо ҷои кори доимӣ таъмин намудани занон аз ҳисоби ҷойҳои кории холии мавҷуда (78,3 ҳазор нафар);
- тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва азнавтайёркунӣ аз рӯи ихтисосҳои ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ ва рушди касбу хунарҳои мардумӣ (27,7 ҳазор нафар);
- дастгирии ташаббусҳои занон дар ташкили соҳибкорӣ, корҳои инфиродӣ ва рушди касбу хунарҳои мардумӣ (6,3 ҳазор нафар);
- ҷалб намудани занон ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок (7,8 ҳазор нафар);
- дастгирии иҷтимоии занон тавассути таъйин намудан ва додани кӯмакпулӣ барои бекорӣ (4,4 ҳазор нафар);
- машваратдиҳӣ оид ба масъалаи фаъолияти касбӣ (23,3 ҳазор нафар);
- амалисозии фаъолияти иттилоотӣ ва тарбияи ҳуқуқии занон.

56. Умуман, тавассути амалисозии нишондиҳандаҳои Барнома дар давоми солҳои 2020–2022 147,8 ҳазор нафар зан ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб карда мешавад.

**Ҷадвали 7. Сабабҳои асосие, ки бо таъсири онҳо барои занҳо ба кор даромадан душвортар аст (%)**

| | Шаҳр | Деҳот | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Бо сабаби серкорӣ дар хона ва парастории кӯдакон | 25,9 | 25,9 | 25,9 |
| Аксарияти занон ягон хел ихтисос надоранд | 24,3 | 23,9 | 24,1 |
| Шавҳар ё хешовандон монеъ мешаванд | 19,9 | 20,6 | 20,3 |
| Қолабҳои дар ҷомеа паҳншуда халал мерасонанд: «барои занҳо муҳимаш – оила ва кӯдакон» | 10,4 | 9,4 | 9,7 |
| Камфаъолиятии худи занҳо дар ҷустуҷӯи кор | 8,4 | 8,9 | 8,7 |
| Дастрасии занҳо ба иттилоот дар бораи ҷойҳои холии кор маҳдуд аст | 6,3 | 6,1 | 6,2 |
| Вуҷуд надоштани имконияти гирифтани ихтисоси нави ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ | 4,6 | 4,2 | 4,4 |
| Дигар | 0,3 | 1,0 | 0,7 |
| **Ҷамъ** | **100,0** | **100,0** | **100,0** |

Ҳангоми муайян кардани сабабҳои мазкур арзёбиҳои занҳои деҳот ва шаҳрӣ тақрибан бо якдигар мувофиқат мекунанд. Сабабҳои номбаршударо аз рӯи 4 самти асосӣ ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст.

**Расми 22. Сабабҳои асосие, ки бо таъсири онҳо барои занҳо ба кор даромадан душвортар аст**




Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар байни сабабҳое, ки кор ёфтан ва ба кор даромаданро душвор мегардонанд, посухдиҳандагон серкорӣ дар хона ва парастории кӯдакон, надоштани ихтисос ва монеъшавии шавҳарону хешовандонро қариб дар як қатор гузоштанд. Дар зинаи минбаъда қолабҳои гендерӣ ва камфаъолиятии худи занҳо меистанд, ки аз бисёр ҷиҳат бо қолабҳои гендерӣ алоқаманданд.

Ба истиснои посухдиҳандагони ВМКБ дар ҳамаи минтақаҳои боқимонда занҳо зикр намуданд, ки шавҳарон ва хешовандон ба амалисозии ҳуқуқҳои онҳо ба меҳнат монеъ мешаванд, аз ҷумла дар Хатлон 17,5% ва дар Суғд ва НТҶ 24%.

Қайд кардан зарур аст, ки дараҷаи маълумоти шавҳар ба иҷозат надодан ба кор кардани зан таъсири ҷиддӣ намерасонад. Масалан, дар байни шавҳарони дорои маълумоти миёнаи пурра 25,5% ба кор кардани занонашон иҷозат намедиҳанд, дорои маълумоти олӣ бошанд – 28,8%.

### 4.3. Шуғли занон дар хоҷагиҳои деҳқониюю фермерӣ.

Дар байни посухдиҳандагон 151 нафар зан – аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ пурсида шуд. Аз онҳо: 22 нафар – роҳбарони ХДФ ва 129 нафар – аъзоёни ХДФ. Қисми зиёди ХДФ (81,5%) бе ташкили шахси ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд (то 50 нафар). Ҳамагӣ 6% бо ташкили шахси ҳуқуқӣ кор мекунанд. Тақрибан 13%-и онҳо дар муайян кардани намуди ХДФ-и худ душворӣ кашиданд. Чи тавре ки пурсиш нишон дод, на ҳамаи посухдиҳандагон дорои шаҳодатномае мебошанд, ки саҳми замини онҳоро тасдиқ менамояд – 29,1%.

**Расми 23. Намудҳои ХДФ, ки занҳои пурсидашуда дар онҳо кор мекунанд**




Аз ҷиҳати ҳайати худ ҳамаи ХДФ на бештар аз 20 нафарро дар бар мегиранд. Ду ХДФ – инфиродӣ (1,3%), аксарият (59,1%) аз 2-5 нафар иборатанд, 26,8% - аз 6-10 нафар ва 12,8% аз 11-20 нафар иборат мебошанд.

Тибқи арзёбӣ, 45% фермерзанони пурсидашуда гуфтанд, ки фоидаи аз ҳама бисёрро парвариши зироатҳои ғаллагӣ ва ғаллагию лӯбиёгӣ меорад. Ҳар як аъзои сеюми хоҷагии фермерии пурсидашуда чунин мешуморад, ки истеҳсоли пахта даромади аз ҳама бисёр медиҳад.

**Расми 24. Фикри аъзоёни ХДФ дар бораи намуди асосии маҳсулоте, ки даромади аз ҳама зиёд медиҳад**




Дар ҳамаи минтақаҳо манбаи асосии маблағгузории хоҷагиҳои фермерӣ худмаблағгузорӣ ба шумор меравад, аз 57,3% то 81,0%. Қарзҳои бонкӣ манбаи дуюм ба ҳисоб мераванд, аммо ҳиссаи онҳо хеле камтар аст. Дар вилояти Хатлон дар соли 2021 ҳар як хоҷагии чорум аз қарзҳои бонкӣ истифода бурд. Қайд кардан лозим аст, ки чунин манбаи маблағгузорӣ, ба монанди қарз аз шахсони алоҳида низ истифода бурда шуд.

**Ҷадвали 8. Манбаъҳои маблағгузории ХДФ дар соли 2021 мувофиқи минтақаҳо (%)**

| Минтақа | Худмаблағгузорӣ | Қарзҳои бонкӣ | Ташкилотҳои хурди молиявӣ | Қарз аз шахсони алоҳида |
|---|---|---|---|---|
| Суғд | 82,1 | 14,3 | 3,6 | 17,2 |
| Хатлон | 85,7 | 25,5 | 2,9 | 22,9 |
| НТҶ | 94,4 | 16,7 | 0,0 | 5,6 |
| **Ҳамагӣ** | 86,1 | 22,3 | 2,6 | 19,9 |

Тибқи натиҷаҳои пурсиш, ҳамаи хоҷагиҳои фермерии тамоми минтақаҳо мушкилоти зиёд доранд. Аъзоёни пурсидашудаи ХДФ-и вилояти Суғд чунин мушкилоти мубрамро номбар карданд: об барои обёрӣ, нарасидани нурӣ ва техника. Посухдиҳандагони вилояти Хатлон офатҳои табииро дар ҷои аввал гузоштанд, сипас об барои обёрӣ ва мушкилоти вобаста бо техника. Барои аъзоёни хоҷагиҳои фермерии НТҶ об барои обёрӣ, офатҳои табиӣ ва нарасидани нурӣ мушкилоти асосӣ ба шумор мераванд.

**Ҷадвали 9. Мушкилоти истеҳсолии асосии ХДФ дар солҳои 2020-21 дар миқёси минтақаҳо (%)**

| | Суғд | Хатлон | НТҶ | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|
| Об барои обёрӣ | 31,3 | 19,2 | 30,4 | 22,5 |
| Гирифтани қарз (кредит) | 0,0 | 4,5 | 6,5 | 4,0 |
| Нарасидани нурӣ | 25,4 | 16,5 | 13,0 | 17,6 |
| Мушкилот бо техника | 20,9 | 18,2 | 10,9 | 17,8 |
| Дастрасии маҳдуд ба хизматрасониҳои агросервисӣ | 7,5 | 4,1 | 2,2 | 4,5 |
| Дараҷаи нокифояи дониши аъзоёни ХДФ оид ба агротехнологияҳо ва ғ. | 0,0 | 5,8 | 2,2 | 4,5 |
| Мушкилоти фурӯши маҳсулот | 6,0 | 8,6 | 6,5 | 7,9 |
| Офатҳои табиӣ | 9,0 | 22,7 | 23,9 | 20,5 |

Маълумотҳои ҷадвали 9 инчунин як қатор мушкилоти истеҳсолиеро намоиш медиҳанд, ки бо дастрасии маҳдуд ба хизматрасониҳои агросервисӣ, мушкилоти фурӯши маҳсулот, дараҷаи нокифояи дониши аъзоёни ХДФ оид ба агротехнологияҳо, коркард ва дигар соҳаҳо алоқаманданд.

Бояд қайд кард, ки сарфи назар аз шумораи зиёди мушкилот, аксарияти кулли хоҷагиҳои фермерӣ (94%) соли гузашта тавонистанд фоидаи соф ба даст оранд. Аммо натиҷаҳои пурсиш ҳоло ҳам вуҷуд доштани амалияҳои манфиро дар фаъолияти хоҷагиҳои фермерӣ, аз ҷумла саривақт надодани музди меҳнат ва истифодаи шаклҳои омехтаи пардохти ҳаққи меҳнатро ошкор намуданд.

Ба гуфти фермерҳои пурсидашуда, қисми ками занҳо – 14,6% ҳар моҳ барои меҳнаташон музд мегиранд. Тақрибан нисфи онҳо дар якчанд моҳ як маротиба ё баъди ҷамъбасти мавсим музд мегиранд. 39% посухдиҳандагон дар як сол як маротиба аз рӯи ҷамъбасти сол музд мегиранд.

**Расми 25. Басомади музди меҳнат гирифтани аъзоёни ХДФ**




Чи тавре ки аз маълумоти расми 26 маълум мегардад, қариб ҳар як фермерзани пурсидашудаи дуюм барои меҳнати худ ба ҷои пул маҳсулоти истеҳсолшуда мегирад, ҳар як фермерзани чорум ҳам пул ва ҳам маҳсулот мегирад ва танҳо 24% занҳо барои меҳнати худ танҳо бо пул музд мегиранд.

**Расми 26. Шаклҳои музде, ки аъзоёни ХДФ барои меҳнати худ мегиранд**




Қайд кардан зарур аст, ки қариб ҳар як фермерзани сеюм ба дигар намудҳои шуғл низ ҷалб шудааст. Даромад аз фаъолият дар ХДФ танҳо барои 68,9% фермерзанони пурсидашуда манбаи асосии даромад ба ҳисоб меравад. Барои қисми боқимондаи фермерҳо манбаъҳои асосии даромад инҳо мебошанд: фаъолияти соҳибкорӣ (7,3%), маош дар ҷои кори кироя (4,6%), даромад аз замини наздиҳавлигӣ (2,6%) ва кори муваққатии якдафъаина (1,3%). 11% фермерҳои пурсидашуда гуфтанд, ки манбаи асосии даромади онҳо пулҳои фиристодаи муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Қариб 3% пурра ба ёрии волидон ва хешовандон муҳтоҷанд.

## 4.4. Сифатҳои асосии соҳибкорзанон

Дар Тоҷикистон қонунҳо ба як шакл дароварда шуданд, хароҷотҳои маъмурӣ кам карда шуданд, миқдори иҷозатномаҳои зарурии хаттӣ барои шахсоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ сар мекунанд, маҳдуд карда шуд, раванди додани ҳуҷҷатҳо барои

корхонаҳои нав сода карда, низоми «Равзанаи ягона» ҷорӣ карда шуд, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ва бисёр санадҳои дигар амал мекунанд.

Дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон» ташкил карда шуд. Барои васеътар фаро гирифтани соҳибкорони хурд ва миёна бо фаъолияти соҳавӣ дар шаҳрҳои гуногуни ҷумҳурӣ — Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд, Конибодом, Хоруғ филиалҳо, шуъбаҳо ва бахшҳои он амал мекунанд.

Аммо, чи тавре ки дар боло қайд кардем, дар байни занҳои пурсидашуда танҳо 18% бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд. Тақрибан нисфи онҳо (42,1%) дар соҳаи соҳибкорӣ таҷрибаи 6-сола ва аз ин зиёд доранд. Ҳар як посухдиҳандаи чорум фаъолияти соҳибкории худро 3-5 сол пеш сар кардааст. Ҳиссаи соҳибкорони дорои таҷрибаи 1-2-сола қариб 24%, дорои таҷрибаи камтар аз 1 сол – 8,4%-ро ташкил медиҳад.

Аз рӯи шакли бақайдгирӣ занҳои дар асоси патент коркунанда зиёдтаранд (48,9%). Дар асоси шаҳодатнома андаке бештар аз 7% кор мекунанд. Танҳо як нафар зан бизнеси худро чун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифтааст. Қисми дуюми посудиҳандагоне, ки бо соҳибкорӣ машғуланд, бидуни бақайдгирӣ кор мекунанд (43,2%).

**Расми 27. Шакли бақайдгирии соҳибкорзанон**




Аз рӯи мақоми бақайдгирӣ дар байни соҳибкорзанони деҳот ва шаҳр фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад. Ҳол он ки дар сатҳи минтақаҳо чунин фарқиятҳо зиёданд. Дар вилояти Суғд, дар муқоиса бо минтақаҳои дигар, нишондиҳандаи дар асоси шаҳодатнома коркунандагон якчанд маротиба (19,2%) зиёд буда, ҳиссаи занҳое, ки бидуни бақайдгирӣ кор мекунанд, хеле камтар аст (17,2%). Вазни қиёсии аз ҳама зиёди соҳибкороне, ки бидуни бақайдгирии расмӣ кор мекунанд, дар НТҶ (80,8%), сипас дар Хатлон – 42,9%, Душанбе –40% ва дар ВМКБ -33,3% ба қайд гирифта шудааст.

Ба мақоми бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ омили синнусолӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад: синну соли зан ҳамон қадар калонтар бошад, ҳамон қадар онҳо дар бахши ғайрирасмӣ бо соҳибкорӣ машғул мешаванд. Агар дар байни гурӯҳи синнусолии 59-65-сола 27% бидуни бақайдгирии фаъолияти соҳибкории худ кор кунанд, пас дар байни занони 18-24-сола теъдоди ин гурӯҳ ду маротиба зиёдтар аст.

**Ҷадвали 10. Мақоми бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи синну соли занони пурсидашуда (%)**

| Синну сол | Дар асоси патент | Дар асоси шаҳодатнома | Шахси ҳуқуқӣ | Бидуни бақайдгирӣ | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|
| 25-39 | 49,4 | 3,6 | 0,0 | 47,0 | 100,0 |
| 40-58 | 53,3 | 8,3 | 1,7 | 36,7 | 100,0 |
| 59-65 | 53,3 | 20,0 | 0,0 | 26,7 | 100,0 |
| **Ҳамагӣ** | **48,9** | **7,4** | **0,5** | **43,2** | **100,0** |

Ба мақоми бақайдгирии бизнес дар баробари омили синнусолӣ инчунин дараҷаи маълумот низ таъсири муҳим мерасонад. Расми 28 аз он шаҳодат медиҳад, ки дараҷаи маълумот ҳар қадар пасттар бошад, миқдори заноне, ки бизнеси худро дар мақомоти расмӣ ба қайд нагирифтаанд, ҳамон қадар зиёдтар аст.

**Расми 28. Соҳибкорзаноне, ки бидуни бақайдгирӣ кор мекунанд (аз рӯи дараҷаи маълумот)**




Таҳлили соҳаҳои фаъолияти соҳибкории занҳои пурсидашуда нишон медиҳад, ки самтҳои савдои чакана ва яклухт, хизматрасонии маишӣ ва хӯроки умумӣ назар ба самтҳои дигар бартарӣ доранд. Дар айни ҳол намуди маскуншавии занон ба интихоби соҳаҳои хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ таъсири ҷиддӣ намерасонад. Вале дар соҳаи савдои чакана ва яклухт бештар занони шаҳрӣ кор мекунанд. Агар дар шаҳр аз шумораи умумии соҳибкорзанон тақрибан 45% бо савдои чакана ва яклухт машғул бошанд, пас дар деҳот танҳо ҳар як зани сеюм машғул аст.

**Расми 29. Соҳаҳои фаъолияти соҳибкории посухдиҳандагон**



Ба интихоби соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ синну соли занон таъсири муайян мерасонад. Дар байни занони гурӯҳи синнусолии 18-40-сола, дар муқоиса бо гурӯҳи 40-65-сола, ҳиссаи ками занон соҳаи хӯроки умумиро интихоб мекунад (мувофиқан 14,8% ва 21,3%) ва, баръакс, шумораи бештари занон мехоҳанд дар соҳаи хизматрасонии маишӣ кор кунанд (мувофиқан 41,7% ва 22,1%).

**Манбаъҳои маблағгузорӣ**. Тибқи натиҷаҳои пурсиш, бо вуҷуди бартарияти калон доштани худмаблағгузории фаъолияти соҳибкорӣ (тақрибан 88%) соҳибкорзанон инчунин дигар манбаъҳои маблағгузориро низ истифода мебаранд, аз қабили қарзҳои бонкӣ, қарз аз шахсони алоҳида ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд. Ҳол он ки занони деҳот, дар муқоиса бо занони шаҳрӣ, барои дастгирии молиявӣ бештар ба шахсони алоҳида ва ташкилотҳои молиявии хурд муроҷиат мекунанд.

**Ҷадвали 11. Манбаъҳои маблағгузории фаъолияти соҳибкорӣ дар соли 2021 (%)**

| | Шаҳр | Деҳот | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Худмаблағгузорӣ (маблағҳои худ) | 90,5 | 86,6 | 87,9 |
| Қарзҳои бонкӣ | 27,0 | 29,9 | 28,9 |
| Қарзҳои ташкилотҳои молиявии хурд | 1,6 | 3,9 | 3,2 |
| Қарз аз шахсони алоҳида | 3,2 | 9,4 | 7,4 |
| Дигар | 1,6 | 0,8 | 1,1 |

Солҳои охир ривоҷ ёфтани барномаҳои бонкӣ оид ба дастгирии фаъолияти соҳибкории занон дар ҷумҳурӣ ба афзоиш ёфтани муроҷиатҳои соҳибкорзанон ба бонкҳо барои дастгирӣ мусоидат менамояд. Тақрибан 29% соҳибкорзанони пурсидашуда дар байни манбаъҳои маблағгузорӣ истифодаи қарзҳои бонкӣ ва каме бештар аз 3% қарзҳои ташкилотҳои молиявии хурдро номбар карданд. Пеш аз ҳама таъсири дараҷаи маълумоти занон боиси таваҷҷуҳ аст. Дараҷаи маълумот ҳар қадар баландтар бошад, ҳиссаи соҳибкорзаноне, ки дар байни манбаъҳои маблағзорӣ дар соли 2021 аз қарзҳо истифода мебаранд, ҳамон қадар бештар аст.

### Илованӣ 4. Бонки Эсхата: «Мо соҳибкории занонро дастгирӣ менамоем!»

Барномаи «Занон дар бизнес» дар Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2017 ба фаъолият шурӯъ намуд ва Бонки Эсхата дар мамлакат аввалин бонке буд, ки барои амалисозии ин барнома аз Бонки аврупоии таҷдид ба рушд сармоя гирифт. Барнома ба рушди соҳибкорӣ дар байни занон тавассути таъмин намудани дастрасӣ ба молия ва қарорҳои технологие, ки барои таъмини рушди бизнес зарур мебошанд, мусоидат менамояд.

«То имрӯз маблағи қарзҳои пешниҳоднамудаи «Имкон» 39 млн сомонӣ, миқдори муштаризанон бошад, 1,5 ҳазор нафарро ташкил дод. Мо хурсандем, ки шарикони барномаи «Занон дар бизнес» мебошем ва якҷоя бо БАТР ба пешравии минбаъдаи бизнеси занони тоҷик мусоидат менамоем. Имрӯз занон худро дар қатори мардон дар бизнес бо муваффақият нишон медиҳанд ва муштариёни поквиҷдони бонк мебошанд». Мадина Ғафорова, иқтисодчии пешбари бахши қарздиҳии корпоративии Бонки Эсхата.

Манбаъ: https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20221227/bank-eshata-mi-podderzhivaem-zhenskoe-predprinimatelstvo

Агар дар байни посухдиҳандагони дорои маълумоти миёнаи нопурра ҳамагӣ 15% дар байни манбаъҳои маблағгузории фаъолияти худ қарзҳои бонкиро номбар карда бошанд, пас соҳибкорзанони дорои маълумоти миёнаи пурра 21% ва дорои маълумоти олии нопурра ва олии пурра 32% номбар карданд.

Тақсимоти минтақавии манбаъҳои маблағгузорӣ дар байни минтақаҳо фаркиятҳои муайянро ошкор менамояд. Худмаблағгузорӣ дар Душанбе, Хатлон ва НТҶ назар ба ВМКБ ва Суғд бештар мушоҳида карда мешавад. Дар навбати худ дар ВМКБ ва Суғд ҳиссаи истифодаи қарзҳои бонкӣ барои инкишоф додани фаъолияти соҳибкорӣ, дар муқоиса бо минтақаҳои дигар, зиёдтар аст. Дар ВМКБ инчунин фоизи истифодаи қарзҳои ташкилотҳои молиявии хурд хеле зиёдтар мебошад.

Расми 30. Манбаъҳои маблағгузории фаъолияти соҳибкории занон дар миқёси минтақаҳо




### Мушкилоти асосии рушди бизнес

Ҳангоми арзёбии мушкилоту монеаҳои асосии рушди бизнес фоизи аз ҳама зиёди занон нарасидани маблағҳои молиявӣ (62,6%), андози вазнин (58,4%) ва тафтишҳои сершуморро (39,5%) номбар карданд. Сипас, мушкилоти таҷҳизоти куҳнашуда (30%), дастрасии маҳдуд ба қарз (14,7%) ва вучуд надоштани дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ ва Интернет (13,7%). Дар поёни рӯйхат мушкилотҳое чой гирифтаанд, ки бо сатҳи нокифояи дониш оид ба ташкили истеҳсолот ва ихтисоси кормандон алоқаманд мебошанд (8,9%).

Расми 31. Мушкилоту монеаҳои асосии рушди бизнес аз нигоҳи посухдиҳандагон



Таҳлили муқоисавии ҷавобҳои посухдиҳандагони шаҳр ва деҳот фарқияти ҷиддиро дар арзёбии мушкилот ошкор намесозад. Вале бо вуҷуди ин дар байни соҳибкорзанони шаҳрӣ, дар муқоиса бо соҳибкорзанони деҳот, фоизи онҳое, ки аз тафтишҳои сершумор ва дастрасии маҳдуд ба қарзгирӣ розӣ нестанд, зиёдтар аст. Дар навбати худ, дар байни соҳибкорзанони деҳот ду маротиба бештар мушкилоти маҳдуд будани дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ ва интернет, инчунин аз ду маротиба бештар мушкилоти дараҷаи пасти дониш оид ба ташкили фаъолият/истеҳсолот номбар карда шуд.

**Расми 32. Аз тарафи соҳибкорон арзёбӣ карда шудани се мушкилоту монеаи асосии рушди бизнес (дар микёси шаҳр ва деҳот)**




Мақоми занҳои пурсидашуда ба арзёбии се мушкилот ва монеаи асосии рушди бизнеси онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонад. Тартиби ҷойгиршавии се мушкилоти асосии посухдиҳандагоне, ки расман дар асоси патент ё шаҳодатнома ё бидуни бақайдгирии расмӣ кор мекунанд, дигар хел аст, танҳо як мушкилот мувофиқат мекунад:

| | Дар асоси патент ва шаҳодатнома | Бидуни бақайдгирӣ |
|---|---|---|
| 1 | Андози вазнин | Нарасидани маблағҳои молиявӣ |
| 2 | Нарасидани маблағҳои молиявӣ | Таҷҳизоти кухнашуда |
| 3 | Тафтишҳои сершумор | Вуҷуд надоштани дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ, интернет |

Ин фарқиятҳо комилан фаҳмоянд, зеро занҳоеро, ки бидуни бақайдгирӣ ва берун аз фазои ҳуқуқӣ бо бизнес машғул мешаванд, мушкилоти андозҳои вазнин ва тафтишҳои сершумор кам ба ташвиш меоранд.

Тибқи посухҳои додашуда, соҳибкорзаноне, ки фаъолияти соҳибкориро бидуни бақайдгирӣ амалӣ менамоянд, дастрасии маҳдуд ба қарзҳо (20,7%) ва ба технологияҳои иттилоотӣ, интернетро (25,6%) бештар ҳис мекунанд ва дониши онҳо оид ба фаъолият/истеҳсолот, дар муқоиса бо посухдиҳандагоне, ки бо бақайдгирии расмӣ кор мекунанд, камтар аст (18,3%).

**Ҷадвали 12. СЕ МУШКИЛОТИ АСОСИИ рушди бизнесро арзёбӣ намудани соҳибкорзанон аз рӯи мақоми ҳуқуқии онҳо (%)**

| | Патент | Шаҳодатнома | Бидуни бақайдгирӣ |
|---|---|---|---|
| Нарасидани маблағҳои молиявӣ | 60,2 | 64,3 | 64,3 |
| Таҷҳизоти куҳнашуда | 20,4 | 35,7 | 40,2 |
| Дастрасии маҳдуд ба қарзҳо | 10,7 | 7,1 | 20,7 |
| Андозҳои вазнин | 81,7 | 100,0 | 24,4 |
| Дараҷаи нокифояи ихтисоси кормандон | 11,8 | 7,1 | 6,1 |
| Дараҷаи нокифояи дониш оид ба ташкили истеҳсолот | 4,3 | 7,1 | 18,3 |
| Тафтишҳои сершумор | 50,5 | 64,3 | 21,9 |
| Вуҷуд надоштани дастрасӣ ба техн.иттилоотӣ, интернет | 5,4 | 0,0 | 25,6 |

Вуҷуд доштани мушкилот дар бизнес ба ҳамаи соҳибкорзанон имкон надод, ки аз рӯи ҷамъбасти сол ба фоидаи соф бароянд. Қариб 82% посухдиҳандагон аз зумраи соҳибкорон тавонистанд, ки фоидаи соф ба даст оранд. Тибқи ҷавобҳои посухдиҳандагон, дар байни занҳои деҳот шумораи онҳое, ки фоида ба даст овардаанд (84,3%), дар муқоиса бо занҳои шаҳрӣ (76,2%) зиёдтар аст.

Тибқи натиҷаҳои тадқиқот, аксарияти пурсидашудагон аз ин гурӯҳи зерҳадаф (92%) даромади асосиро аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст меоранд. Ҳиссаи камтари соҳибкорзанон (қариб 4%) ба сифати манбаи асосии даромад интиқоли пул ва қариб 2% корҳои муваққатии якдафъаина ва 1 фоизӣ даромад аз замини надиҳавлигӣ ва ёрии хешовандонро номбар карданд.

**Расми 33. Манбаи асосии даромади соҳибкорзанон**




Мақоми расмии бақайдгирии бизнес низ то андозае ба муваффақияти фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонад. Агар дар байни занони дар асоси патент коркунанда 94% ва дар асоси шаҳодатнома коркунанда 93% соҳибкориро манбаи асосии даромад номида бошанд, пас дар байни соҳибкорони бидуни бақайдгирии расмӣ коркунанда ин нишондиҳанда андаке камтар аз 89%-ро ташкил медиҳад.

Стратегияҳои нисбатан паҳншудаи гирифтани фоида бо васеъ намудани номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда ё рӯихати хизматҳои расондашаванда (38,7%), беҳтар

намудани сифати маҳсулот (25,2%) ва харидани таҷҳизоти замонавӣ (16,1%) алоқа-манд мебошанд.

**Расми 34. Тадбирҳои андешидаи соҳибкорзанон, ки ба гирифтани фоида мусоидат мекунанд**




Қайд кардан зарур аст, ки соҳибкорзанон дар рушди истеҳсоли маҳсулот аз имко-ниятҳои интернет торафт бештар истифода мебаранд. Бо назардошти имкониятҳои васеи истифодаи интернет ин нишондиҳанда дар байни занони шаҳрӣ (8,3%), дар муқоиса бо занони деҳот (2,8%), қариб дуюним маротиба баландтар аст. Соҳибкор-занони деҳот бошанд, барои ба даст овардани фоидаи соф аз усули ба роҳ мондани робитаҳои шарикӣ бо дигар соҳибкорон фаъолонатар истифода бурданд (12,1%).

Дар байни заноне, ки бидуни бақайдгирӣ кор мекунанд, 6 фоизашон барои фурӯ-ши моли худ интернетро фаъолона истифода мебаранд. Ҳол он ки дар байни занони дар асоси патент коркунанда ин нишондиҳанда ҳамагӣ 4%-ро ташкил медиҳад, аз байни занони бо шаҳодатнома коркунанда бошад, ягон кас истифодаи интернетро зикр накард.

Натиҷаҳои пурсиш нишон медиҳанд, ки мақоми бақайдгирии бизнеси занон ба стратегияи гирифтани фоида таъсир мерасонад. Агар дар байни соҳибкорони пур-сидашудаи дорои мақоми расмӣ ба чунин стратегияҳо, ба монанди «васеъ намудани номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда» (48,4%) ва «ба роҳ мондани робитаҳои шарикӣ бо дигар соҳибкорон» (қариб 14%) афзалият диҳанд, пас стратегияҳои посухдиҳан-дагони бидуни бақайдгирии расмӣ коркунанда дигаранд. Дар гурӯҳи 2-юм миқдори хеле ками занон (27,9%) ба васеъ намудани номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда такя карданд. Аммо, дар муқоиса бо гурӯҳи 1-ум, дар байни посухдиҳандагони бидуни бақайдгирии расмӣ коркунанда ҳиссаи интихоби стратегияҳое, ки бо «беҳтар наму-дани сифати маҳсулот» (30,9%) ва «харидани таҷҳизоти замонавӣ» (23,5%) алоқа-манданд, бештар аз ду маротиба зиёдтар аст.

### Омилҳои асосие, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунанд

Тадқиқот нишон дод, ки соҳибкорзанон дар байни омилҳои ба рушди бизнеси худ мусоидаткунанда се омили асосиро муайян карданд:

1. Дастгирии аъзоёни оила

2. Сабук кардани андозҳо

3. Дастрасӣ ба қарзҳо

Тибқи арзёбии худи соҳибкорзанон, дар байни омилҳои мусбати асосие, ки ба рушди бомуваффақияти фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунанд, дастгирии аъзоёни оила ҳатто назар ба сабук кардани андозҳо ва васеъ намудани дастрасӣ ба қарзҳо болотар меистад. Қайд кардан лозим аст, ки дар ин масъала ҳамаи занҳо, сарфи назар аз мақоми ҳуқуқиашон, ҳамфикранд. Ба ақидаи посухдиҳандагон, дастгирии аъзоёни оила омили муҳимест барои пеш бурдани умуман бизнеси занон ва қабули қарорҳо дар бораи сармоягузориҳои нав ба бизнеси худ.

**Ҷадвали 13. Фикри посухдиҳандагони соҳибкор дар бораи омилҳои асосие, ки ба рушди бомуваффақияти фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунанд (%)**

| | Хеле муҳим | Муҳим | Муҳим нест |
|---|---|---|---|
| 1. Дастгирии бизнес-ассотсиатсияҳо | 34,2 | 38,9 | 26,8 |
| 2. Дастгирии аъзоёни оила | 70,5 | 7,4 | 2,1 |
| 3. Дастрасӣ ба курсҳо ва барномаҳои таълимӣ | 20,5 | 8,4 | 31,1 |
| 4. Сабук кардани андозҳо | 62,1 | 25,3 | 12,6 |
| 5. Дастрасӣ ба қарзҳо | 35,3 | 46,3 | 18,4 |
| 6. Дастрасӣ ба интернет ва технологияҳои иттилоотӣ | 29,5 | 41,6 | 28,9 |
| 7. Дастрасӣ ба бозори ашёи хом | 34,7 | 40,5 | 24,7 |

Вале агар ҳангоми муайян кардани омили муҳими якум фикри занҳо, сарфи назар аз мақоми бақайдгирӣ, бо якдигар мувофиқ ояд, пас аз рӯи ду омили дигар фарқиятҳо ба назар мерасанд. Пурсидашудагоне, ки бидуни бақайдгирии расмӣ фаъолият мекунанд, бештар ба чунин омилҳо, ба монанди «дастрасӣ ба курсҳо ва барномаҳои таълимӣ» ва «дастрасӣ ба интернет ва технологияҳои иттилоотӣ» аҳамият медиҳанд:

| | Дар асоси патент ва шаҳодатнома кор мекунанд | Бидуни бақайдгирӣ кор мекунанд |
|---|---|---|
| 1 | Дастгирии аъзоёни оила | Дастгирии аъзоёни оила |
| 2 | Сабук кардани андозҳо | Дастрасӣ ба курсҳо ва барномаҳои таълимӣ |
| 3 | Дастрасӣ ба қарзҳо | Дастрасӣ ба интернет ва технологияҳои иттилоотӣ |

Занҳое, ки бидуни бақайдгирӣ кор мекунанд, дар муқоиса бо соҳибкорзаноне, ки мақоми расмӣ доранд, бештар дастрасии маҳдудро ба интернет ва технологияҳои иттилоотӣ ҳис мекунанд. Агар дар байни занҳое, ки бидуни бақайдгирӣ кор мекунанд, 78% «дастрасӣ ба курсҳо ва барномаҳои таълимӣ»-ро чун омили хеле муҳим ва муҳими рушди бизнесашон арзёбӣ намоянд, пас дар гурӯҳи дигар 61,7% чунин арзёбӣ мекунанд.

Занҳое, ки машғулшавӣ бо соҳибкориро ба нақша гирифтаанд, инчунин соҳибкорзанон ба таълим ва ҳосил намудани малакаҳои амалии инкишоф додани бизнеси худ ниёз доранд. Сохторҳои давлатии соҳавӣ ва сохторҳои ғайриҳукуматию тиҷоратӣ дар ин самт барномаҳои таълимӣ амалӣ менамоянд, вале шумораи занҳое, ки ба ин хизматҳо эҳтиёҷ доранд, хеле зиёдтар аст.

53% соҳибкорони пурсидашуда ба гирифтани маълумоти иловагӣ ё ихтисоси нав хоҳиш доранд. Диққатро ба он ҷалб кардан лозим аст, ки соҳибкорзанони бидуни бақайдгирӣ коркунанда (64,6%), дар муқоиса бо посухдиҳандагони дорои мақоми расмӣ, ба гирифтани маълумоти иловагӣ талаботи бештар доранд.

# 5. ДАСТРАСИИ ЗАНҲО БА МОЛИЯ ВА ҚАРЗ

## 5.1. Манбаъҳои даромади занҳои пурсидашуда

Ҳуқуқи дастрасӣ ба молия ва подоши сазовор ҷузъҳои таркибии ҳуқуқҳои иқтисодии занон ба шумор меравад. Ба гуфти пурсидашудагон, дар 14% хонаводаҳо[10] даромади асосиро худи занҳо меоранд. Дар 56,3% хонаводаҳо – шавҳарони занҳои пурсидашуда, тақрибан дар 17% хонаводаҳо – волидон, тақрибан дар 9% хонаводаҳо – фарзандон – писарону духтарон ва тақрибан дар 5% хонаводаҳо – дигарон (бародарони шавҳар, хешовандони дигар) даромад меоранд. Аз рӯи ин нишондиҳанда дар миқёси шаҳр ва деҳот фарқиятҳои муайян ҷой доранд.

**Расми 35. Кӣ ба оила даромади асосӣ меорад? (дар миқёси шаҳр ва деҳот)**




Дар байни занҳои пурсидашудаи деҳот, шумораи андаке бештари онҳо (57,7%), дар муқоиса бо занҳои шаҳрӣ (53,9%), зикр намуданд, ки шавҳарашон манбаи асосии даромади оила мебошад. Дар байни занҳои шаҳрӣ ҳиссаи занҳое, ки ба оила даромади асосиро худашон меоранд, зиёдтар аст (17,8%).

Тибқи ҷавобҳои занон, вуҷуд доштани маълумоти касбӣ имкон медиҳад, ки аксарияти онҳо ба оилаҳои худ даромад оранд. Ин нишондиҳанда дар байни занони дорои маълумоти ибтидоии касбӣ 32%, дорои маълумоти таҳсилоти миёна ва олии касбӣ 22,4%-ро ташкил медиҳад. Дар миқёси минтақаҳо миқдори сершумори занҳое, ки даромади асосиро худашон ба оила меоранд, дар Душанбе (20,8%) ва ВМКБ (22%). мушоҳида карда мешавад.

Натиҷаҳои пурсиш се гурӯҳи асосии манбаи даромади занҳои пурсидашударо нишон доданд:

1. Ёрии шавҳар, хешовандон.
2. Даромади шахсӣ аз намудҳои гуногуни шуғл.
3. Даромад аз моликият.

[10] Дар пурсиш 1000 хонавода иштирок намуд, ки дар онҳо 6250 нафар зиндагӣ мекунад. Аз онҳо: 3065 нафар - мард, 3191 нафар - зан.

Даромади шахсӣ аз намудҳои гуногуни шуғл даромад аз замини наздиҳавлигӣ, аз фаъолияти соҳибкорӣ, аз маоши кори кироя ва ғайраро дар бар мегирад. Вале дар байни манбаъҳои гуногуни даромад ҳиссаи калонро ёрии волидон/хешовандон ташкил медиҳад (35,6%). Инчунин ба рӯихати манбаъҳои берунаи даромад интиқоли пул (22,4%) ва пулчудокунии шавҳар барои хароҷоти шахсӣ (4,9%) дохил мешаванд. Яъне, қисми зиёди занҳо ба ёрии дигарон эҳтиёҷи молиявӣ доранд. .

**Ҷадвали 14. Рӯихати манбаъҳои шахсии даромади занҳои пурсидашуда**

| | Вуҷуд доштани манбаъ | Манбаи асосии даромад |
|---|---|---|
| **ЁРИИ ХЕШОВАНДОН** | | |
| Ёрии волидон/хешовандон | 35,6% | 18,8% |
| Пулчудокунии шавҳар барои хароҷоти шахсӣ | 4,9% | 3,8% |
| Интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ | 22,4% | 15,0% |
| **ДАРОМАДИ ШАХСӢ** | | |
| Даромад аз замини наздиҳавлигӣ | 28,1% | 4,6% |
| Маоши кори кироя | 21,9% | 18,8% |
| Даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ | 20,7% | 18,4% |
| Даромад аз ХДФ | 14,3% | 10,5% |
| Кори муваққатӣ/якдафаина | 13,2% | 5,9% |
| Нафақа, кӯмакпулӣ | 9,5% | 4,6% |
| Даромад аз фаъолият дар интернет | 1,7% | 0,1% |
| **ДАРОМАД АЗ МОЛИКИЯТ** | 0,8% | 0,1% |

Дар байни манбаъҳои даромадаи занҳои пурсидашуда ҳиссаи ёрии волидон/хешовандон, маош аз кори кироя ва даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ тахминан баробар аст. Маълумоти ҷадвали 14 вобастагии пурраи занҳои пурсидашударо аз ёрии волидон/хешовандон ва маблағҳои ҷудокардаи шавҳар барои хароҷоти шахсӣ нишон медиҳад – 37,6%. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки дар шаҳр қариб 41% занон ба сифати манбаи асосии даромад ёрии волидон/хешовандон ва шавҳарро номбар карданд, дар деҳот бошад – 35,4%.

Тибқи натиҷаҳои пурсиш, дар рӯихати хароҷот аз даромади якмоҳаи аксарияти занон хароҷот барои қонеъ гардондани талаботи рӯзмарра – харидани маҳсулоти аз ҳама зарурӣ (92,4%) ва либосу пойафзол барои худ ё кӯдакон (64,4%) дар ҷои аввал меистад. Намуди сеюми хароҷоте, ки зиёда аз нисфи пурсидашудагон бар дӯш доранд – ин хароҷоти коммуналӣ аст (46%).

**Ҷадвали 15. Занҳои пурсидашуда бо даромади якмоҳаи худ чиҳо харида метавонанд ё онро ба чиҳо сарф карда метавонанд? (%)**

| | Шаҳр | Деҳот | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| 1. Маҳсулоти аз ҳама зарурӣ | 91,7 | 92,8 | 92,4 |
| 2. Либос ва пойафзол барои худ ё кӯдакон | 55,0 | 69,7 | 64,4 |
| 3. Маблағгузорӣ ба рушди бизнеси худ | 8,9 | 13,7 | 11,9 |
| 4. Пардохти хизматҳои коммуналӣ | 45,8 | 46,2 | 46,0 |
| 5. Харидани техникаи маишӣ (телевизор, мошини ҷомашӯӣ ва ғ.) | 4,4 | 11,6 | 9,0 |
| 6. Иштирок дар тренингҳо ё курсҳои таълимии пулакӣ | 2,5 | 1,9 | 2,1 |
| 7. Дигар (табобат, дорувор, таҳсили кӯдакон ва ғ.) | 6,1 | 4,7 | 5,2 |

Гурӯҳи дигари хароҷотҳоеро, ки қисми камтари занони пурсидашуда ба худ раво дида метавонанд, инҳо ташкил медиҳанд: маблағгузорӣ ба рушди бизнеси худ (11,9%), харидани техникаи маишӣ (9%), таҳсили пулакӣ (2,1%) ва ғайра. Ба гуфти посухдиҳандагони деҳот, дар муқоиса бо посухдиҳандагони шаҳрӣ, онҳо ба рушди бизнеси худ ва харидани техникаи маишӣ аз буҷети якмоҳаи худ бештар маблағ ҷудо мекунанд.

Ҳар як соҳибкорзани дуюм як қисми даромади якмоҳаи худро ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ сарф мекунад. Воқеан, ин нишондиҳанда ба мақоми соҳибкорзан вобастагӣ дорад. Нишондиҳандаи баландтаринро занҳое соҳиб мебошанд, ки бо шаҳодатнома кор мекунанд: 71,4%-и онҳо даромади якмоҳаи худро барои рушди бизнесашон истифода мебаранд. Дар байни занҳое, ки фаъолияти соҳибкориашонро дар асоси патент пеш мебаранд, андаке бештар аз нисфашон ба рушди бизнеси худ маблағгузорӣ мекунанд. Дар байни посухдиҳандагоне, ки фаъолияти соҳибкории худро бидуни бақайдгирии расмӣ анҷом медиҳанд, бо сабабҳои гуногун танҳо 40,2 фоизашон ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ маблағгузорӣ менамоянд. Соҳибкорзанон, дар муқоиса бо гурӯҳҳои дигари занон, даромади якмоҳаи худро дуюним маротиба бештар барои курсҳо ва тренингҳои пулакӣ истифода мебаранд.

Ҳар як зани пурсидашудаи дуюм корти пластикӣ дорад. Сабаби дар ҷумҳурӣ афзоиш ёфтани шумораи дорандагони корти пластикӣ дар он аст, ки солҳои охир пардохти ғайринақдӣ барои молу хизматҳо ва гирифтани маблағи фиристодаи муҳоҷирони меҳнатӣ торафт бештар маъмул гардидааст.

Дар айни ҳол танҳо 7,2% занон гуфтанд, ки онҳо дар бонк суратҳисоб доранд. Дар муқоиса бо минтақаҳои дигар, дар Суғд шумораи зиёдтарини посухдиҳандагон суратҳисоб доранд (18%), шумораи камтарини онҳо дар НТҶ ба қайд гирифта шуд – 0,8%.

**Вуҷуд доштани пасандозҳои шахсӣ**. Тибқи натиҷаҳои пурсиш, танҳо қисми ками посухдиҳандагон пасандози шахсии худро доранд (35,8%). Дар шаҳр ҳар як зани сеюм пасандоз доштани худро тасдиқ кард, дар деҳот бошад – 37,3%. Маълумоти ҷадвали 16 аз он шаҳодат медиҳад, ки пасандозҳо бештар барои харидани маҳсулот, либоси ҳамарӯза ва дигар харидҳои калон истифода бурда мешаванд. Гурӯҳи дуюми пасандозҳо барои пардохти таҳсили фарзандон ва хешу таборҳо, инчунин таҳсили худ ва пардохти қарзҳо сарф карда мешавад. Тақрибан 20% занҳо гуфтанд, ки пасандозҳоро барои тараққӣ додани бизнеси худ истифода мебаранд.

**Ҷадвали 16. Посухдиҳандагон пасандозҳоро бештар бо кадом мақсадҳо истифода мебаранд? (%)**

| | Шаҳр | Деҳот | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Барои харидани маҳсулот | 65,5 | 56,9 | 59,8 |
| Барои харидани либоси ҳамарӯза | 42,0 | 46,0 | 44,7 |
| Барои харидҳои калон (телевизор, яхдон ва ғ.) | 32,8 | 34,3 | 33,8 |
| Барои рушди бизнеси худ | 18,5 | 20,5 | 19,8 |
| Барои пардохти таҳсили кӯдакон ва хешовандон | 28,6 | 34,3 | 32,4 |
| Барои пардохти қарз | 10,9 | 10,9 | 10,9 |
| Барои пардохти таҳсили худ | 4,2 | 2,9 | 3,4 |
| Барои истироҳат ва сафарҳо | 6,7 | 7,1 | 7,0 |
| Барои тӯй | 3,1 | 3,0 | 3,0 |
| Барои табобат ва дорувор | 2,0 | 2,0 | 2,0 |
| Дигар (таъмир, харидани хона ва ғ.) | 2,2 | 1,9 | 2,0 |

## 5.2. Амалҳои занон барои беҳтар намудани вазъи моддӣ

Тибқи арзёбии посухдиҳандагони мо, барои қонеъ гардондани талаботи гуногун камтарин маблағи зарурии даромади шахсӣ бояд дар як моҳ 3715 сомонӣ (364$)-ро ташкил диҳад.[11] Дар ин масъала талаботи занони шаҳр, дар муқоиса бо занони деҳот, бештар аст. Агар занҳои деҳот 3484 сомони ($ 341)-ро маблағи ҳадди ақали зарурии даромад ҳисоб кунанд, пас занони шаҳрӣ - 4155 сомониро (407$).

Ба он таваҷҷуҳ зоҳир кардан лозим аст, ки тибқи омори расмӣ то 1 июни соли 2022 музди миёнаи меҳнат дар Тоҷикистон 1647,4 сомониро ташкил медод.[12] Дар охири соли 2020 таносуби музди меҳнати миёнаи номиналии якмоҳаи занон 66,7%-и музди меҳнати мардонро ташкил дод, музди меҳнати миёнаи мардон – 1763,12 сомонӣ, занон – 1176,28 сомонӣ.[13]

**Илованӣ 5. Аз Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолии ҶТ дар давраи то соли 2040.**

4. Мафҳуми шуғли пурмаҳсул дар чаҳорчӯбаи СМР-2030 якҷоя бо афзоиши ҳосилнокии меҳнат, дараҷаи сазовори музди меҳнат, дастрасии васеъ ба таъминоти иҷтимоӣ, инчунин шароити бехатари меҳнат баррасӣ гардида, ба сифати масъалаи робитаи мутақобилаи рушди иқтисод ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ҳифзи манфиату ҳуқуқҳои кормандон, чун омили муҳим ва муассири баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакат фаҳмида мешавад. Ин собит месозад, ки шуғли пурмаҳсул ва меҳнати сазовор ҷузъҳои ҷудонашаванда мебошанд.

Дар ин марҳала шуғли занҳои пурсидашуда, инчунин шуғли мардҳо дар ҷои кори асосӣ ҳанӯз дараҷаи сазовори музди меҳнатро таъмин намекунад. Барои ин дар чаҳрчӯбаи иҷрои Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолии ҶТ барои давраи то соли 2040[14] на танҳо дар соҳаи шуғл, балки дар соҳаҳои дигар, аз ҷумла дар соҳаи маориф низ ислоҳоти ҷиддӣ гузарондан зарур аст.

Чи тавре ки дар Консепсия қайд карда мешавад, «ҷиҳати дастгирии бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд ва миёна барои ташкили ҷойҳои кории пурмаҳсул ва шуғл

[11] Аз рӯи қурби 1$=10,2 сомонӣ.
[12] https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20220726/mintruda-srednyaya-zarplata-v-tadzhikistane-sostavlyaet-pochti-1650-somoni
[13] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ, Душанбе. 2022. с.213.
[14] Бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 майи соли 2022, №263 тасдиқ шудааст.

дар соҳаҳои саноат, саноатию аграрӣ, дар соҳаҳои баландтехнологияи инноватсионӣ, дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ маҷмуи шароитҳои мусоиди иқтисодӣ ва чораҳою имкониятҳои ҳавасмандгардониро амалӣ намудан зарур аст. Инчунин рушди шуғли саноатиро дар деҳот ба роҳ бояд монд».

Ҳар як зани дуюм барои беҳтар намудани вазъи моддии худ ба кори иловагӣ даромад ё даромаданӣ аст.

**Расми 36. Занҳои пурсидашуда барои беҳтар намудани вазъи моддии худ чи гуна тадбирҳоро амалӣ намуданд**




Каме бештар аз 19% занҳои пурсидашуда бо мақсади беҳтар намудани шароити моддии худ тасмим гирифтаанд, ки ба курсҳои омӯзиши соҳибкорӣ дохил шаванд. Тақрибан 15% посухдиҳандагон кӯдаконашонро ба кӯдакистон монданд, қариб 8% занон худро чун соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифтанд ва 5% курсҳои омӯзиши ихтисоси навро хатм карданд.

**Расми 37. Тадбирҳои амалинамудаи занон барои беҳтар намудани вазъи моддии худ (дар миқёси шаҳр ва деҳот ) (%)**



Дар амалҳои занони шаҳр ва деҳот фарқиятҳои муайян вуҷуд доранд. Дар байни занони деҳот, дар муқоиса бо занони шаҳр, ҳиссаи заноне, ки ба кори иловагӣ даромадаанд, камтар аст ва, баръакс, ҳиссаи заноне, ки ба курсҳои омӯзиши соҳибкорӣ даромаданианд, ё худро ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифтаниaнд, каме зиёдтар аст. Дар айни замон, бо вуҷуди қаноатманд набудани занҳои пурсидашуда аз шароити моддии худ, қариб ҳар як зани чорум барои беҳтар намудани вазъи моддиаш ягон чора намебинад (ниг. Расми 37.) Дар байни посухдиҳандагони деҳот, дар муқоиса бо посухдиҳандагони шаҳрӣ, ин гурӯҳ сершумортар аст (мувофиқан 25,5% ва 20,6%).

Омилҳои фарқкунандае, ки ба фаъолиятнокии занон таъсир мерасонанд, синну сол, минтақа ва маълумот мебошанд. Ба қайд гирифта шудааст, ки синну сол ҳар қадар калонтар бошад, амалҳои занон барои беҳтар намудани вазъи моддии худ ҳамон қадар сусттаранд. Агар дар байни гурӯҳи синнусолии 18-24-сола танҳо 15,1% ягон хел амалро ба ҷо наоварда бошанд, дар синни 25-39-сола – 17,2%, 40-58-сола – 28,2%, 59-65-сола – 65,8%.

Дар микёси минтақаҳо гурӯҳҳои «нофаъол» бештар дар НТҶ (35,6%), вилояти Хатлон – 26% ва ш.Душанбе – 25% вуҷуд доранд.

Сатҳи маълумоти посухдиҳандагон низ ба фаъолии онҳо барои беҳтар намудани вазъи моддии худ таъсир мерасонад: сатҳи маълумот ҳар қадар баландтар бошад, посухдиҳангон ҳамон қадар фаъолтаранд. Агар дар байни занони дорои маълумоти олӣ танҳо 16,1% барои тағйир додани вазъият ягон чора надида бошад, пас дар байни шахсони дорои маълумоти миёнаи нопурра ва аз ин пасттар – ҳар як пурсидашудаи дуюм.

## 5.3. Дастрасӣ ба қарз (кредит)

Мувофиқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, вазни қиёсии қарзҳои ба занон додашуда нисбати ҳаҷми умумии қарздиҳӣ дар соли 2021 23,7%-ро ташкид дод. Тибқи натиҷаҳои пурсиш, танҳо ҳар як зани сеюм барои қарз ба бонк ё дигар ташкилотҳои молиявии қарздиҳӣ муроҷиат кардааст. Қариб 3% фақат акнун барои гирифтани қарз муроҷиат карданиaнд. Аз ҷавобҳо маълум мегардад, ки занҳои пурсидашудаи деҳот, дар муқоиса бо занҳои шаҳр, фаъолиятнокии бештар нишон доданд. Агар дар байни посухдиҳандагони шаҳр барои гирифтани қарз 28,3% муроҷиат карда бошанд, пас дар байни посухдиҳандагони деҳот – 35,8%.

Қариб аз се ду ҳиссаи пурсидашудагон сабаби нофаъолии худро вуҷуд надоштани зарурат ба қарз маънидод кард. Қариб 17% аз тарси он ки қарзро дар вақташ баргардонда наметавонанд, барои қарз муроҷиат накарданд. Илова бар ин, 6,1% занҳо чунин сабабҳоро номбар карданд: шавҳарам иҷозат надод, 4,7% - набудани ҷои кори доимӣ ва 4% - фоизи калони қарз.

Ба гуфти посухдиҳандагон аз зумраи муроҷиаткардагон 86,4% қарз гирифтанд. Дар байни мақсадҳои қарзгирӣ қарзҳои истеъмолӣ бартарият доранд (58%). Дар айни замон хурсандиовар аст, ки ҳар як қарзи чорум барои рушди бизнес истифода бурда шуд.

Расми 38. Таъйиноти мақсадноки қарзҳои гирифташуда




Фикри занҳои пурсидашуда оид ба душвории қарзгирӣ аз якдигар фарқ мекунад. Тақрибан нисфи занон чунин мешуморанд, ки гирифтани қарз аз ҷиҳати ба расмият даровардани он осон аст, қисми дигар бошад, душвор ва хеле душвор мешуморад (51,7%).

Вале, тибқи ҷавобҳо, занони пурсидашударо бештар душвор будани қарзгирӣ аз ҷиҳати молиявӣ (фоизҳо, комиссияҳо, хароҷотҳо) ба ташвиш меорад. Қариб 72% занони барои қарз муроҷиаткарда ин равандро «хеле душвор» ва «душвор» арзёбӣ намуданд.

Расми 39. Қарз (кредит) гирифтан то кадом андоза душвор аст? (%)




Умуман тахминан нисфи занҳои пурсидашуда чунин мешуморанд, ки ба занҳо, дар муқоиса бо мардҳо, қарз гирифтан душвортар аст. Дар байни арзёбиҳои занҳои деҳот ва шаҳр дар ин масъала фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад. Дар миқёси минтақаҳо бошад, ду гурӯҳи мухолиф вуҷуд дорад. Тарафдорони чунин фикр, ки ба занҳо назар ба мардҳо қарз гирифтан душвортар аст, дар ВМКБ (22%) ва Суғд (36,4%) назар ба Душанбе (88,3%) ва НТҶ (64%) хеле камтаранд. Аз афташ бонкҳои ВМКБ ва Суғд тавонистанд дар масъалаи ба расмият даровардани қарз барои занҳо ва мардҳо шароиту усулҳои то андозае баробарарзиш муҳайё намоянд. Ё шояд посухдиҳандагон аз Душанбе ва НТҶ ба муносибати бонкҳо нисбати занони барои қарз муроҷиаткарда бештар аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо медиҳанд.

Маълумоти ҷадвали 17 аз он шаҳодат медиҳад, ки посухдиҳандагон се сабаби асосии душвортар будани қарзгирии занҳоро интихоб карданд. Яке аз сабабҳо бо маҳдуд будани дастрасии занон ба моликият – «ягон чиз надорам, ки ба гарав гузорам» вобаста аст, ду сабаби дигар бошад, бо омилҳои психологӣ марбутанд. Зиёда аз 37% посуходагон метарсанд, ки қарзи гирифтаашонро дар вақташ баргардонда наметавонанд ва ҳар як зани ҷорум чунин мешуморад, ки занҳо ба қувваи худ камтар боварӣ доранд. Ба фикри мо, сарфи назар аз он ки ҳамагӣ қариб 15% занҳо дар байни сабабҳои асосӣ таъсири қолабҳои гендериро номбар карданд, ду сабаби дар боло номбаршуда, ки бо боварӣ надоштани занҳо ба қувваи худ алоқамананд, оқибати таъсири қолабҳои гендерӣ мебошанд.

**Ҷадвали 17. Аз ҷониби посухдиҳандагон арзёбӣ карда шудани се сабаби асосии душвор будани қарзгирӣ барои занҳо аз рӯи намуди маскуншавӣ (%)**

| | Шаҳр | Деҳот | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| **Ягон чиз надорам, ки ба гарав гузорам** | 40,2 | 27,2 | **31,9** |
| Барои тартиб додани ҳуҷҷатҳо донишам камӣ мекунад | 16,1 | 17,3 | 16,9 |
| Қолабҳои оммавӣ халал мерасонанд, одамон фикр мекунанд, ки занҳо аз ухдааш намебароянд | 15,0 | 14,8 | 14,9 |
| **Занҳо метарсанд, ки қарзро дар вақташ баргардонда наметавонанд** | 40,0 | 35,6 | **37,2** |
| **Занҳо ба қувваи худ кам боварӣ доранд** | 29,2 | 22,8 | **25,1** |

Ба фикри аксарияти посухдиҳандагон (44%), дар 2 соли охир вазъи дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба қарз беҳтар гардид. Танҳо 5,1% занҳо чунин мешуморанд, ки вазъият бадтар шуд. Каме бештар аз 30% ягон хел дигаргуниро ҳис накарданд, ҳар як зани панҷум дар баҳо додан ба вазъият душворӣ кашид.

**Расми 40. Аз ҷониби посухдиҳандагон арзёбӣ карда шудани вазъи дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба қарз дар 2 соли охир**




Бо мақсади васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба қарз занҳои пурсидашуда фикри худро оид ба амалисозии тадбирҳои афзалиятнок баён карданд. Саволҳои мазкур саволҳои кушода буданд. Аз таҳлили ҷавобҳо маълум мегардад, ки дар рӯихати тадбирҳои пешниҳодшаванда оид ба васеъ намудани дастрасии аҳолӣ

ва соҳибкорон ба қарз фарқиятҳои муайян ҷой доранд. Барои аҳолӣ афзалиятҳои се тадбири асосӣ аз инҳо иборатанд: кам кардани фоизҳо (69,3%), сода кардани расмиёти тартиб додани ҳуҷҷатҳо (16,3%) ва гирифтани қарз бе гарав (9,3%).

**Расми 41. Пешниҳодҳои посухдиҳандагон оид ба васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба қарз**




Барои соҳибкорон ҷойгиршавии тадбирҳои пешниҳодшаванда дар рӯйхат каме дигар аст. Аз се тадбири аввалин танҳо тадбири якум бо тадбирҳои барои аҳолӣ пешниҳодшуда мувофиқ меояд, ки ин кам кардани фоизи қарз аст (58,6%). Ба сифати тадбири дуюм барои соҳибкорон «дароз кардани муҳлати пардохти қарз» фоизи аз ҳама бисёр мегирад (18,9%) ва ба сифати тадбири сеюм тадбири нав – додани имтиёз ҳангоми гирифтани қарз пешниҳод карда мешавад (13,3%).

Қайд кардан зарур аст, ки рӯйхат ва афзалиятҳои тадбирҳои васеъ намудани дастрасии соҳибкорон ба қарз, ки худи соҳибкорони пурсидашуда пешниҳод кардаанд, аз пешниҳодҳои посухдиҳандагони дигар фарқ мекунанд.

**Расми 42. Пешниҳодҳои соҳибкорон оид ба васеъ намудани дастрасии соҳибкорон ба қарз**




Ба фикри соҳибкорзанон, дар баробари кам кардани фоизҳо (65,2%) инчунин дароз кардани муҳлати пардохти қарз (22,1%) ва ба соҳибкорон додани имтиёзҳоро ҳангоми гирифтани қарз (15,2%) ба назар бояд гирифт. Бар хилофи масъалаҳои дигар, сарфи назар аз мақоми ҳуқуқӣ (бо бақайдгирии расмӣ ва бидуни бақайдгирӣ), занҳо дар масъалаи зарурати имтиёз додан ба соҳибкорон ҳангоми қарзгирӣ ҳамфикр мебошанд.

## 5.4. Огоҳии занони пурсидашуда дар бораи барномаҳои дастгирӣ

Натиҷаҳои пурсиш дараҷаи нокифояи огоҳии аҳолиро дар бораи барномаҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатии дастгирии занон оид ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии онҳо нишон медиҳанд. Танҳо 22%-и шумораи умумии занҳои пурсидашуда дар бораи барномаҳои дастгирии соҳибкорзанон ва 7,8% - и онҳо дар бораи барномаҳои дастгирии ХФД ягон чиз шунидаанд. Дар айни ҳол ҷои истиқомат (шаҳр ва деҳот) ба дараҷаи огоҳии занон таъсири ҷиддӣ намерасонад.

Дар байни худи соҳибкорзанон ва аъзоёни ХДФ дараҷаи огоҳӣ дар бораи барномаҳои дастгирии занон нисбатан баландтар аст. Масалан, дар байни соҳибкорони пурсидашуда ҳар як соҳибкори сеюм дар бораи барномаҳои дастгирии соҳибкорзанон шунидааст. Дар байни занҳои пурсидашуда – аъзоёни хоҷагиҳои фермерӣ 15% дар бораи барномаҳои дастгирии ХДФ шунидаанд.

**Илован 6. Аз Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 январи соли 2021, № 5. Дар бораи грантҳои Президенти ҶТ барои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021-2025.**

1. Аз соли 2021 то соли 2025 ҳар сол барои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон ба андозаи 2 000 000 (ду миллион) сомонӣ 80 гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад, аз ҷумла:

- 20 грант ба андозаи 40 000 (чил ҳазор) сомонӣ;
- 20 грант ба андозаи 30 000 (сӣ ҳазор) сомонӣ;
- 20 грант ба андозаи 20 000 (бист ҳазор) сомонӣ;
- 20 грант ба андозаи 10 000 (даҳ ҳазор) сомонӣ.

Одатан, занҳои пурсидашуда номи барномаҳо ва донорҳои онҳоро дар ёд надоранд, вале гуфтанд, ки инҳо барномаҳои Ҳукумат, ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ ё ҷамъиятӣ буданд. Дар ВМКБ соҳибкорон барномаи Оғохон ва Акселерейт Просперитиро қайд карданд. Фермерзанон дастгирии Бонки Осиё ва Бонки Ҷаҳониро қайд намуданд.

Тартиби ҷойгиршавии манбаъҳои иттилоот дар бораи барномаҳои дастгирии соҳибкорзанон ва хоҷагиҳои фермерӣ чунин аст: телевизион ва радио, вохӯриҳо дар ҳукуматҳо ва ҷамоатҳо, вохӯриҳо дар ташкилотҳои ҷаъиятӣ, интернет ва ғ.

**Расми 43. Манбаъҳои гирифтани иттилоот дар бораи барномаҳои дастгирӣ**



Рӯихати умумии манбаъҳои иттилоот дар бораи ҳарду барнома дар миқёси шаҳр ва деҳот аз якдигар фарқ намекунад. Аммо ҷои истиқомати посухдиҳандагон ба таносуби ин манбаъҳои иттилоот таъсир мерасонад. Ҳиссаи занҳои пурсидашудаи шаҳрие, ки телевизион ва интернетро ба сифати манбаи иттилоот номбар карданд, дар муҳоиса бо занҳои деҳот хеле зиёдтар аст. Дар навбати худ, ҳиссаи занони деҳот, ки вохӯриҳои рӯбарӯро дар ҷамоат ё ҳукумат, дар Кумитаи кор бо занон ва оила, дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба сифати манбаи иттилоот номбар карданд, хеле зиёдтар аст. (ниг. ҷадвали 18)

**Ҷадвали 18. Манбаъҳои гирифтани иттилоот дар бораи барномаҳои дастгирии соҳибкорзанон ва хоҷагиҳои фермерӣ (ба ҳисоби %, аз шумораи умумии шахсоне, ки дар бораи ин барномаҳо шунидаанд)**

| Манбаъҳои иттилоот | Барои соҳибкорон | | Барои ХДФ | |
|---|---|---|---|---|
| | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот |
| Ба воситаи телевизион ё радио | 75,9 | 64,2 | 66,7 | 47,4 |
| Ба воситаи интернет | 21,7 | 18,2 | 33,3 | 8,8 |
| Вохӯриҳо дар ҷамоат, ҳукумат | 31,3 | 46,7 | 14,3 | 50,9 |
| Дар Кумитаи кор бо занон ва оила | 9,6 | 21,9 | 0,0 | 8,8 |
| Дар вохӯриҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ | 9,6 | 24,8 | 14,3 | 19,3 |
| Дигар (хешовандон, ҳамсояҳо, эълонҳо ва ғ.) | 6,0 | 8,0 | 9,5 | 15,5 |

Сарфи назар аз он ки дар ҷумҳурӣ сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ оид ба проблемаҳои соҳибкорӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ семинару тренингҳои бисёр мегузаронанд, танҳо қисми ками посухдиҳандагон бо ин тренингу семинарҳо фаро гирифта шудаанд. Қисми аз ҳама зиёди посухдиҳандагон дар тренингҳо оид ба андозбандӣ ва тағйиротҳо дар Кодекси андози ҶТ (7,1%), базаи қонунгузорӣ ва масъалаҳои бақайдгирии соҳибкорон ва ХДФ (2,9%) иштирок карданд.

**Ҷадвали 19. Ҳиссаи занҳои пурсидашудае, ки дар 2 соли охир дар ҷои истиқомат дар ягон тренинг оид ба соҳибкорӣ ё рушди хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ иштирок кардаанд (ба ҳисоби % аз шумораи умумии посухдиҳандагон)**

| | Шаҳр | Деҳот | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Оид ба базаи қонунгузорӣ ва масъалаҳои бақайдгирии соҳибкорон ва ХДФ | 1,7 | 3,6 | 2,9 |
| Оид ба андозбандӣ ва тағйиротҳо дар Кодекси андози ҶТ | 6,9 | 7,2 | 7,1 |
| Оид ба масъалаҳои омӯзиши талаботи бозор ва пешниҳодҳо | 1,4 | 2,3 | 2,0 |
| Оид ба технологияҳои гуногун | 1,7 | 1,6 | 1,6 |
| Оид ба ташкили робитаҳои ҳамкорӣ | 0,8 | 2,0 | 1,6 |
| Дигар (дӯзандагӣ, мушкилоти соҳаи кишоварзӣ ва ғ.) | 1,4 | 0,5 | 0,8 |

## 6. МОНЕАҲОЕ, КИ БА ВАСЕЪ НАМУДАНИ ҲУҚУҚУ ИМКОНИЯТҲОИ ЗАНОН ХАЛАЛ МЕРАСОНАНД

Яке аз омилҳои доимие, ки ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон ва таъмини баробарҳуқуқии воқеии гендерӣ халал мерасонанд, дастрасии маҳдуд ба ҳамаи намудҳои захираҳо (замин, маблағ, моликият, маълумот, иттилоот ва ғ.) мебошад.

### 6.1. Дастрасии маҳдуди занон ба моликият ва замин

Камтар аз 1% занҳои пурсидашуда дар байни манбаъҳои даромад даромад аз моликиятро номбар карданд. Танҳо 0,1% посухдиҳандагон ба сифати манбаи асосии даромад даромад аз моликиятро зикр карданд, ки ин тасодуфӣ нест, зеро қисми ками занон соҳиби ягон моликият мебошанд. Каме бештар аз 13% занони пурсидашуда дар моликияти худ квартира ё хона, қариб 2% - мошин ва қариб 1% биноҳои ғайриистиқоматӣ доранд.

Расми 44. Моликият доштани занони пурсидашуда.




Дар байни посухдиҳандагон аз шаҳр, дар муқоиса бо посухдиҳандагон аз деҳот, ҳиссаи занҳое, ки дар моликияти худ квартира ё хона доранд, зиёдтар аст (мувофиқан 18,1% ва 10,3%). Дар масъалаи ба расмият даровардани моликият ба мошин ва биноҳои ғайриистиқоматӣ занҳои деҳот каме бартарӣ доранд. Дар микёси минтақаҳо ҳиссаи на чандон зиёди посухдиҳандагоне, ки дар моликияти худ квартира доранд, дар Душанбе (20%) ва Хатлон (14,7%) ба қайд гирифта шудаанд. Занҳое, ки дар моликияти худ квартира/хона доранд, дар ВМКБ аз ҳама каманд – 8%.

**Дастрасӣ ба замин**. Дар деҳот дастрасӣ ба замин барои имкониятҳои иқтисодӣ ва некӯаҳволии моддии занон нақши муҳим мебозад. Тибқи маълумоти Муоинаи қувваи корӣ -2016, қариб 61%-и шумораи умумии занони машғули кор дар соҳаи кишоварзӣ меҳнат мекунанд.

Манбаъҳои рӯзгузаронии занҳои деҳот, дар муқоиса бо мардҳо, аз бисёр ҷиҳат ба захираҳои табиӣ вобастаанд. Замин дар Тоҷикистон моликияти истисноии давлат ба шумор меравад ва давлат ба шаҳрвандон ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок ва меросии якумраи қитъаи заминро медиҳад.

Қонунгузории замини Тоҷикистон, дар муқоиса бо дигар мамлакатҳои ИДМ, аз лиҳози вуҷуд доштани меъёрҳои ҳассоси гендерӣ нисбатан пешрафта аст. Соли 2012 аввалин маротиба дар Кодекси замини ҶТ оид ба таъмини дастрасии баробари мар-

дону занон ба қитъаҳои замин; таъмини баробарҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳо оид ба замин; додани ҳуқуқ ба чунин категорияҳо, ба монанди сардорони оилаҳои нопурра, инчунин ба шахсони болиғи танҳое, ки дар қайди никоҳ нестанд ва якҷоя бо хешовандон зиндагӣ намекунанд, ба гирифтани қитъаҳои замин муқарарот ворид карда шуданд.

Дар шароити ташаккулёбии бозори замин дар ҷумҳурӣ ва татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи «ҳуқуқи бегона кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» барои таъмини дастрасии занон ба замин ба Кодекси замини ҶТ ворид намудани муқаррарот дар бораи татбиқи реҷаи моликияти якҷоя андӯхтаи ҳамсарон нисбати ҳуқуқи заминистифодабарӣ ва «ҳуқуқи бегона кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» тадбири муҳим гардид. Яъне, дар мавриди «бегона кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» аз ҷониби шавҳр/зан розигии шавҳар/занро пешниҳод кардан зарур аст.[15] Ин барои таъмини дастрасии занҳои деҳот ба замин хеле зарур аст, зеро, одатан, маҳз зан/завҷа дар ин қитъаи замин кор мекунад, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бошад, ба номи шавҳар тартиб дода шудааст. Ва дар мавриди бе огоҳонидани зан бегона кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин аз ҷониби шавҳар, зан аз манбаи даромад маҳрум мешавад.

**Иловаи 7. Кодекси замини ҶТ. Моддаи 10. Заминистифодабарандагон**

…Ба қитъаи замине, ки ба истифодабарии он аз ҷониби заминистифодабаранда – шахси воқеӣ ҳангоми дар никоҳ будан бо ҳуқуқи бегона намудани он ҳуқуқ пайдо кардаанд, муқаррароти пешбининамудаи қонунгузории граждани ва оила дар бораи моликияти умумии ҳамсарон татбиқ мегардад.

Аз шумораи умумии занҳои дар иқтисоди мамлакат машғулбуда 60,8% дар соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал меҳнат мекунанд. Дар байни мардҳо танҳо 35,5% дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд.[16]

Омили иловагие, ки аҳамияти дастрасии занонро ба замин баланд мебардорад, ҳиссаи зиёди хонаводаҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Соли 2021 ин нишондиҳанда 48,4%-ро ташкил дод. Ин ҳатто назар ба нишондиҳандаи хоҷагиҳои фермерӣ (40,9%) зиёдтар аст.[17] Дар байни онҳое, ки дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ машғули меҳнат мебошанд, маҳз занҳо аксариятро ташкил медиҳанд (64,8%).

Барои занҳои деҳот рӯихати ҷойҳои дастраси корӣ хеле маҳдуд аст. Тибқи натиҷаҳои пурсиш, дар байни занони деҳот 35% дар ХДФ кор мекунанд ва ҳар як зани дуюм аз замини наздиҳавлигӣ даромад мегирад.

Вале, сарфи назар аз бартарияти занон дар корҳои кишварзӣ, дар масъалаи дастрасӣ ба замин нобаробарии гендерӣ равшан мушоҳида карда мешавад. Дар амал ҳангоми тақсим кардани замин ҳодисаҳои табъизи мустақими занон кам рӯй медиҳанд. Вале аз сабаби нобаробарии имкониятҳо ва тафовутҳо занҳо дучори табъизи ғайримустақим мегарданд, аз ҷумла дар чаҳорчӯбаи фаъолияти ХДФ.

---

15 Чи хеле ки ҳангоми фурӯши моликияти манқул ва ғайриманқул: квартира, мошин, хона ва ғ., ки дар вақти дар никоҳ будан андӯхта шудаанд, ҳамин тавр карда мешавад.

16 Ниг. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. 2021. с.570, 573.

17 Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Нишондиҳандаҳои гендерӣ дар фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 2016-2021. 2022, с.27.

Мутаассифона, маълумоти омори расмӣ оид ба таркиб ва андозаи саҳми замини аъзоёни ХДФ дастрас нест. Дар айни замон тадқиқотҳои пештар дар ҷумҳурӣ гузарондашуда нишон медиҳанд, ки хоҷагиҳои фермерии сардорашон зан, одатан, ба ҳисоби миёна миқдори ками саҳмдоронро доро мебошанд, дар байни саҳмдорон занҳо бештаранд ва ба ҳисоби миёна майдони умумии қитъаи замини онҳо, дар муқоиса бо ХДФ-и сардорашон мард, камтар аст.

Аз соли 2016 то соли 2021 шумораи ХДФ-и сардорашон зан 1,3 маротиба аз 31041 то 39165 воҳид афзуд. Бо вуҷуди ин шумораи роҳбарони хоҷаҳои фермерӣ - занҳо дар соли 2021 дар муқоиса бо мардҳо 3 маротиба бештар буд. Ҳиссаи ХДФ-и сардорашон зан ҳамагӣ 23,5%-ро ташкил медиҳад. Вале ХДФ-и сардорашон зан ҳамагӣ 11%-и заминҳои киштро идора мекунанд.[18] Дар шароити равандҳои амалишавандаи калон кардани ХДФ хатари зиёди он вуҷуд дорад, ки ҳиссаи занон дар байни роҳбарон кам шуда метавонад.

## 6.2. Дастрасӣ ба маълумоти касбӣ ва такмили ихтисос

Дар васеъ намудани имконияту қобилияти рақобатии занон дар бозори меҳнат вуҷуд доштани маълумоти касбӣ ва ихтисос нақши муайян мебозад. Дар байни аъзоёни 18-сола ва ин болои хонаводаҳои пурсидашуда танҳо 41,2% ягон хел маълумоти касбӣ, яъне ихтисос доранд. Дар байни занон шахсони ихтисоснок 1,5 маротиба камтар аст Агар дар байни мардон ҳар марди дуюм (50,4%) маълумоти касбӣ дошта бошад, пас дар байни занон – танҳо ҳар як зани сеюм (33,8%).

**Ҷадвали 20. Дараҷаи маълумоти аъзоёни пурсидашудаи 18-сола ва аз ин болои хонаводаҳо аз рӯи чинс (%)**[19]

| | Ҳамагӣ | Мардҳо | Занҳо |
|---|---|---|---|
| Ягон хел | 0,7 | 0,3 | 1,0 |
| Ибтидоӣ | 1,3 | 0,6 | 2,0 |
| Миёнаи нопурра | 7,6 | 3,6 | 11,2 |
| Миёнаи пурра | 48,8 | 45,1 | 52,1 |
| Ибтидоии касбӣ | 3,5 | 4,2 | 2,8 |
| Миёнаи касбӣ | 9,3 | 10,5 | 8,3 |
| Олии нопурра | 6,9 | 7,7 | 6,2 |
| Олӣ | 21,9 | 28,0 | 16,4 |
| | **100,0** | **100,0** | **100,0** |

Маълумоти расми 45 нишон медиҳад, ки аз 1000 нафар зани пурсидашуда танҳо 38% маълумоти касбӣ доранд. Яъне, тақрибан 63% занҳои пурсидашуда ягон ихтисос надоранд.

[18] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Нишондиҳандаҳои гендерӣ дар фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 2019-2021. 2022, с 62.

[19] Ҳамаи аъзоёни 18-сола ва аз ин болои хонаводаҳои пурсидашуда 3911 нафар. Аз онҳо: 1833 мард, 2078-нафар зан.

**Расми 45. Дараҷаи маълумоти занҳои пурсидашуда**




Тибқи маълумоти Муоинаи қувваи корӣ – 2016, хиссаи занҳои дорои маълумоти касбӣ (олӣ, миёнаи махсус, касбии ибтидоӣ) назар ба мардҳо қариб ду маротиба камтар аст (мардҳо – 36,6%, занҳо – 19,8%) – бе назардошти муҳоҷирони меҳнатӣ. Илова бар ин, дар муқоиса бо соли 2009, дараҷаи маълумоти касбии занон ва мардон паст шудааст (мувофиқан 48,2% ва 22,7%).[20]

Имкониятҳои занони деҳот барои гирифтани маълумоти касбӣ на танҳо назар ба имкониятҳои мардон, балки назар ба имкониятҳои занони шаҳрӣ низ камтар аст. Тибқи маълумоти барӯихатгирии аҳолии соли 2010, агар дар байни занони коркунандаи шаҳрӣ 39,1% маълумоти касбӣ (олӣ, олии нопурра, миёна, ибтидоии касбӣ) дошта бошанд, пас дар байни занони деҳот – ҳамагӣ 8,7%.[21]

Дар стратегияи рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон ба таъмини дастрасии баробари занон ба ҳамаи зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла ба низоми таҳсилоти иловагӣ ва бефосила диққати хоса дода шудааст. Аммо Консепсияи соли 2017 қабулшудаи таҳсилоти бефосила барои солҳои 2017-2023, Барномаи давлатии соли 2016 қабулшудаи тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ барои солҳои 2016-2020, Барномаи рушди таҳсилоти касбии калонсолон барои солҳои 2016-2020 ба мушкилоти дастрасии маҳдуди занон ба таҳсилот умуман аҳамият намедиҳанд ва ягон хел тадбирҳои гендерӣ пешбинӣ намекунанд.

Тибқи натиҷаҳои пурсиш, 47% занҳои пурсидашуда мехоҳанд маълумоти иловагӣ ё ихтисоси нав гиранд. Дар ҳамаи гурӯҳҳо, сарфи назар аз намуди маскуншавӣ, минтақаи истиқомат, сатҳи маълумот, синну сол, занҳои зиёде ҳастанд, ки ба гирифтани маълумоти иловагӣ майл доранд. Дар байни посухдиҳандагони деҳот ҳиссаи занҳое, ки маълумоти иловагӣ гирифтан мехоҳанд, дар муқоиса бо шаҳр, зиёдтар аст (мувофиқан 42,8% ва 34,7%).

Ҳиссаи занҳое, ки маълумоти иловагӣ гирифтан мехоҳанд: дар миқёси минтақаҳо аз 34% дар Суғд то 68,3% дар НТҶ; аз рӯи синну сол: аз 11,8% дар гурӯҳи занони 59-65-сола то 64,4% дар гурӯҳи занони 18-24-сола; аз рӯи дараҷаи маълумот: аз 36,4%

[20] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Вазъият дар бозори меҳнати ҶТ. (Ҳисоботе, ки аз рӯи натиҷаҳои МКК-и аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузарондашуда таҳия карда шудааст). Душанбе.2017. с.144.

[21] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Вазъият дар бозори меҳнати ҶТ. Аз рӯи натиҷаҳои муоинаи қувваи корӣ, июн-июли с. 2009, с.114.

бо маълумоти ибтидоӣ то 56,7% бо маълумоти олии нопурра. Дар гурӯҳи занҳои дорои маълумоти олӣ низ қариб 43% занҳо мехостанд маълумоти иловагӣ ё ихтисоси нав гиранд.

Ба гуфти занҳои пурсидашуда, 60%-и онҳо медонанд, ки дар куҷо маълумоти иловагӣ гирифтан мумкин аст. Онҳо як қатор муассисаҳоеро номбар намуданд, ки дар ҷадвали 21 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 21. Муассисаю ташкилотҳое, ки, ба фикри посухдодагон, дар онҳо маълумоти иловагӣ гирифтан мумкин аст, дар миқёси шаҳру деҳот (%).**

| | Город | Село | Всего |
|---|---|---|---|
| 1. Дар маркази шуғл | 52,5 | 42,2 | 45,7 |
| 2. Дар омӯзишгоҳ ё коллеҷ | 73,5 | 80,9 | 78,4 |
| 3. Дар маркази таълими калонсолон | 14,5 | 21,6 | 19,2 |
| 4. Дар курсҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ | 26,0 | 22,9 | 23,9 |
| 5. Тавассути интернет | 45,0 | 34,4 | 38,0 |

Тақрибан 40% пурсидашудагон ба сифати яке аз сабабҳои асосии гирифтани маълумоти иловагӣ ихтисос надоштанашонро номбар карданд. Қариб 23% гуфтанд, ки дар ҷаҳони муосир доимо донишҳои худро такмил дода, технологияҳои навро омӯхтан зарур аст. Сабабҳои дигар низ номбар карда шуданд: барои гирифтани музди меҳнати зиёдтар (18,3%) ё пайдо кардани кор (14,9%).

Вале, қатъи назар аз вуҷуд доштани хоҳиши гирифтани маълумоти иловагӣ, на ҳамаи посухдиҳандагон метавонанд ин хоҳиши худро амалӣ намоянд, агар курсҳо пулакӣ бошанд. Танҳо ҳар як зани чорум гуфт, ки агар курсҳои пулакӣ вуҷуд дошта бошанд, ӯ рафта мехонад. Тасмим гирифтани қариб нисфи занон аз он вобаста аст, ки таълим дар ин курсҳо чанд сомонӣ меистад. Дар айни замон 25% ҷавоб доданд, ки ба хондан намераванд, чунки барои ин пул надоранд.

Аз як тараф, занҳо назар ба мардҳо дар масъалаи пардохти маблағи курсҳои таълимӣ имконияти молиявии маҳдудтар доранд. Аз тарафи дигар, дар шароити маҳдуд будани захираҳои молиявӣ дар оила дар мавриди интихоб дар байни мардон ва занон мушкилоти пардохти маблағи таълим бо таъсири қолабҳои гендерӣ, одатан, ба фоидаи мардҳо ҳал мегардад.

### Иловаи 8. Аз Консепсияи рушди шуғли маҳсулноки аҳолии ҶТ барои давраи то соли 2040

68. Барои таъмини иқтисод бо кадрҳои баландихтисос низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ нақши муҳим мебозад. Дар робита бо ин пешниҳод карда мешавад, ки механизми ҷалб намудани сармоягузориҳои калон ба соҳаи таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла таҳсилоти касбию техникӣ барои фарогирии ҳар сол камаш 100 ҳазор нафар ба вуҷуд оварда шавад. Дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҷорӣ намудани раванди татбиқи технологияи модулии таълим, инчунин таҳия ва татбиқи технологияи таълим дар ҷои кор пешбинӣ карда мешавад.

**Расми 46. Сабабҳои асосии гирифтани маълумоти иловагӣ ё ихтисоси нав (дар микёси шаҳр ва деҳот)**




Масалан, дар марказҳои ғайридавлатии таҳсилоти касбӣ дар соли 2019 бо таҳсилоти касбӣ 83983 нафар фаро гирифта шуд, ки 11,7 фоизашонро занону духтарон ташкил медиҳанд.[22] Дар гурӯҳҳои пулакии марказҳои таълими калонсолон низ ҳиссаи занон зиёд нест.

Ба он диққат додан зарур аст, ки қариб нисфи занҳои пурсидашуда (53%) ба гирифтани маълумоти иловагӣ ё ихтисоси нав хоҳиш надоранд. Аз онҳо танҳо ҳар як зани сеюм инро бо он асоснок намуд, ки ихтисоси пештарааш ӯро қонеъ мекунонад. Посухдиҳандагони боқимонда сабабҳоеро номбар карданд, ки дастрасии онҳоро ба гирифтани маълумот маҳдуд мекунанд.

**Расми 47. Сабабҳои маълумоти иловагӣ гирифтанро нахостани занон**




Бартараф намудани монеаҳо дар роҳи васеъ намудани имкониятҳои занон дар соҳаи шуғл ва фаъолиятнокӣ дар бозори меҳнат бевосита бо васеъ нумудани дастрасии занон ба таҳсилот, гирифтани малакаю донишҳои касбӣ, рушди инфрасохторҳо дар соҳаҳои таҳсилоти томактабӣ, хизматрасонии маишӣ, нақлиёт ва ғ. вобаста мебошад.

[22] Ниг.: Барномаи таҳсилоти касбии шаҳрвандони ҶТ барои солҳои 2021 -2025. Бо Қарори Ҳукумати ҶТ 31.12.2020, №703 тасдиқ шудааст.

Соли 2019 ба курсҳои кӯтоҳмуддати таълими касбии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, мактабҳои миёна, марказҳои таълими калонсолон ва муассисаҳои ғайридавлатии таҳсилоти иловагӣ 146 741 нафар дохил карда шуданд, аз ҷумла 43 643 духтар (муаллиф 29,7%).

Соли 2019 дар Маркази таълими калонсолони (МТК) Тоҷикистон ва филиалҳои он 48 600 нафар бо таҳсилоти касбӣ фаро гирифта шуд, ки 60 фоизашонро занону духтарон ташкил медиҳанд.[23]

Омӯзиши ихтисосҳои ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ яке аз самтҳои асосии таъмини шуғли пурмаҳсул ба шумор меравад. Вале имрӯз иқтидори системаи таҳсилот барои қонеъ гардондани талаботи занон кифоят намекунад.

Имкониятҳои маҳдуди гурӯҳҳои осебпазири занон ба гирифтани ихтисосҳои зарурӣ боиси ташвиш мебошанд. Дар МТК умуман ҳиссаи занон дар байни таълимгирандагон ҳамагӣ 50%-ро ташкил медиҳад. Рӯйхати ихтисосҳои гирифтаи онҳо нишон медиҳад, ки ҳар як зани дуюм ихтисосҳои "дӯзанда-кашидадӯз", "тайёркунандаи маснуоти дӯзандагӣ", "бофанда-порагар" ва ғайраро омӯхтааст.

### Иловаи 9. Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон (АМЗСТ).

АМЗСТ бо дастгирии Лоиҳаи USAID оид ба рушди соҳибкорӣ ва муҳити бизнес лоиҳаи «Бизнес-акселератор барои занон, духтарон ва ҷавонон»-ро амалӣ менамояд (Феврали с. 2022-январи с. 2023).

Лоиҳаи «Бизнес-акселератор барои занон, духтарон ва ҷавонон» (БА) ба инҳо равона гардидааст: ёрӣ расондан ба соҳибкорзанон ва ҷавонон дар инкишоф додани лоиҳаҳои бизнес ва стартапҳо, аз ҷумла мусоидат ба рушд ва васеъ намудани бизнеси онҳо, тайёр кардани маҳсулоти нав, инчунин баромадан ба бозорҳои нав. Дар чаҳорчӯбаи лоиҳа инфрасохтори ягонаи дастгирии стартапҳо ташкил карда мешавад, ки дар онҳо иштирокчиёни БА метавонанд аз чунин хизматҳо истифода баранд:

- бизнес – тренингҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва машғулиятҳои амалӣ оид ба рушд ва суръатбахшӣ ба бизнес;
- машваратҳои мушовирони ботаҷрибаи соҳаи бизнес оид ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, андоз ва дигар ҷанбаҳои пешбурди;
- иҷлосияҳои иттилоотӣ ва таълимӣ оид ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар бизнес;
- мураббигӣ, сарпарастӣ ва роҳнамоии соҳибкорони ботаҷриба ва муваффақ;
- ҳамкорӣ ва машварат (нетворкинг) бо шарикон оид ба бизнес ва ташкили чорабиниҳо оид ба рушди бизнес;
- дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ;

Манбаъ: informaczionnyj-list.pdf (nabwt.tj)

Занҳое, ки бо соҳибкорӣ машғул шуданианд, ва худи соҳибкорзанон ба омӯхтан ва гирифтани малакаҳои амалӣ оид ба рушди бизнеси худ эҳтиёҷ доранд. Сохторҳои давлатии соҳавӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ дар ин самт барномаҳои таълимии гуногун амалӣ менамоянд, аммо шумораи занҳое, ки ба ин хизматрасониҳо ниёз доранд, хеле зиёдтар аст.

[23] Ниг.: Барномаи таҳсилоти касбии шаҳрвандони ҶТ барои солҳои 2021 -2025. Бо Қарори Ҳукумати ҶТ 31.12.2020, №703 тасдиқ шудааст.

## 6.3. Меҳнати бемузди занон

Барои таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ мушкилоти меҳнати бемузди занон ҷиҳати парастории аъзоёни оила якҷоя бо кор ва уҳдадориҳои оилавӣ халали ҷиддӣ мерасонад. Барои андозагирии меҳнати бемузд дар сатҳи ҷаҳонӣ Муоинаи буҷетҳои вақт истифода бурда мешавад. Дар чаҳорчӯбаи он аз хонаводаҳо дар бораи он маълумот ҷамъ оварда мешавад, ки одамон вақти худро барои иҷрои вазифаҳои гуногун ва намудҳои фаъолият чи гуна тақсим мекунанд. Мутаассифона, дар Тоҷикистон чунин тадқиқот гузаронда нашудааст, бо вуҷуди он ки дар Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои марҳалаи якуми Стратегияи миллии рушди омори ҶТ дар солҳои 2019-2023 гузарондани муоинаи буҷети вақт дар солҳои 2020-2921 пешбинӣ гардида буд (банди 189). Эҳтимол сабаби асосии гузаронда нашудани чунин тадқиқот мавҷуд набудани маблағҳои зарурии молиявӣ бошад.

Занони минтақаи Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (АШОМ), чун дар дигар минтақаҳои ҷаҳон, қисми зиёди меҳнати бемуздро иҷро мекунанд. Миқдори ин корҳо дар тамоми тӯли ҳаёти онҳо рӯз ба рӯз зиёд мешавад, хусусан вақте ки онҳо ба шавҳар мебароянд ва/ё модар мешаванд. Маълумоти муоинаҳои буҷети вақт нишон медиҳад, ки занҳо назар ба мардҳо барои иҷрои меҳнати бемузд ба ҳисоби миёна се маротиба бештар вақт сарф мекунанд. Дар мамлакатҳои гуногун ин нишондиҳанда аз 1,5 маротиба дар Амрикои Шимолӣ то 6,7 маротиба дар Осиёи Ҷанубӣ тағйир меёбад.[24]

**Ҷадвали 22. Шахсони бо кори бемузди хонагӣ машғулбуда аз рӯи ҷинс тибқи маълумоти МҚК -2016 (%)**[25]

| № | Намудҳои кор | Занҳо | Мардҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | Дар хонаводаи худ бо корҳои бемузди ҳавлӣ ё бо нигоҳубини хона машғул буданд | 82,7 | 17,3 |
| 2 | Бо кори бемузди парасторӣ ва нигоҳубини кӯдаконе, ки дар хонаводаашон зиндагӣ мекунанд, машғул буданд | 75,8 | 24,2 |
| 3 | Ба аъзоёни 18-сола ва аз ин болои хонавода, ки маъюбанд, пиронсоланд, гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ё ҷисмонианд, парасторӣ мекарданд ё ёрии ройгон мерасонданд | 70,7 | 29,3 |
| 4 | Кори бемузди идоракунии рӯзғори хонаро иҷро мекарданд | 36,7 | 63,3 |

Натиҷаҳои пурсиши мо низ нишон доданд, ки занҳои пурсидашуда, дар муқоиса бо мардҳо, барои меҳнати бемузд 2,7 маротиба зиёдтар вақт сарф мекунанд. Агар занҳо дар як рӯз барои иҷрои меҳнати бемузди парастории кӯдакону пиронсолон, ба ҷо овардани корҳои гуногуни хона ва хизматрасонӣ ба аъзоёни оила қариб 8 соат сарф кунанд, пас мардҳо тақрибан 3 соат сарф мекунанд. Ҳам занҳо ва ҳам мардҳои деҳот дар муқоиса бо шаҳриён барои иҷрои меҳнати бемузд бештар вақт сарф мекунанд.

[24] Ниг.: «СММ-занон». КИА СММ. Васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои занон тавассути кам кардани ҳаҷми корҳои бемузд: таҳлили минтақавӣ барои мамлакатҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ. 2021. С.9. https://eca.unwomen.org/sites/default/files/Field%20Office%20ECA/Attachments/Publications/2021/6/Regional-thematic-report%20Russian%20version%20final.pdf

[25] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Вазъи бозори меҳнат дар ҶТ. (Ҳисобот аз рӯи натиҷаҳои МҚК, ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронда шудааст, таҳия гардидааст). 2017. с. 93-94.

Чи тавре ки натиҷаҳои МКК-2016 дар Тоҷикистон тасдиқ менамоянд, дар байни шахсоне, ки бо корҳои бемузди хонагӣ машғуланд, аксарияти куллро занҳо ташкил медиҳанд. Меҳнати бемузд омили монеъшавандаи асосиест, ки ба занҳо имконият намедиҳад ба кор дароянд ё бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд.

Яке аз монеаҳои шуғли занон рушди нокифояи инфрасохтори муассисаҳои томактабӣ, хусусан дар деҳот мебошад. Тибқи маълумоти расмӣ, соли 2021 фарогирии кӯдакони 1-6-сола бо муассисаҳои томактабӣ умуман дар мамлакат 7,4%-ро ташкил дод, аз ин духтарчаҳо – 7,1%, писарбачаҳо – 7,7%. Фарогирии кӯдакони 3-6-сола бештар аст, вале ҳамагӣ 9,9%, аз ин духтарчаҳо 9,4%, писарбачаҳо – 10,3%.[26]

Маълумот оид ба фарогирии кӯдакон бо муассисаҳои томактабӣ дар деҳот солҳои охир дастрас нест. Вале тибқи маълумоти соли 2015, фарогирии умумии кӯдакони синни 1-6-сола бо муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ 6,9%-ро ташкил дод, дар шаҳр 23,3% ва дар деҳот – 1,8%.[27]

Дар байни занҳои пурсидашуда 83% ба ҳисоби миёна 3 кӯдак доранд. Қариб 55% 2-3 кӯдакро тарбия мекунанд, 25,3% - 4-5 кӯдакро, 5% - 6 ва бештар кӯдакро. Аз онҳо 97% занон кӯдакони синни мактабӣ ва тақрибан нисфашон кӯдакони синни томактабӣ доранд.

**Расми 48. Миқдори кӯдакони занҳои пурсидашуда**




Вазъи занҳои машғули меҳнати бемуздро таъмин набудани хонаводаҳо бо ашёи рӯзғори истифодаашон дарозмуҳлат душвортар мегардонад. Чи тавре аз ҷадвали 20 маълум мешавад, аз 100 оила танҳо 13 оила мошини ҷомашӯӣ ва 20 оила чангкашаки барқӣ ва ғ. доранд.

**Ҷадвали 23. Бо ашёи рӯзғори истифодаашон дарозмуҳлат таъмин будани аҳолии ҶТ (ба 100 оила, адад)[28]**

| | 1991 | 2005 | 2015 | 2020 |
|---|---|---|---|---|
| телевизор | 86 | 24 | 186 | 218 |
| яхдон ва сармодон | 69 | 23 | 42 | 36 |
| мошини ҷомашӯӣ | 61 | 8 | 9 | 13 |
| чангкашаки барқӣ | 24 | 5 | 14 | 20 |
| мошини дарздӯзӣ | 78 | 46 | 42 | 48 |

Баъди соли 2018 хароҷоти хонаводаҳо барои пардохти хизматрасониҳои маишӣ зиёда аз 2 маротиба афзуд: аз 7,8% дар соли 2018 то 3,2% дар соли 2021.[29] Ҳамаи ин проблемаҳо ба афзоиши меҳнати бемузд ва сарбории дутарафаи занон – ҳам кор дар бахши ҷамъиятӣ ва ҳам кор дар хона сабаб гардиданд.

[26] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Маориф дар ҶТ. Душанбе, 2022.с.64.
[27] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Маориф дар ҶТ. Душанбе, 2016. с.25.
[28] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. Душанбе, 2022.с.633.
[29] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Нишондиҳандаҳои асосии муоинаи буҷетҳои хонаводаҳои ҶТ. Душанбе, 2022.с.64.

## 6.4. Таъсири қолабҳои гендерӣ

Қолабҳои гендерӣ ва як қатор меъёрҳои манфии иҷтимоӣ дар роҳи ба даст овардани тавозуни гендерӣ дар иқтисод ва васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон монеаҳо эҷод мекунанд. Натиҷаҳои пурсиш нишон медиҳанд, ки аксарияти занон ҳар рӯз фишори қолабҳои гендериро дар худ эҳсос менамоянд. Илова бар ин, қисми зиёди занҳо аллакай ба ин одат кардаанд ва бо ҳуқуқи овоз надоштанашон ҳангоми қабули қарорҳои бо тақдирашон алоқаманд ва бо вазъи мутеонаи худ муросо мекунанд. Аммо тағйир додани меъёрҳо ва қолабҳои гендерӣ дар сатҳи рафтор танҳо ба шарти амалисозии муттасили сиёсат бо истифодаи усулҳои муназзам ва ҷудо кардани захираҳои зарурӣ имконпазир аст, ки ин вақти зиёдро талаб мекунад.

Дар байни худи занҳои пурсидашуда қолабҳои гендерӣ дар бораи тақсими нақшҳои гендерӣ ва муносибатҳои ҳамдигарӣ дар байни зану шавҳар васеъ паҳн шудаанд.

**Расми 49. Фикри занон дар бораи қолабҳои гендерӣ**




Қариб 95% занҳои пурсидашуда ба чунин фикри васеъ паҳншуда дар бораи он ки «Зан ба хотири нигоҳ доштани оила бояд ба гапҳои шавҳар гӯш кунад ва бо ӯ баҳсу мунозира накунад» розианд (пурра ё қисман).

Маълумоти расми 49 шаҳодат медиҳад, ки 44,4% занҳои пурсидашуда ба ақидаи «Вазифаи зан – оила, кору бори хона ва парастории кӯдакон аст. Зан набояд кор кунад» розӣ мебошанд (пурра ё қисман).

Қолабҳои гендериро занҳо аз гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ: шаҳрӣ ва деҳотӣ, маълумотнок ва бе маълумот, ҷавонон ва пирон ҷонибдорӣ мекунанд. Вале, ба ҳар ҳол, ҷой ва минтақаи истиқомат, дараҷаи маълумот, мақоми оилавӣ ба фикри занҳои пурсидашуда оид ба ин масъалаҳо таъсир мерасонанд. Занҳои деҳотии дараҷаи маълумоташон паст аз Душанбе ва Хатлон, ки никоҳи динӣ дошта, алоҳида зиндагӣ мекунанд, вале ҷудо нашудаанд, чунин фикрро тарафдорӣ мекунанд: «Вазифаи зан – оила, кору бори хона ва парастории кӯдакон аст. Зан набояд кор кунад».

**Расми 50. Фикри посухдиҳандагон дар миқёси шаҳр ва деҳот: «Вазифаи зан – оила, кору бори хона ва парастории кӯдакон аст. Зан набояд кор кунад»**




Дар ВМКБ аз 100 зани пурсидашуда танҳо як нафар ин фикрро дастгирӣ намуд. Дар байни посухдиҳандагони дорои маълумоти олӣ танҳо 24% ба чунин тақсимоти нақшҳои гендерӣ розӣ шуданд. Қайд кардан зарур аст, ки омили синнусолӣ дар ин масъала нақши калон набозид. Агар аз байни занҳои 18-24-сола 43% ба ин гуна вазифаи зан розӣ бошанд, пас дар байни занҳои 59-65-сола – 45%.

Дар масъалаи баҳодиҳии занҳо ба ин ё он қолаби гендерӣ, фарқияти муносибати занон нисбати қолабҳо оид ба тақсимоти нақши занон дар оила ва ҷомеа мухолифатҳои муайян дида мешаванд. Агар дар сатҳи оила қисми зиёди занон занро «нигаҳбони хонадон» шумурда, вазифаи ягонаи ӯро аз нигоҳубини хона ва кӯдакон, инчунин бечуну чаро итоат кардан ба шавҳари худ иборат донанд, пас дар мавриди баррасии масъалаи шуғл ва ба кор даромадани занон аллакай чунин ризоияти ягона вуҷуд надорад. Аллакай 60% посухдиҳандагон чунин мешуморанд, ки зан бояд худаш ҳал кунад, ки кор кунад ё не (ба ин фикр 21% пурра розианд ва 39% – қисман).

Ба ин фикр 40% занон муқобиланд. Дараҷаи маълумоти занҳои пурсидашуда ҳар қадар паст бошад, ҳиссаи мухолифони аз ҷониби занон мустақилона ҳал кардани масъалаи ба кор даромадани худ ҳамон қадар зиёд аст. Дар байни гурӯҳҳои гуногуни занони пурсидашуда шумораи мухолифони амалисозии ҳуқуқи занон ба ҳалли масъалаи ба кор даромадан дар байни занҳои деҳот аз ҳама зиёд аст – 43%, мувофиқи минтақаҳо – дар НТҶ 61,1%, аз рӯи синну сол – 25-39-сола – 42,4%, аз рӯи мақоми оилавӣ – дар байни мардон 44%.

Тақрибан 55% занҳои пурсидашудаи шаҳрӣ қайд намуданд, ки қарор дар бораи кор кардан ё кор накардани зан бояд якҷоя бо шавҳар ҳал карда шавад. Қариб 34% гуфтанд, ки ин масъаларо шавҳар бояд ҳал кунад, 2,4% гуфтанд, ки ин вазифаи волидони шавҳар аст. Занҳои пурсидашудаи деҳот дар масъалаи амалисозии ҳуқуқи худ ба қабули қарор дар бораи ба кор даромадан имконияти боз ҳам камтар доранд. Зиёда аз 39% посухдиҳандагони деҳот гуфтанд, ки ҳалли масъалаи ба кор дарома-

дани онҳо пурра аз шавҳар, қариб 6% - аз волидони шавҳар вобаста аст. Ҳар як зани дуюми деҳот ин масъаларо якҷоя бо шавҳар ҳал мекунад ва 5,6% масъалаи ба кор даромаданро худашон ҳал карда метавонанд.

Дар айни ҳол, аксарияти кулли занон (қариб 97%), қатъи назар аз синну сол, маълумот ва намуди маскуншавӣ, чунин мешуморанд, ки «занҳо роҳбарон/сарварони хуб шуда метавонанд». Қариб 61% посухдиҳандагон боварӣ доранд, ки «бизнес кор занона аст».

Солҳои охир дар байни волидон ва, умуман, дар байни ҷомеа дар масъалаи арзёбии зарурати маълумоти касбӣ гирифтани духтарону занон тадриҷан баъзе тағйиротҳои мусбат ба амал меоянд. Ҷавобҳои посухдиҳандагони мо низ инро тасдиқ менамоянд. Қариб ҳамаи занҳои пурсидашуда (99,3%) бо он розиянд, ки «Ҳар як шахс, қатъи назар аз он ки мард аст ё зан, бояд ба гирифтани маълумоти касбӣ/ихтисос (дар омӯзишгоҳ, коллеҷ ё дар мактаби олӣ) имконият дошта бошад». Инчунин 94% чунин фикрро дастгирӣ намуданд, ки «Барои гирифтани маоши хуб маълумоти хуб доштан даркор аст».

Аксарияти кулли посухдодагон ҳангоми ҷавоб додан ба саволи «Ба писарону духтарон кадом дараҷаи маълумотро додан лозим аст, то ки онҳо дар ҳаёт мавқеи хуб пайдо кунанд» оид ба гирифтани ин ё он намуди маълумоти касбӣ ҳам барои писарон (99%) ва ҳам барои духтарон (89%) ибрози ақида намуданд. Дар айни ҳол гирифтани маълумоти олӣ ҳам барои писарон (92%) ва ҳам барои духтарон (79%) бартарияти бечуну чаро пайдо намуд.

Дар байни посухдиҳандагон шаҳр ва деҳот дар масъалаи арзёбии умуман аҳамияти гирифтани маълумоти касбӣ барои духтарон ва писарон фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад. Вале дар байни занҳои пурсидашудаи шаҳрӣ, дар муқоиса бо занҳои деҳот, ҳиссаи тарафдорони гирифтани маълумоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои писарону духтарони худ се маротиба камтар аст.

Бояд қайд намуд, ки муносибати занҳои пурсидашуда нисбати аҳамияти гирифтани маълумоти касбӣ барои фарзандони худ дар сатҳи идрокӣ (арзёбӣ) аксар вақт бо муносибат дар сатҳи рафтор мувофиқат намекунад. Ин хусусан нисбати гирифтани маълумоти касбӣ барои духтарон зоҳир мегардад. Бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла бо таъсири қолабҳои гендерӣ, хоҳиши ба духтарони худ додани маълумоти олӣ ё маълумоти касбии дигар мумкин аст фақат дар сатҳи орзӯ боқӣ монад.

Бо вуҷуди он ки 79% посухдиҳандагон ба духтарони худ додани маълумоти олиро зарур мешуморанд, ин дар муқоиса бо писарон 13% фоиз кам аст. Ғайр аз ин, агар дар байни занҳои шаҳрӣ ҳиссаи тарафдорони гирифтани маълумоти олӣ барои духтарон 85%-ро ташкил диҳад, пас дар байни занҳои деҳот 9% камтарро ташкил медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки қисми зиёди занҳои пурсидашуда ба фарзандони худ маълумоти олӣ доданӣ шуда, ба фикри мо, аҳамияти гирифтани ихтисосро дар сатҳи маълумоти ибтидоӣ ё миёнаи касбӣ барои васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии онҳо намефаҳманд ё ба он аҳамияти даркорӣ намедиҳанд.

## 6.5. Имкониятҳои иқтисодии худро арзёбӣ кардани занон

Аксарияти кулли занҳои пурсидашуда имкониятҳои иқтисодии худро, чун аксарияти занҳои дигар, дар сатҳи миёна арзёбӣ мекунанд. Ҳар як зани панҷум худро ба гурӯҳи сатҳи имкониаташон паст (20,1%), ва 7,4% - хеле паст мансуб медонад. Ҳиссаи аз ҳама ками посуходагон имкониятҳои иқтисодии худро дар сатҳи баланд арзёбӣ намуд (8%). Танҳо як нафар зан аз 1000 нафар чунин мешуморад, ки сатҳи имкониятҳои иқтисодиаш хеле баланд аст.

**Расми 51. Имкониятҳои иқтисодии худро арзёбӣ кардани занон**




Занони шаҳр ва деҳот имкониятҳои иқтисодии худро тахминан як хел арзёбӣ мекунанд. Омили фарққунандаи ин арзёбӣ вуҷуд доштани маълумоти касбӣ мебошад. Дар байни посухдиҳандагони бе маълумоти касбӣ ҳиссаи занҳои пурсидашудае, ки имкониятҳои иқтисодии худро дар сатҳи паст ва хеле паст арзёбӣ намуданд, ду маротиба зиёдтар аст (мувофиқан 34% ва 17%). Дар айни замон ҳиссаи занҳои дорои дараҷаи баланди имкониятҳои иқтисодӣ дар ин гурӯҳҳо тақрибан якхела аст (8% ва 8,5%).

Дар муқоиса бо гурӯҳҳои дигари посухдиҳандагон арзёбии нисбатан баланди имкониятҳои иқтисодӣ дар байни соҳибкорзанони пурсидашуда мушоҳида карда мешавад.

Дар байни гурӯҳҳои гуногуни соҳибкорзанон ҳиссаи шахсоне, ки дараҷаи имкониятҳои иқтисодии худро паст ва хеле паст мешуморанд (13,6%), кам буда, баръакс гурӯҳи дорои дараҷаи баланди имкониятҳо зиёд (13,2%) аст.

**Расми 52. Имкониятҳои иқтисодии худро арзёбӣ кардани соҳибкорзанони пурсидашуда**



Дар арзёбии имкониятҳои иқтисодии худ, чун дар дигар масъалаҳо, аз рӯи мақоми ҳуқуқии соҳибкорон фарқиятҳои ҷиддӣ мушоҳида карда мешавад. Соҳибкорони бидуни бақайдгирӣ коркунанда, дар муқоиса бо соҳибкорони расман ба қайд гирифташуда, имкониятҳои иқтисодии худро камтар мешуморанд. Дар байни занони дорои бизнеси ба қайд гирифташуда гурӯҳи дорои дараҷаи баланди имкониятҳои иқтисодӣ 2,4 маротиба калонтар буда, гурӯҳи дараҷаи паст ва хеле пасти имкониятҳо хурдтар аст (мувофиқан 11,1% ва 17,1%).

Ба гуфти посухдодагон, занҳо барои беҳтар намудани имкониятҳои иқтисодии худ мехоҳанд аз воситаю усулҳои гуногун истифода баранд: гирифтани музди меҳнати зиёдтар, ёфтани кори хуб, ёд гирифтани истифодаи оқилонатари даромади худ ва ғ.

**Расми 53. Усулҳои ба нақша гирифтаи посухдиҳандагон барои беҳтар намудани имкониятҳои иқтисодии худ**




Аз шумораи умумии занҳое, ки кор намекунанд, қариб 30% ният доранд, ки рафта кор кунанд, қариб 29% бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд, қариб 26% - ихтисоси худро такмил диҳанд ё ихтисоси нав гиранд.

Тибқи натиҷаҳои пурсиш, аз се ду ҳиссаи посухдиҳандагон (66%) бовар доранд, ки минбаъд имкониятҳои иқтисодии худро беҳтар ва васеъ карда метавонанд. Ҳар як зани панҷуми пурсидашуда ҷавоб дод, ки аз афташ имкониятҳои худро беҳтар карда наметавонад. Қариб 7% занон чунин мешуморанд, ки имкониятҳои иқтисодии худро аниқ беҳтар карда наметавонанд. 7,5% дар ҷавоб додан душворӣ кашиданд.

Посухдиҳандагони дорои маълумоти касбӣ, дар муқоиса бо посухдиҳандагони бемаълумот, ба қобилияти худ барои минбаъд беҳтар намудани имкониятҳои иқтисодӣ бештар боварӣ доранд.

Дар микёси гурӯҳҳои дигари посухдиҳандагон занҳои шаҳрӣ, занҳои то 40-сола, занони шавҳар накарда ва соҳибкорони дар асоси патент коркунанда ба қобилияти васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии худ бовари бештар доранд.

**Расми 54. Худбаҳодиҳӣ ба қобилияти васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии худ аз нуқтаи назари вуҷуд доштани маълумоти касбӣ**




## 6.6. Дастрасии маҳдуди занон ба системаи ҳифзи иҷтимоӣ

Фарқияти гендерии сатҳ ва сифати шуғл ба маҳдуд гардидани дастрасии занон ба системаи ҳифзи иҷтимоӣ, ки ба иштирок дар фаъолияти меҳнатӣ асос ёфтааст, бурда мерасонад. Ба кори музднок кам вақт ҷудо кардан ва собиқаи меҳнатии суғуртавии кам доштани занон ба андозаи нафақаи суғуртавии онҳо барои хизмати дарозмуддат ва иштироки онҳо дар барномаҳои таъминоти иҷтимоие, ки бо фаъолияти меҳнатӣ алоқаманд мебошанд, таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ҷумла, занон ба кӯмакпулиҳои сазовор барои ҳомилагӣ, таваллуд ва хизматрасонии тиббӣ дар давраи фаъоли ҳаёташон, инчунин ба андозаи мувофиқи нафақа дар пиронсолӣ эҳтиёҷ доранд.

### Иловаи 10. Андозаи кӯмакпулиҳои оилавӣ дар Тоҷикистон.

Кӯмакпулии якваҳта бинобар таваллуди кӯдак ба андозаи зерин таъйин карда мешавад:

> **ҳангоми таваллуди кӯдаки якум — ба андозаи се нишондиҳанда барои ҳисобҳо; (192 сомони)**

> **ҳангоми таваллуди кӯдаки дуюм — ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо; (128 сомони)**

> **ҳангоми таваллуди кӯдаки сеюм ва зиёда — ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо (64 сомони)**

Дар сурати додани рухсатӣ ба зан барои нигоҳубини кӯдак то ба синни якунимсолагӣ расидани он барои ин муҳлат дар ҷои кор аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи ихтимоӣ ба андозаи 100 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба ӯ кӯмакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак пардохта мешавад (64 сомони).

Агар зани таваллудкарда дар ягон ҷо кор накунад, падари кӯдак (ки мақоми шахси суғурташударо дорад) дар ҷои кори асосӣ барои ба расмият даровардани кӯмакпулӣ барои нигоҳубини кӯдак то ба 1,5-солагӣ расидани ӯ ҳуқуқ дорад.

*Нишондиҳанда барои ҳисоб барои ҳар як соли ҷорӣ муқаррар карда мешавад.*

*Дар соли 2022 – 64 сомонӣ.*

Дар Тоҷикистон ба гирифтани кӯмакпулӣ барои ҳомилагӣ ва таваллуд шахсони суғурташуда (фақат занон), ки барои онҳо кордиҳанда дар соли молиявии ҷорӣ андози иҷтимоӣ (25%) пардохт кардааст, ҳуқуқ доранд. Андозаи кӯмакпулӣ ба андозаи музди коре, ки шахси суғурташуда дар се моҳи охир гирифтааст, вобаста буда, метавонад вобаста ба дараҷаи пардохти музди меҳнати корманди мушаххас тағйир ёбад. Кӯмакпулиҳои оилавӣ ба андозаи муқаррарнамудаи моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» дода мешаванд.

Бо сабаби фарқиятҳои гендерӣ дар соҳаи меҳнат дар таъминоти нафақа минбаъд фарқиятҳои гендерӣ ба вуҷуд меоянд. Дар охири соли 2020 андозаи миёнаи нафақа дар мамлакат аз рӯи ҳамаи намудҳо 320,9 сомониро ташкил дод. Андозаи миёнаи нафақа аз рӯи пиронсолӣ – 350,39 сомонӣ, нафақаи иҷтимоӣ – 196,5 сомонӣ. Таносуби андозаи миёнаи нафақа ва музди меҳнати миёнаи якмоҳа дар ҶТ дар соли 2020-ум 23%-ро ташкил дод.[30]

Тибқи омори расмӣ, дар охири соли 2019 андозаи миёнаи нафақаи мардон 404,6 сомонӣ, занон – 279,8 сомониро ташкил дод. Бо ҳамин фарқияти гендерӣ 31% бар зарари занон буд.

**Ҷадвали 24. Андозаи миёнаи нафақаи ҳисоб кардашуда мувофиқи минтақаҳо аз рӯи ҷинс дар соли 2019 (ба ҳисоби сомонӣ)[31]**

| Минтақа | Мардон | Занон | Фарқияти гендерӣ |
|---|---|---|---|
| ВМКБ | 479,4 | 323,9 | 32,4% |
| Хатлон | 348,0 | 259,7 | 25,4% |
| Суғд | 338,3 | 266,8 | 21,2% |
| Душанбе | 530,2 | 290,4 | 45,2% |
| НТҶ | 327,0 | 258,4 | 21,0% |
| **Ҳамагӣ** | **404,6** | **279,8** | **31%** |

Дар миқёси минтақаҳо фарқияти аз ҳама зиёди андозаи миёнаи нафақа дар байни мардону занон дар Душанбе (45,1%), фарқияти аз ҳама кам дар вилояти Хатлон (21,2%) ва НТҶ (21,0%) ба қайд гирифта шуд.

[30] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ, Душанбе, 2022.с.261,263.
[31] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Занон ва мардони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ, Душанбе, 2020, с.146-147.

## 7. ОМИЛҲО ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ВАСЕЪ НАМУДАНИ ИМКОНИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ ЗАНОН

Душвории таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии занон ва васеъ намудани имкониятҳои онҳо пеш аз ҳама аз сершумор будани омилҳои таъсиркунанда ва бо соҳаҳои гуногуни иқтисод алоқаи мутақобила доштани он иборат мебошад.

**Расми 55. Омилҳое, ки ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон мусоидат мекунанд**




Бинобар ин сиёсати зидди ҳуқуқпоймолкунӣ, аз ҷумла муқаррар намудани нишондиҳандаҳои мувофиқи мақсаднок, вазифаҳо ё тадбирҳои махсуси доимӣ, хусусан квотаҳо, барои васеъ намудани ҳуқуқҳои занон механизми зарурӣ ба шумор меравад. Натиҷабахшӣ ва самаранокии ин механизм аз бисёр ҷиҳат ба ҳамкории зичи мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимият, кордиҳандагон, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷамъиятҳои маҳаллӣ ва дигарон вобаста мебошад.

Дар байни самтҳои афзалиятноки тадбирҳои имконпазири давлатӣ барои васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занон инҳоро номбар кардан мумкин аст:[32]

**Расми 56. Самтҳои афзалиятноки тадбирҳои давлатӣ барои васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон**




[32] Тавсияҳо аз: СММ -занон.
Дигаргунсозии системаҳои иқтисодӣ ва амалисозии ҳуқуқҳо. 2016 қисман истифода шуданд.

Тибқи натиҷаҳои Муоинаи қувваи кории соли 2016 (МҚК-2016), дараҷаи иштироки занон дар қувваи корӣ 32,6%-ро ташкил медиҳад, ки ин аз нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ (51,3% дар соли 2013) хеле кам аст. Масалан, ин нишондиҳанда дар Қазоқистон тақрибан 66%, дар Қирғизистон – 55%, дар Муғулистон қариб 53%-ро ташкил дод.[33]

Бузургии ин нишондиҳанда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки занон аз нуқтаи назари истифодаи имкониятҳои имконпазири онҳо ба сифати қувваи корӣ, дар муқоиса бо мардон, мавқеи пасттарро ишғол мекунанд. Ба фарқиятҳои гендерӣ дар миқдор ва сифати ҷойҳои корӣ сегрегатсияи соҳавӣ ва касбӣ (ҷудо кардан ба соҳаҳо ва касбҳо) таъсири ҷиддӣ мерасонад. Занҳои коркунанда ба таври ғайримутаносиб дар доираи танги бахшҳо ва шуғлҳо фаъолият мекунанд. Сегрегатсияи касбӣ солҳои охир инчунин бо сабаби тағйиротҳои технологие, ки аз дараҷаи ихтисоси касбӣ вобаста мебошанд, боз ҳам зиёдтар мегардад.

Қисми зиёди занон дар соҳаҳои каммузд (кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ ва ғ.) кор мекунанд. Тибқи маълумоти МҚК-2016, ҳиссаи занони коркунанда дар соҳаи кишоварӣ 53,9%, дар соҳаи маориф- 53,7%, дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 70,1%-ро ташкил дод.

Дараҷаи ҷудокунии бозори меҳнат ба касбҳои «занона» ва «мардона» шохиси сегрегатсияи касбиро, ки тибқи ТБМ яке аз нишондиҳандаҳои меҳнати сазовор ба шумор меравад,[34] ба таври аёнӣ нишон дод. Дар асоси натиҷаҳои умумии МҚК-2016 оид ба ихтисоси аҳолии машғули меҳнат аз рӯи ҷинс ва касб, шохиси сегрегатсияи (ҷудокунии) касбӣ дар Тоҷикистон тақрибан 0,61-ро ташкил дод.

Натиҷаҳои МҚК-2016 ошкор намуданд, ки аз 15 ихтисоси маъмултарин инҳо бештар занона мебошанд: коргарони беихтисос; фаррошон ва хизматгорон дар муассисаҳо, меҳмонхонаҳо ва ҷойҳои дигар; дӯзандаҳо, кашидадӯзҳо ва ба ҳамин монанд коргарон; омӯзгорони мактабҳои миёна ва миёнаи касбӣ; муҳосибон.[35]

Қатъи назар аз муваффақиятҳои солҳои охир дар соҳаи маориф ба даст овардашуда, занон дар бозори меҳнат аз нуқтаи назари дастрасии баробар, иштирок ва рушди касбӣ ба монеаҳои зиёде дучор мешаванд. Қолабҳои гендерӣ нисбати занон, фикри умум дар бораи он ки занҳо бори асосии масъулиятро барои таъмини нигоҳубин ба дӯши худ мегиранд, баҳои шоиста надодан ба маҳоратҳои чун анъана «занона» ва тадбирҳое, ки тавозуни ӯҳдадориҳои меҳнатӣ ва оилавиро ба қадри кофӣ таъмин намекунанд, – ҳамаи инҳо имкониятҳои занонро маҳдуд менамоянд, ба онҳо имкон намедиҳанд, ки сегрегатсияро бартараф созанд, иштироки баробари худро дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дар раванди қабули қарорҳо таъмин намоянд, инчунин ба вазифаҳои баланд таъйин карда шаванд.

---

33 Агентии омори назди Президенти ҶТ. Вазъи бозори меҳнат дар ҶТ. (Ҳисобот аз рӯи натиҷаҳои МҚК, ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронда шудааст, таҳия гардидааст).2017. с.87.

34 Қимати шохисии сегрегатсияи касбӣ дар доираи аз 0 то 1 аст, дар айни ҳол «0» пурра вуҷуд надоштани сегрегатсияро нишон медиҳад, «1» бошад – сегрегатсияи пурраро.

35 Агентии омори назди Президенти ҶТ. Вазъи бозори меҳнат дар ҶТ. (Ҳисобот аз рӯи натиҷаҳои МҚК, ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронда шудааст, таҳия гардидааст).2017. с.48.

Ҳукумати Тоҷикистон солҳои зиёд аст ки дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ то ин ё он дараҷа аз тадбирҳои махсуси муҳлатнок, аз ҷумла квотаҳо барои духтарон барои дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ, грантҳои Президентӣ, истифода мебарад ва маблағгузории барномаҳоро барои дастгирии занон ва пешбурди баробарии гендерӣ тадриҷан зиёд мекунад. Аммо ба самаранокии барномаю чораҷӯиҳои амалишаванда диққати зарурӣ бояд дод. Бо назардошти тағйиротҳои технологие, ки чи дар соҳаи истеҳсолот ва чи дар соҳаи хизматрасонӣ ба амал меоянд, занҳоро ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи технологияҳои пешқадам фаъолонатар ҷалб кардан лозим аст.

**Азхудкунии технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ (ТИК)**. Технологияҳои нав барои васеъ намудани имкониятҳои занону духтарон бо роҳи фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва имкониятҳо барои соҳибкории занон, пешниҳод намудани усулҳои нави хизматрасонӣ ва кам кардани хавфҳо, васеъ намудани доираи фаъолият иқтидори номаҳдуд доранд. Барои азхуд намудани ин иқтидор «вартаи рақамӣ»-ро, ки дар Тоҷикистон хеле амиқ аст, рафъ намуда, дастрасии баробари занонро ба воситаҳои рақамӣ таъмин кардан зарур аст.

Барои субот бахшидан ба рушди иқтисод аз усули ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам, ки на танҳо ба мардҳо, балки ба занон низ нигаронида шудаанд, истифода бурдан лозим аст. Тоҷикистон низ ба монанди дигар мамлакатҳои дорои ҳамин гуна сатҳи инкишоф, дар масъалаи таъмин намудани дастрасии баробар ба афзалиятҳои технологияҳои пешқадам ба се мушкилоти асосӣ дучор омадааст:

* **Дараҷаи камбизоатӣ аз ҷиҳати даромад** – Қисми зиёди занону мардон ва хонаводаҳо, хусусан дар деҳот, техникаи зарурӣ ва хизматҳои навро харидорӣ карда наметавонанд. Ин монеаҳо хусусияти техникӣ не, балки хусусияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доранд.
* **Фарқияти рақамӣ** – Дараҷаи пасти рушди инфрасохторҳои рақамӣ, суръати пасту нархи гарони Интернет.
* **Дараҷаи нокифояи тайёркунии аҳолӣ** ба истифодаи интернет ва технологияҳои нав.[36]

Тибқи раддабандии (рейтинги) ҷаҳонии тайёрӣ ба рушди технологияҳои пешқадам дар соли 2020, Тоҷикистон ба гурӯҳи мамлакатҳои дараҷаи тайёриашон паст дохил шуд. Он дар байни 158 мамлакат ҷои 143-юмро ишғол намуда, дар ҳоли 0,44 хол будани нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ ҳамагӣ 0,10 хол гирифт.[37] Нишондиҳандаҳои Тоҷикистон аз панҷ ҷузъи шохис аз рӯи ҷорӣ намудани ТИК (ҷои 148-ум) ва аз рӯи дастрасӣ ба молия (ҷои 147-ум) аз ҳама пастанд.

[36] Ниг.: ЮНКТАД. Маъруза дар бораи технологияҳо ва инноватсияҳо дар соли 2021. Расидан ба авҷи технологияҳо. Инноватсияҳо аз рӯи адолат. 2021. с.32. https://unctad.org/system/files/official-document/tir2020overview_ru.pdf

[37] Ниг.: UN. Technology and Innovation Report. 2021. Catching technological waves. Innovation with equity. (UNCTAD). Geneva. 2021. с. 140. https://unctad.org/system/files/official-document/tir2020_en.pdf

**Ҷадвали 25. Нишондиҳандаҳои Тоҷикистон аз рӯи тайёрӣ ба рушди технологияҳои пешқадам (раддабандӣ дар байни 158 мамлакат) дар соли 2020[38]**

| Арзёбии умумӣ | Радда-бандии умумӣ | Арзёбии гурӯҳ | Радда-бандии ТИК | Радда-бандии мала-каҳо | Раддабан-дии НИО-КР | Раддабандии са-ноат | Раддабан-дии молия |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 0,10 | 143 | Дараҷаи паст | 148 | 117 | 133 | 119 | 147 |

Аз мамлакатҳои ИДМ, Россия ҷои 27-ум, Беларус – ҷои 59-ум, Қазоқистон – ҷои 62-юм, Арманистон – ҷои 83-юм, Озарбойҷон ҷои 100-умро ишғол намуданд. Ӯзбекистон ва Туркманистон дар раддабандӣ иштирок намекунанд.

Дар Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти номбаршуда Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар ҶТ,[39] Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар ҶТ барои солҳои 2021–2025[40] қабул карда шуданд. Президенти мамлакат бо мақсади мустаҳкам намудани асосҳои ниҳодии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми мамлакат, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва тезонидани ҷараёни амалисозии «ҳукумати электронӣ» дар аввали соли 2021 ба Ҳукумат ва дигар мақомоти дахлдор супориш дод, ки барои таъсиси Агентӣ оид ба инноватсияҳо ва технологияҳои рақамӣ тадбирҳо андешанд.

**Иловаи 11. Нишондиҳаҳои соҳавии Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар ҶТ барои солҳои 2021–2025:**

– баланд бардоштани суръати интернет;
– зиёд намудани миқдори муштариёни хизматҳои алоқаи васеъхат (бо суръати на камтар аз 1 Мбит/с)...;
– васеъ намудани алоқаи мобилии телефонӣ;
– дастрасии аҳолӣ ба компютерҳо ва интернет дар хона;
– зиёд намудани ҳиссаи тиҷорати электронӣ дар ҳаҷми умумии савдои чакана;
– зиёд намудани ҳиссаи хизматрасониҳои электронӣ дар ҳаҷми умумии хизматрасониҳо;
– ташкили ҷойҳои нави кор аз ҳисоби рақамикунонии соҳаҳо;
– зиёд намудани фоизи минтақаҳои географии дастрасӣ ба хизматрасониҳои алоқаи васеъхат.

Истифодаи васеи ТИК талаботро ба малакаҳо дар ҷои кор тағйир медиҳад. Фарқияти гендерӣ дар пайвастшавӣ ба интернет ва малакаҳои рақамӣ қобилияти занҳоро дар масъалаи кор ёфтан ва барои он дархост додан; ба кор даромадан; гирифтани донишу малакаҳо дар ҷараёни тайёрӣ барои ба кор даромадан суст мекунад.

Технологияҳои рақамӣ барои кормандони музди меҳнаташон кам воситаи наҷот буда метавонанд, зеро онҳо тавассути ин технологияҳо бо кордиҳандагон тамос мегиранд ва аз ҷадвали тағйирёбандаи корӣ истифода мебаранд. Бартараф намудани дастрасии нобаробари занон ба ТИК барои ҳаёти иқтисодии занон имкониятҳои нав мекушояд. Малакаҳои рақамӣ дар васеъ намудани имкониятҳои занон аҳамияти калон доранд.

[38] Дараҷаи хароҷоти миллӣ барои корҳои тадқиқоти илмӣ ва таҷрибавию конструкторӣ (КТИТК) чун ҳаҷми умумии хароҷоти давлатӣ ва хусусӣ барои КТИТК, ки ба ҳисоби фоиз аз маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ифода ёфтааст, ҳисоб карда мешавад.
[39] Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2019, №642 тасдиқ шудааст.
[40] Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2021, №460 тасдиқ шудааст.

Интернет, платформаҳои рақамӣ ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ба занону мардон барои гирифтани даромад, зиёд намудани шуғл ва дастрасӣ ба донишу иттилооти умумӣ имкониятҳои нав медиҳанд. Такмили ихтисос ва маводи омӯзишӣ дар асоси онлайн ё маводи видеоӣ ба занҳо ёрӣ мерасонанд, ки аз воситаҳои рақамӣ беҳтар истифода баранд ва аз онҳо фоидаи бештар гиранд.

Дастрасӣ ба иттилооти рақамӣ хеле муҳим аст, зеро он ба занҳо ёрӣ мерасонад, ки малакаҳои рақамиро донанд, омӯзанд ва инкишоф диҳанд. Мақсад на танҳо аз он иборат аст, ки дастрасии занон ба технологияҳо ва Интернет васеъ карда шавад, балки он бо малакаҳои рақамие, ки воридшавӣ, доимият ва пешравӣ дар бозори меҳнатро таъмин мекунанд, пурра карда шавад.

Аммо на дар худи Барномаи рушди миёнамуҳлати иқтисоди рақамӣ ва на дар Нақшаи амалисозии он омили гендерӣ ба назар гирифта намешавад, инчунин ба таъмини дастрасии баробар ва васеъ намудани имкониятҳои занон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ эътибор дода намешавад. Масалан, дар Нақша барои васеъ намудани дастрасӣ ва самаранок истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ як қатор тадбирҳо пешбинӣ гардидаанд. Вале онҳо аз лиҳози гендерӣ бетараф буда, эҳтимол омилҳои гендерӣ ва имкониятҳои маҳдуди занонро ба назар нагиранд.

Бо мақсади фаъолонатар ҷалб намудани занон ба равандҳои инноватсионӣ ва истифода бурдани технологияҳои пешқадам зарур аст, ки ба ихтисосгирии занон дар соҳаҳои илм, технологияҳо, инженерия ва математика (STEM/ ИТИМ) диққат дода шавад.[41]

Тадқиқоти ЮНЕСКО нишон дод, ки дар тамоми ҷаҳон танҳо 30% донишҷӯдухтарон роҳи омӯзиши фанҳои STEM-ро интихоб мекунанд. Фарқияти гендерӣ дар фанҳои STEM на танҳо имкониятҳои касбии занҳоро маҳдуд месозад, балки оламиf корпоративӣ, тадқиқотҳои илмӣ ва умуман ҷомеаро камбағал мегардонад.

Бо мақсади мустаҳкам намудани раванди омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва математикӣ, инчунин инкишоф додани тафаккури техникии насли наврас ва ҷавонон солҳои 2020-2040 дар Тоҷикистон «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва математикӣ дар соҳаи илм ва маориф» эълон шудаанд. Соли 2020 Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 оид ба амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва математикӣ дар соҳаи илм ва маориф» эълон гардидани солҳои 2020-2040 тасдиқ карда шуд. Соли 2021 Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои математикӣ, дақиқ ва табиатшиносӣ дар соҳаҳои маориф ва илм дар давраи то соли 2030 қабул карда шуд.[42]

Қайд кардан лозим аст, ки дар Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 ва Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои математикӣ, дақиқ ва табиатшиносӣ дар соҳаҳои маориф ва илм дар давраи то соли 2030 (Стратегия) боз усули аз лиҳози гендерӣ бетараф истифода бурда мешавад. Танҳо дар аввали Стратегия ҳангоми баррасии вазифаҳои ҲРУ ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2030 чунин самти афзалиятнок, ба монанди таъмини баробарӣ ва дастрасӣ ба таҳсилот зикр карда мешавад.

[41] Science, Technology, Energy, Mathematics technical fields, and at least one manager (STEM). ИТИМ– (И- илм, Т-технология, И-инженерия, М-математика).
[42] Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 апрели соли 2021, №185 тасдиқ шудааст.

Дар заминаи номувозинатии гендерӣ дар соҳаи ихтисосгирии занон дар соҳаҳои илм, технологияҳо, инженерия ва математика (STEM/ ИТИМ) на ҳангоми вазифагузорӣ ва на ҳангоми муайян кардани афзалияту самтҳои амали Стратегия, аз ҷумла дар соҳаи оммавигардонии системаи иштирок дар омӯзиш ва рушди фанҳои математикӣ, дақиқ ва табиатшиносӣ, масъалаҳои гендерӣ ба назар гирифта намешаванд. Дар «Натиҷаҳои пешбинишаванда» низ ҷанбаҳои гендерӣ инъикос нагардидаанд.

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми ҶТ, дар соли таҳсили 2021/2022 дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ дар байни донишҷӯёни ихтисоси «Илмҳои табиатшиносӣ» занҳо 32,1%, «Техникаи ҳисоббарор» - 25,5%, «Идоракунӣ» - 25,9%%, «Иқтисод ва ташкили истеҳсолот» - 21,4%%, «Таҷҳизот» - 5,1%, «Техникаи радиоэлектронӣ» - 3,3%-ро ташкил медиҳанд.[43]

**Ҷадвали 26. Шумораи донишҷӯёни мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ, аз ҷумла занон, мувофиқи гурӯҳҳои ихтисос дар соли 2021/2023**

| № | Ихтисос | Мактабҳои миёнаи махсус | | Мактабҳои олӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ, нафар | Занон/ % | Ҳамагӣ, нафар | Занон/ % |
| 1 | Илмҳои табиатшиносӣ | 88 | 70/79,5% | 7486 | 2402/32,1% |
| 2 | Техникаи радиоэлектронӣ | - | - | 90 | 3/3,3% |
| 3 | Техникаи ҳисоббарор | 2247 | 665/29,6% | 4758 | 1214/25,5% |
| 4 | Таҷҳизот | 743 | 52/7,0% | 1432 | 73/5,1% |
| 5 | Иқтисод ва ташкили истеҳсолот | 849 | 257/30,3% | 1830 | 392/21,4% |
| 6 | Таҳсилоти касбӣ | 532 | 84/15,8% | 2968 | 710/23,9% |
| 7 | Идоракунӣ | 370 | 159/42,9% | 12398 | 3217/25,9% |

Бо мақсади бартараф намудани нобаробарии гендерӣ дар масъалаи дастрасӣ ба технологияҳои нав ва ихтисосҳои STEM/ ИТИМ-ро омӯхтани духтарону занон истифодаи тадбирҳои махсуси муҳлатнок, аз ҷумла квотаҳои Президентӣ барои духтарону занон барои таҳсил дар мактабҳои миёнаи махсус ва олии мамлакат, инчунин истифодаи стипентияҳои мақсаднок барои духтароне, ки ихтисосҳои STEM/ ИТИМ ва ихтисосҳои дигарро меомӯзанд, мувофиқи мақсад мебошад.

Дар системаи чораҷӯиҳо барои таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии занон ба самаранокии тадбирҳои кам кардани шуғли ғайрирасмӣ диққати аввалиндараҷа бояд дод. Аксарияти занону мардон дар иқтисоди ғайрирасмӣ на бо ихтиёри худ, балки бо сабаби набудани имконияти ба кор даромадан дар иқтисоди расмӣ ва ё бо ягон роҳи дигар ба даст овардани маблағ барои рӯзгузаронӣ кор мекунанд. Дар байни занон шуғли ғайрирасмӣ 21,7%-ро (дар байни мардон 33,2%-ро) ташкил медиҳад.[44]

[43] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Маориф дар ҶТ, Душанбе, 2022. с.79.
[44] Агенти омори назди Президенти ҶТ. Вазъи бозори меҳнат дар ҶТ. (Ҳисобот аз рӯи натиҷаҳои МҚК, ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронда шудааст, таҳия гардидааст).2017. с.56.

Ҳоло Барномаи паст кардани дараҷаи шуғли ба қайд гирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2023 амалӣ карда мешавад.[45] Мақсади асосии Барнома: баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ, васеъ намудани имкониятҳои аҳолӣ дар соҳаи шуғл, амалисозии сиёсати давлатӣ, ки ба кам кардани шуғли ба қайд гирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар бозори меҳнат равона гардидааст, таъмини кафолатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ҶТ.

**Иловаи 12. Қонуни ҶТ «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз». Моддаи 11. Истифодаи чораҳои мусбат.**

1. Барои таъмини пурра ва самараноки амалигардонии ҳуқуқ, озодӣ ва имкониятҳои баробар, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, чораҳои мусбат татбиқ карда мешаванд.
2. Чораҳои мусбат ин чораҳои муваққатии махсуси қонунгузорӣ, маъмурӣ ва амалӣ мебошанд, ки ба ҳифзи шахсони нисбат ба шахсони дигар дар шароитҳои номусоид қарордошта ҷиҳати бартараф намудани ҳолати номусоиди дар гузашта бавуҷудомада ва таъмини ноилшавии баробарии комил равона карда шудаанд.
3. Чораҳои мусбат бояд то ноил шудан ба баробарии ҳуқуқӣ ё воқеӣ ва ҳамгироии иҷтимоии шахсон ва (ё) гурӯҳи шахсоне, ки нисбат ба шахсони дигар дар шароитҳои номусоид қарор доранд, татбиқ карда шаванд.

Вале маблағгузории мақсадноки ин барнома вуҷуд надорад, ҳангоми баррасии мушкилоти шуғли ғайрирасмӣ муносибати тафриқанок бо назардошти вижагиҳои гендерии занону мардон тамоман истифода бурда намешавад, ба гуногунии занону мардон (деҳотӣ ва шаҳрӣ, наслҳои ҷавон ва калонсол, вуҷуд доштани маълумоти касбӣ, дорои маъюбият ва ғ.) аҳамият дода намешавад.

Таҳлили тадбирҳое, ки дар чаҳорчӯбаи Нақшаи чорабиниҳо барои амалисозии ин барнома пешбинӣ гардидаанд, кам будани тадбирҳоро ҷиҳати ҳавасмандгардонии гузариши шахсон ва корхонаҳои дар бахши ғайрирасмии шуғл коркунанда ва зарурати таваҷҷуҳи бештарро ба чораҳои ошкорсозӣ ва пешгирӣ намудани шуғли ғайри-

**Иловаи 13. БРСММ бо дастгирии молиявии ҳукумати Федератсияи Россия лоиҳаи «Мустаҳкам намудани ҷамъиятҳо дар вилояти Хатлон ва водии Рашти Тоҷикистон»-ро, ки ба васеъ намудани имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии деҳот нигаронида шудааст, амалӣ менамояд.**

Яке аз вазифаҳо – таъмини дастрасии аҳолии деҳот ба захираҳои молиявӣ барои дастгирии лоиҳаҳои на чандон калони корхонаҳои хурду миёна, аз ҷумла дар соҳаҳои агросаноатӣ, саноат ва коркард, ташкили ҷойҳои нави корӣ барои занон ва ҷавонони деҳот бо роҳи додани қарз бо фоизи паст.

ФҲХ «Боршуд» дар асоси гранте, ки аз БРСММ ба маблағи зиёда аз 110 000$ гирифтааст, барои ташкил ва васеъ намудани соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар пешбурди бизнес қарзҳои имтиёзнок дод. То 23.11. с. 2022-ум 36 нафар (19 нафар зан) ба захираҳои молиявӣ дастрасӣ пайдо намуда, 65 ҷои корӣ ташкил карданд (24 ҷои корӣ – барои занон).

Манбаъ: https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20221123/mikrokrediti-dlya-selskih-proizvoditelei-rashtskoi-dolini-kak-eto-rabotaet

[45] Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 августи соли 2019, №439 тасдиқ шудааст.

расмӣ, баланд бардоштани самаранокии системаи назорат ба татбиқи қонунгузории меҳнат ва ғ. нишон медиҳад. Илова бар ин, тасвиятҳои истифодашуда бештар ба вазифаҳо шабоҳат доранд, на ба тадбирҳо ё чорабиниҳои мушаххас. Мунтазам риоя намудани Тавсияҳои ТБМ №204 дар бораи зарурати татбиқи усулҳои мувозинатноке, ки аз чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва таъмини риояи меъёрҳои қонунгузорӣ иборатанд, бағоят муҳим мебошад.

Дар Барномаи паст кардани дараҷаи шуғли ба қайд гирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2023 дар байни чораҳои ҳавасмандгардонии гузариш ба бахши расмии иқтисод инҳо зикр гардидаанд: такмил додани низоми қарздиҳӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна, осон кардани расмиёти гирифтани қарз, инчунин ҷорӣ намудани системаи қарзҳои имтиёзнок. Вале дар амал ҳиссаи қарзҳои имтиёзнок дар байни қарзҳое, ки бонкҳо ва ташкилотҳои хурди молиявӣ барои дастгирии соҳибкории занон додаанд, чандон зиёд нест.

# 8. ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲО

Масъалаҳои таъмини ҳуқуқу имкониятҳои занон, аз ҷумла мушкилоти имкониятҳои иқтисодии занон, дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтаанд. Дар стратегияи дарозмуҳлати рушд то соли 2030 ва дар барномаҳои миёнамуҳлати рушди Тоҷикистон дар байни самтҳои афзалиятнок тадбирҳое пешбинӣ гардидаанд, ки ба такмил додани сиёсати гендерӣ бо назардошти Ҳадафҳои рушди устувор, аз ҷумла принсипи «Ягон кас қафо гузошта нашавад» равона гардидаанд.

Дастгирии соҳибкорзанон тавассути грантҳои Президентӣ ва квотаҳои Президентӣ барои духтарони деҳот ҳангоми дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ ба баланд бардоштани дараҷаи шуғли занон ва васеъ намудани имкониятҳои онҳо барои гирифтани маълумоти касбӣ мусоидат мекунад.

Дар роҳи пешбурди баробарии гендерӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ тағйиротҳо дар таҳрири нави Кодекси меҳнати ҶТ қадами муҳим гардиданд. Тағйиротҳои мазкур бо меъёрҳои иловагие, ки имкониятҳои занонро барои пешравӣ дар мартабаю мансаб васеъ менамоянд, алоқаманд мебошанд. Меъёрҳои наве ворид карда шудаанд, ки хусусиятҳои меҳнати занон ва шахсони дигари дорои ухдадориҳои оилавӣ, хусусиятҳои меҳнати кормандони бо усули фосилавӣ коркунанда, кормандони дар хона коркунанда, кормандони хонагӣ ва категорияҳои дигарро танзим менамоянд.

Ҳукумати ҶТ барои ҳалли мушкилоти соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз соли 2015 сар карда, 11 Барномаи давлатии гуногун қабул намуд, ки муҳлати амали 5-тои онҳо ба охир расидааст ва иҷрои шаштои онҳо ҳанӯз давом дорад. Дар Барномаҳои давлатии дар ҳар ду сол қабулшавандаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар фасли алоҳида ҷиҳати таъмини шуғли занон, аз ҷумла занон аз гурӯҳҳои осебпазир, тадбирҳо пешбинӣ карда мешаванд. Консепсияи дар соли 2022 тасдиқгардидаи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2040 ҳуҷҷати муҳимест оид ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон.

Аммо, сарфи назар аз чораҳои аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон андешидашаванда, ба таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии занон як қатор монеаҳо халал мерасонанд. Сабаби душвории мушкилоти таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии занон аз сершумор будани омилҳои таъсиркунанда, бо соҳаҳои гуногуни иқтисод робитаи мутақобила доштан ва аз рушди соҳаҳои гуногуни иқтисод вобаста будани ин мушкилот иборат мебошад.

Бартараф намудани монеаҳо дар роҳи васеъ намудани имкониятҳои занон дар соҳаи шуғл ва фаъолии онҳо дар бозори меҳнат бевосита аз васеъ намудани дастрасии занон ба таҳсилот, ҳосил намудани малакаю дониш, рушди инфрасохторҳои таҳсилоти томактабӣ ва хизматрасонии маишӣ, нақлиёт ва ғайра вобастагӣ дорад.

Ба рӯйхати омилҳои доимие, ки чи ба иҷрои сиёсат оид ба таъмини баробарҳуқуқии воқеии гендерӣ ва чи ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисодӣ халал мерасонанд, инҳоро дохил кардан мумкин аст:

- Рушди нокифояи ҳамкориҳои самараноки байнисоҳавӣ ҳангоми таҳияи сиёсат оид ба васеъ намудани имкониятҳои занон ва таъмини баробарҳуқуқии гендерӣ дар соҳаҳои гуногун. Аксари вақтҳо ба назар гирифта намешавад, ки ҳалли ин ё он мушкилоти нобаробарҳуқуқии занон дар соҳаҳои мушаххас аз як қатор омилҳо ва аз фаъолияти сохторҳои ниҳодии гуногун оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои занон на фақат дар ин соҳа, балки дар соҳаҳои дигар низ вобаста мебошад.
- Ҳангоми тартиб додани нақшаҳои фаъолият дар ин ё он соҳа суст ба назар гирифтани сабабҳои нобаробарҳуқуқии занон ва мардон (дастрасии маҳдуди занон ба захираҳои гуногун, ба қабули қарорҳо, зӯроварӣ нисбати занон).
- Суст равона кардани барномаю тадбирҳои таҳияшаванда ба арзёбии имкониятҳои воқеии занон ва ба даст овардани натиҷаҳо дар баробари мардон.
- Кам истифода бурдани усулҳои мушаххаси арзёбии имкониятҳо ва талаботи гурӯҳҳои гуногуни занон (занони деҳот ва шаҳр, ҷавонон ва куҳансолон, маъюб ва бе маъюбият ва ғ.) ҳангоми банақшагирии фаъолият. Занҳо, одатан, ба сифати гурӯҳи якҷинса арзёбӣ ва дарк карда мешаванд.
- Дар Ҳукумат вуҷуд надоштани стратегияи коммуникатсионии мақсаднок ҷиҳати бартараф намудани қолабҳои гендерӣ ва тағйир додани афкори ҷомеа дар бораи тақсимоти нақшҳои гендерӣ ва имкониятҳои иқтисодии занон.

Натиҷаҳои тадқиқоти гузарондашуда собит менамоянд, ки дараҷаи иштироки занони синни қобили меҳнат чи дар қувваи корӣ ва чи дар шуғл, назар ба мардҳо хеле камтар аст. Занҳо, дар муқоиса бо мардҳо, ба шуғли пурмаҳсул ва пардохти сазовори музди меҳнат дастрасии маҳдуд доранд.

Мушкилоти меҳнати бемузди занон барои нигоҳубини кӯдакон ва аъзоёни оила, инчунин сарбории дутарафаи занон – ҳам кор ва ҳам иҷрои уҳдадориҳои хонагӣ ба таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии онҳо халали ҷиддӣ мерасонад. Занҳои пурсидашуда назар ба мардҳо барои иҷрои меҳнати бемузд 2,7 маротиба бештар вақт сарф мекунанд. Меҳнати бемузд омили монеъшавандаи асосиест, ки ба занҳо имконият намедиҳад ба кор дароянд ё бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд.

Ба шуғли занҳо ва мардҳо тақсимоти гендерии нақшҳо, инчунин ҷудосозии (сегрегатсияи) васеъ паҳншудаи гендерии касбӣ таъсири калон мерасонад. Дар байни занони 15-сола ва аз ин болои хонаводаҳои пурсидашуда аксариятро соҳибхоназанон, дар байни мардҳо бошад, аксариятро муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил медиҳанд. Дар байни занон аксарият дар ташкилотҳои буҷетӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ кор мекунанд. Дар байни мардҳо аксарият дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд, корҳои муваққатӣ/якдафъаинаро иҷро менамоянд ё дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ба таври кироя кор мекунанд.

Қолабҳои манфии гендерӣ ба шуғл ва имкониятҳои иқтисодии занон, тақсими нақшҳои мардон ва занон дар оила ва ҷамъият таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Аксарияти занҳо на фақат аз сабаби кӯдакони хурдсол доштан ё мавҷуд набудани имкониятҳои молиявӣ, балки инчунин бо таъсири қолабҳои гендерӣ кор намекунанд ё маълумоти касбӣ намегиранд.

Ҷонибдории қолабҳои гендерӣ чи дар байни аҳолии деҳот ва чи дар байни аҳолии шаҳр, чи дар байни шахсони маълумотнок ва чи дар байни шахсони бемаълумот, чи дар байни ҷавонон ва чи дар байни пиронсолон, чи дар байни мардон ва чи дар байни занон, дар байни шаҳрвандони қаторӣ ва кормандони масъули мақомоти давлатӣ мушоҳида карда мешавад. Таъсири қолабҳои гендерӣ ба худбаҳодиҳии пасти занон ба қобилиятҳои худ ва нобоварӣ ба имкониятҳои иқтисодиашон мусоидат мекунад, инчунин ба ёрии зарурӣ расондани шавҳар ва дигар аъзоёни хонавода монеъ мегардад.

Дар масъалаи баҳодиҳии занҳо ба ин ё он қолаби гендерӣ, фарқияти муносибати занон нисбати қолабҳо оид ба тақсимоти нақши занон дар оила ва ҷомеа мухолифатҳои муайян дида мешаванд. Агар дар сатҳи оила қисми зиёди занон занро «нигаҳбони хонадон» шумурда, вазифаи ягонаи ӯро аз нигоҳубини хона ва кӯдакон, инчунин бечуну чаро итоат кардан ба шавҳари худ иборат донанд, пас дар мавриди баррасии масъалаи шуғл ва ба кор даромадани занон аллакай чунин ризоияти ягона вуҷуд надорад. Қисми зиёди занон чунин мешуморанд, зан бояд худаш ҳал кунад, ки кор кунад ё не. Дар айни ҳол, аксарияти кулли занон аз гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ чунин мешуморанд, ки «бизнес кор занона аст» ва «занҳо роҳбарон/сарварони хуб шуда метавонанд».

Вале ба назар гирифтан лозим аст, ки бо вуҷуди муқовимати муайяни занҳои пурсидашуда ба қолабҳои гендерӣ, ки бо имкониятҳои иқтисодӣ ва дигар имкониятҳои онҳо алоқаманд мебошанд, муносибати манфӣ нисбати қолабҳо оид ба тақсими нақшҳои гендерӣ дар сатҳи идрокӣ (арзёбӣ) ва дар сатҳи рафтор аксар вақт бо якдигар мувофиқат намекунанд. Дар ҳаёти ҳамарӯза қисми зиёди занҳо барои тағйир додани вазъият ва васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии худ ягон амали фаъолона ба ҷо намеорад.

Аҳамияти васеъ намудани дастгирии давлатии соҳибкории занон бо вазъи иҷтимоии занон дар ҷомеа ва шумораи онҳо дар байни аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли кор накунанда муайян карда мешавад.

Тамоми маҷмуи омилҳои мусоид ва номусоиди рушди муҳити бизнес дар мамлакат ба рушди соҳибкории занон таъсир мерасонад. Аммо дар баробари проблемаҳои умумие, ки барои тамоми соҳибкорон хосанд, барои занҳо боз монеаҳои иловагӣ вуҷуд доранд. Дастрасии маҳдуди занон ба захираҳо ва системаи ба вуҷуд омадаи муносибатҳои гендерӣ ба зиёд гардидани нобаробарии гендерӣ мусоидат менамоянд.

Мушкилоти асосие, ки ба рушди соҳибкории занон монеъ мешаванд, инҳо мебошанд:

* маҳдуд будани усулҳои самарабахши инкишоф додани соҳибкории занон, аз ҷумла дастрасии маҳдуд ба молия ва қарз, вуҷуд надоштани сармояи ибтидоӣ ва дигар захираҳои молиявӣ;
* дараҷаи нокифояи донишу малакаҳои соҳибкорзанон дар бораи балоиҳагирии бизнес, менеҷмент ва маркетинг бо мақсади пешбурди бомуваффақияти бизнес;

* ақиб мондани системаи миллии таълими бизнес аз талаботи иқтисоди бозорӣ, стандартҳои байналмилалӣ ва сатҳи пасти донишҳои ташкилию иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон ва ғ.;
* таъсири қолабҳои гендерӣ, боварӣ надоштан ба худ ва набудани дастгирии зарурӣ аз ҷониби аъзоёни хонавода;
* бо корҳои бемузди хона ва парстории кӯдакону пиронсолон банд будани занон.

Дар ҳамаи минтақаҳо ҳам хоҷагиҳои фермерӣ ва ҳам аъзоёни ХДФ мушкилоти зиёд доранд. Қариб 30% занҳои пурсидашуда шаҳодатномае надоранд, ки саҳми замини онҳоро тасдиқ намояд. Қариб ҳар як фермерзани сеюм ба дигар намудҳои шуғл ҷалб гардидааст. Барои аз се як ҳиссаи фермерзанон даромад аз фаъолият дар ХДФ манбаи асосии даромад ба ҳисоб намеравад. Фермерзанон ба баланд бардоштани сатҳи дониш оид ба агротехнологияҳо ва самтҳои дигар талаботи зиёд доранд. Дараҷаи огоҳии занон дар бораи барномаҳои дастгирии хоҷагиҳои фермерӣ ниҳоят паст аст. Шумораи хеле ками занон бо намудҳои гуногуни барномаҳои таълимӣ фаро гирифта шудаанд.

Ба нерӯи истифоданашудаи гурӯҳи дар байни посухдиҳандагон аз ҳама сершумори соҳибхоназанон, ки занони синну сол ва маълумоташон гуногун аз деҳот ва шаҳрро муттаҳид менамояд, диққат бояд дод. Дар ҳоле ки аксарияти онҳо ягон вақт кор накардаанд, ягон хел ихтисос надоранд ва дар бораи барномаҳои дастгирӣ ва муассисаҳои таълими калонсолон огоҳии аз ҳама кам доранд, қариб ҳар як зани дуюм мехоҳад, ки ягон ихтисос ё маълумоти иловагӣ гирад ва рафта кор кунад. Дар айни замон нисфи занҳои пурсидашуда бовар доранд, ки имкониятҳои иқтисодии худро дар оянда беҳтар ва васеътар карда метавонанд.

Омилҳои асосие, ки ба имкониятҳои иқтисодии занон, аз ҷумла ба шуғл, манбаъҳои даромад, сатҳи музди меҳнат ва ғайра таъсир мерасонанд, намуди маскуншавӣ (шаҳр ва деҳот), дараҷаи маълумот, синну сол ва омили минтақавӣ мебошанд. Робитаи зичи ҳамдигарии имкониятҳои иқтисодии занон бо вуҷуд доштани маълумоти касбӣ собит карда мешавад. Дар байни заноне, ки ягон хел маълумоти касбӣ надоранд, дар муқоиса бо заноне, ки ягон хел маълумоти касбӣ доранд, соҳибхоназанон се маротиба зиёдтаранд.

Посухдиҳандагони дорои маълумоти касбӣ ба қобилияти беҳтару васеътар намудани имкониятҳои иқтисодии худ бештар боварӣ доранд.

## ТАВСИЯҲО

Таҳия ва иҷрои сиёсат оид ба васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занон амалисозии як қатор дигаргунсозиҳои маҷмуӣ ва сохториро бо назардошти тағйиротҳо дар соҳаи меҳнат, ки ба таъмини шуғли пурмаҳсул равона гардида, бо истифодаи технологияҳои рақамӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ алоқаманд мебошанд, талаб мекунад. Истифодаи навовариҳо (инноватсияҳо) талаботро ба қувваи кории баландихтисос боз ҳам бештар мегардонад. Барои кам кардани хатари афзои-

ши ҷудосозии (сегрегатсияи) касбӣ дар соҳаи меҳнат ва дастрасии маҳдуди занон ба музди меҳнати сазовор тадбирҳои маҷмуии дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуҳлат андешидан зарур аст.

**Оид ба баланд бардоштани самаранокии сиёсат ҷиҳати васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занон**

Истифодаи роҳу усулҳои ба тартиб даровардашуда ва муайян кардани афзалиятҳои зерини сиёсат оид ба васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занон зарур мебошад:

- Таҳия ва амалисозии сиёсат бо назардошти стандартҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва принсипи «Ягон кас ақиб гузошта нашавад»
- Барои занҳо ташкил намудани ҷойҳои нави кор ва мусоидат ба шуғли пурмаҳсул
- Кам кардани ҷудосозии (сегрегатсияи) касбӣ ва фарқиятҳо дар пардохти музди меҳнат
- Таҳкими амнияти молиявии гурӯҳҳои гуногуни занон дар давоми тамоми силсилаи ҳаёт
- Дастгирии соҳибкории занон
- Таъмини захираҳои бештар барои ба даст овардани баробарии воқеӣ
- Сармоягузорӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоии дорои ҷанбаҳои гендерӣ
- Эътироф, кам ва аз нав тақсим кардани корҳои бемузди парасторӣ ва корҳои хона
- Дастгирии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои занон ва ташаккул додани сиёсати гендерӣ дар ҳамаи сатҳҳо

Такмил додани низоми мониторинг ва арзёбии самаранокии таъсири стратегияю барномаҳои амалишавандаи миллӣ ба рафъи нобаробарии гендерӣ ва васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон дар асоси мунтазам гузарондан ва истифода бурдани маҷмуи индикаторҳои захираҳои сарфшаванда, бoздеҳ, натиҷаҳои ниҳоӣ ва таъсирнокӣ. Таъмини дастрасии ҳамаи сохторҳои манфиатдор ва аҳли ҷомеа ба ҳисобот дар бораи натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ, аз ҷумла ҷойгир намудани он дар сомонаҳои вазорату идораҳо.

Такмил додани тарзу усулҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти байни сохторҳои гуногуни давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ, бахши соҳибкорӣ (Шӯроҳои ҳамоҳангсоз, комиссияҳои байниидоравӣ, васеъ намудани фармоиши иҷтимоӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ, лоиҳаҳои муштарак ва ғ.) дар асоси муттаҳид намудани захираҳои молиявӣ ва инсонӣ.

Дар вақти таҳияи барномаҳо ба риояи принсипи «Ягон кас ақиб гузошта нашавад» диққати хоса дода, ҳангоми муайян кардани тадбирҳо ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии занону мардони деҳот ва шаҳр, ҷавонон ва куҳансолон, маъюбон ва шах-

сони бо ВНМО/БПНМ зиндагикунанда, занону мардони бе маълумоти касбӣ ва дигарон усулҳои алоҳида истифода бурда шаванд.

Ҳангоми таҳияи Барномаи навбатӣ оид ба шуғли ғайрирасмӣ барои солҳои минбаъда фаъолонатар иҷро намудани Тавсияҳои ТБМ №204 дар бораи зарурати татбиқи усулҳои мувофиқе, ки аз чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва чораҳои таъмини риояи меъёрҳо дар рафти ташаккул додани стратегияҳои муттасил ва маҷмуӣ иборат буда, ба гузариш ба иқтисоди расмӣ мусоидат менамоянд, мувофиқи мақсад аст.

Ташкили системаи доимоамалкунандаи баланд бардоштани сатҳи огоҳии гендерӣ ва таҳкими нерӯи гендерии кормандони вазорату идораҳо тавассути институтҳои амалкунандаи такмили ихтисос, ба барномаҳои таълимӣ ҳатман ворид намудани курсҳои махсус оид ба проблемаҳои умумии пешбурди баробарии гендерӣ ва хусусиятҳои татбиқи муносибати гендерӣ дар сиёсат дар соҳаи шуғл ва рушди соҳибкорӣ. Васеъ ба роҳ мондани тренингҳои кӯтоҳмуддат оид ба санадҳои нави қонунгузорӣ ва муносибатҳои инноватсионӣ бо истифода аз стандартҳои байналмилалии банақшагирӣ ва иҷрои сиёсати гендерӣ оид ба таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии занон.

Бо мақсади пешбурди баробарҳуқуқии гендерӣ ва муқовимат ба таъсири қолабҳои гендерӣ ба мақом ва имкониятҳои иқтисодии занон тибқи вазифаҳои Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶТ барои солҳои 2021-2025 таҳияи Стратегияи коммуникатсионии Ҳукумат оид ба решакан намудани қолабҳои гендерӣ ва нақши мардону занон дар ҷомеа ва оила, баланд бардоштани обрӯю эътибори занон чун иштирокчиёни фаъоли дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва пешбурди шуғли пурмаҳсул ҷоннок гардонда шавад.

**Оид ба таҳкими нерӯ ва қобилияти рақобатпазирии занон дар соҳаи шуғл**

Дар шароити бозсозии сохтории соҳаҳои иқтисод, нав кардани истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва ғ. диққат ба ташкили низоми комили таълими калонсолон дар тамоми давраи ҳаёт ва баланд бардоштани дарҷаи ихтисос ва аз нав тайёр кардани кадрҳо равона карда шавад.

Таҳияи барномаҳои махсус барои категорияҳои гуногуни занон, аз ҷумла барномаҳои махсуси тайёркунӣ ва аз нав тайёркунӣ барои заноне, ки баъди танаффуси дарозмуддати бо тарбияи кӯдакон алоқаманд корро давом додан мехоҳанд; барои заноне, ки ихтисоси нав гирифтан мехоҳанд; барои занони маъюб. Ҳавасмандгардонии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ ба амалисозии барномаҳои махсуси таълимӣ барои занон оид ба барқарорсозии малакаҳои меҳнатӣ ва донишҳои касбӣ, гирифтани ихтисосҳои нав дар он соҳаҳои иқтисод, ки барои занон анъанавӣ нестанд.

Ба марказҳои таълими калонсолон ва дигар муассисаҳои таълимӣ зарур аст, ки барномаҳои таҳсилоти касбӣ ва азнавтайёркунии касбии занон ва ҷавононро аз рӯи ихтисосҳое, ки ба талаботи тағйирёбандаи бозори меҳнат ва технологияҳои нав ҷавобгӯ буда, ба рафъи ҷудосозии гендерии касбӣ ва баланд бардоштани дараҷаи шуғли занон дар соҳаҳои ғайрианъанавии иқтисод мусоидат менамоянд, нав кунанд. Аз курсҳои давомнокиашон гуногун, аз ҷумла курсҳои кӯтоҳмуддат истифода баранд.

Бо мақсади бартараф намудани нобаробарии гендерӣ дар масъалаи дастрасӣ ба технологияҳои нав ва ихтисосҳои STEM/ ИТИМ-ро омӯхтани духтарону занон истифодаи тадбирҳои махсуси муҳлатнок, аз ҷумла квотаҳои Президентӣ барои духтарону занон барои таҳсил дар мактабҳои миёнаи махсус ва олии мамлакат, инчунин истифодаи стипендияҳои мақсаднок барои духтароне, ки ихтисосҳои STEM/ ИТИМ ва ихтисосҳои дигарро меомӯзанд, мувофиқи мақсад мебошад. Иҷрои тадбирҳои ба нақша гирифташуда ва дар мавридҳои зарурӣ андешидани тадбирҳои ҳавасмандкунандаи иловагӣ дар СМРМ-2030 ҷиҳати бартарафсозии тафовутҳои гендерӣ дар ин соҳаҳо таъмин карда шавад.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии иштироки занон дар соҳаи шуғл ва пешгирии ҷудосозии касбӣ иҷрои тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

* Бартараф намудани маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи шуғли занон.
* Истифодаи чораҳои мусбат барои ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодии занон, аз ҷумла ҷадвали тағйирёбандаи кор, беҳтар намудани чораҳои ҳифзи иҷтимоӣ.
* Ҳавасманд намудани духтарону занон ба гирифтани маълумоти касбӣ бо назардошти ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар соҳаи меҳнат, дар навбати аввал ба омӯхтани ихтисосҳои STEM/ ИТИМ, баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамӣ.
* Зиёд намудани сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасонӣ барои парастории кӯдакону пиронсолон, инчунин ба соҳаи хизматрасонии маишӣ.
* Тақвият додани чораҳои ҳифзи иҷтимоии занон, аз ҷумла кӯмакпулиҳо барои ҳомилагӣ ва таваллуд, парастории кӯдак, хизматрасонии тиббӣ, таъминоти нафақавӣ.

Фароҳам овардани шароит барои таъмини шуғли занони қобилияти рақобатиашон паст (маъюбон, модарони серкӯдак, сардорони оилаҳои нопурра, занони муҳоҷирони меҳнатӣ ва ғ.). Таҳияи маҷмуи чораҳое, ки кордиҳандаро ба истифодаи меҳнат ва ба кор қабул кардани категорияҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ беҳимояи аҳолӣ ҳавасманд менамоянд.

Таҳияи маҷмуи ҳуҷҷатҳое, ки чораҳои ҳавасмандгардонии гузариши мардону занонро аз иқтисоди ғайрирасмӣ ба иқтисоди расмӣ пешбинӣ менамоянд, бо истифода аз усулҳои андозбандии имтиёзнок дар се соли аввали кор, системаи дастрасӣ ба қарз ва қарзҳои хурд, расондани ёрии машваратӣ ва иттилоотӣ, омӯзиши касбҳои нав, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ.

**Оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва таҳияи Барномаи давлатӣ доир ба дастгирии соҳибкории занон**

Ҳангоми таҳияи чораҳои сиёсат оид ба дастгирии соҳибкории занон хусусиятҳои «соҳибкории занон» ва «соҳибкории мардон»-ро, ки чи бо соҳаҳои фаъолияти онҳо, бо маҳдудиятҳои гуногуни дастрасӣ ба захираҳо, нерӯю малакаҳои нокифоя ва чи

бо ҷанбаҳои иҷтимоию демографии ҳаёти онҳо, хусусан дар деҳот, алоқамананд, ба назар гирифтан лозим аст. Аниқ муайян кардани доираи субъектҳои соҳибкории занон, аз ҷумла занон – аъзоёни хоҷагиҳои фермерӣ басо муҳим аст. Бо мақсади ташкили муҳити созгори бизнес барои рушди соҳибкории занон воситаю усулҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ниҳодӣ, ташкилӣ ва молиявиро истифода бурдан зарур аст.

Ба имкониятҳои соҳибкории занон махсусгардонии соҳавӣ таъсири муҳим мерасонад. Бо назардошти пешомадҳои рушди соҳибкории занон диверсификатсияи муайян ва рӯ овардан ба бахшҳои инкишофёбандае зарур аст, ки бо соҳаи STEAM/ ИТИМ ва рушди хизматрасониҳо алоқаманд буда, талабот ба онҳо торафт зиёд мешавад.

Тибқи қонунгузории нав дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳамаи шаклҳои ҳуқуқпоймолкунӣ, ҷиҳати рушди соҳибкории занон тадбирҳои мусбат, муҳлатнок ва махсус андешидан зарур аст, аз ҷумла ҷорӣ намудани маҳсулоти молиявӣ ва ғайримолиявии аз лиҳози гендерӣ ҳассос, хизматрасониҳо дар бахши бонкӣ, татбиқи шаклҳои фаъоли такмили нерӯи занон ва ғ.

Бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва васеъ намудани фарогирии занон бо фаъолияти соҳибкорӣ дар байни самтҳои фаъолияти Барномаи давлатии оянда оид ба дастгирии соҳибкорзанон ҷудо кардани самти алоҳида оид ба ҷалб намудани занони бо кор машғул набуда, аз ҷумла соҳибхоназанон ва ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии гузариши соҳибкорзанони бе мақоми ҳуқуқӣ аз бахши ғайрирасмӣ ба бахши расмӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар чаҳорчӯбаи самти мазкур чунин намудҳои фаъолият пешбинӣ карда шаванд: гузарондани корҳои иттилоотию тавзеҳотӣ, амалисозии барномаҳои таълимӣ барои калонсолон мувофиқи ихтисосҳои ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ, амалисозии барномаҳои соҳибкорӣ, чораҳои ҳавасмандгардонӣ, муқовимат ба муносибати ғаразнок нисбати соҳибкорзанон ва ғ. Ҳангоми банақшагирии шаклу усулҳои кор аз усулҳои мушаххас бо назардошти хусусиятҳо ва имкониятҳои занон аз гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ, аз ҷумла ҷавонони то 30-сола ва насли калонсол, вижагиҳои соҳибкорӣ дар шаҳр ва деҳот, хусусиятҳои гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занҳои маъюб ва ғ. истифода бурда шавад.

Мунтазам гузарондани мониторинг ва арзёбии рушди соҳибкорӣ бо татбиқи нишондиҳандаҳои гендерӣ. Ҳангоми гузарондани мониторинг ва арзёбӣ ба фарқияти байни соҳибкорони марду зан, инчунин байни худи занон аз рӯи намудҳои соҳибкорӣ, соҳаҳои шуғли соҳибкорон аз рӯи намуди маскуншавӣ, минтақаҳо ва ғ. диққати хоса додан лозим аст.

Ба системаи мониторинг ва арзёбии самаранокии тадбирҳои андешидашуда оид ба иҷрои Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорзанон маҷмуи индикаторҳо, аз ҷумла индикаторҳои захира ва боздеҳ, натиҷаҳо ва таъсир дохил карда шаванд. Дар қатори индикаторҳои дигар индикаторҳои зерини аз рӯи ҷинс тақсим кардашуда дохил карда шаванд:

* Миқдори қарзҳои ба занону мардон додашуда бо тақсим намудан ба бонкҳо ва ТҚХ

* Андозаи миёнаи қарзҳои ба занону мардон додашуда бо тақсим намудан ба бонкҳо ва ТҚХ (Сомонӣ)
* Таносуби миқдори қарзҳои ба занони соҳибкор ва мардони соҳибкор додашуда бо тақсим намудан ба бонкҳо ва ТҚХ
* Андозаи миёнаи қарзҳои ба занони соҳибкор ва мардони соҳибкор додашуда бо тақсим намудан ба бонкҳо ва ТҚХ (Сомонӣ)
* Қарзҳои ба занони соҳибкор додашуда мувофиқи соҳаҳои иқтисод бо тақсим намудан ба бонкҳо ва ТҚХ
* Қарзҳои ба мардони соҳибкор додашуда мувофиқи соҳаҳои иқтисод бо тақсим намудан ба бонкҳо ва ТҚХ
* Қарзҳои додашуда мувофиқи соҳаҳои иқтисод дар миқёси бонкҳо ва ТҚХ
* Ҳиссаи корхонаҳои хурду миёнаи сардорашон занҳо, ки дар соҳаҳои бо STEAM/ИТИМ алоқаманд фаъолият мекунанд

Фаъолгардонии раванди васеъ намудани шабакаи бизнес-ассотсиатсияҳои умумӣ ва занона. Васеъ намудани рӯйхати хизматҳои бизнес-ассотсиатсияҳо, аз ҷумла оид ба дастгирӣ ва ҷустуҷӯи манбаъҳои нави маблағгузорӣ, фаъолияти бо воридот ва содирот алоқаманд, хизматрасониҳои машваратӣ оид ба фурӯши маҳсулот ва ғ.

Баланд бардоштани самаранокии барномаҳои қарздиҳии хурд ба занон тавассути таъмин намудани шаффофияти онҳо, васеъ кардани фарогирии гурӯҳҳои осебпазири соҳибкорон (хусусан дар деҳот). Бо мақсади таъмини дастрасии занон ба қарз васеътар татбиқ намудани амалияи қарздиҳии таҳти кафолат, тавассути истифодаи гурӯҳҳои ёрии ҳамдигарӣ ва ғ.

Пурзӯр намудани ҳамоҳангсозии байни ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ, таъмини идомат дар лоиҳаҳо, истифодаи таҷрибаҳои беҳтарини дастгирии соҳибкории занон.

Баланд бардоштани нақши ВАО ва чорабиниҳои иттилоотӣ дар рафъи қолабҳои гендерӣ дар бораи тақсими нақшҳои мардону занон, дар бораи имкониятҳои занон дар соҳаҳои худшуғлӣ ва соҳибкорӣ, диққати хоса додан ба ташаккули симои зани соҳибкор дар мисоли мушаххаси занони муваффақ ва ғ.

Рушди лоиҳаҳо оид ба ташкили мактабҳои соҳибкорӣ, марказҳои рушд ва дастгирии бизнеси хурд ва миёна, марказҳои таълими модулӣ ва ғ. бо назардошти намудҳои соҳибкории занон вобаста ба соҳаҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла гурӯҳҳои нисбатан осебпазир.

Таҳияи барномаҳои ҳавасмандгардонии бахши соҳибкорӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба иштирок дар раванди ба занҳои бекор омӯзондани ихтисосҳои дар бозори меҳнат талаботдошта бо назардошти хоҳиш ва дараҷаи маълумоти онҳо.

**Оид ба дастгирии фермерзанон**

Бо мақсади пурзӯр намудани ҳассосияти гендерии ислоҳоти замин ва мусоидат ба рушди соҳибкории занони деҳот ба самтҳои зерин диққат додан лозим аст:

- Такмили минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба замин ва амалияи ҳуқуқистифодабарӣ дар қонунгузорӣ оид ба замин, ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ бо назардошти омили гендерӣ.
- Баланд бардоштани сатҳи иқтидор ва огоҳии кормандони сохторҳои соҳавӣ – дар навбати аввал ҳукуматҳои маҳаллӣ, кумитаҳои замин, раёсатҳои кишоварзӣ ва ғ.
- Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва фарҳанги ҳуқуқии занону мардон дар соҳаи истифодаи замин, механизмҳои қарздиҳӣ ва ғ.
- Таҳияи амсилаи аз ҷиҳати гендерӣ ҳассоси мониторинг ва арзёбии рушди соҳибкорӣ дар деҳот дар асоси таҳия ва истифодаи нишондиҳандаҳои микдорӣ ва сифатӣ.
- Ҷалб намудани занон ба раванди қабули қарорҳо дар асоси риояи тавозуни гендерӣ ва ҳатман дохил намудани занон ба ҳайати комиссияҳои ноҳиявии тақдиди хоҷагиҳо, тақсими замин, гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи стратегияҳои минтақавӣ, нақшаҳои амал ва ғ.
- Баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии занон, бо истифода аз шаклҳои гуногуни тайёркунии мутахассисон дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла аз ҳисоби квотаҳои президентӣ дар донишгоҳи аграрӣ, системаи такмили ихтисос дар соҳаҳои нави маблағгузорӣ, фарҳанги аграрӣ ва соҳаҳои дигар.

Дар шароити ташаккулёбии бозори замин дар ҷумҳурӣ ва аз 1 июли соли 2023 эътибор пайдо намудани Кодекси нави граждании ҶТ, аз ҷумла меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи «ҳуқуқи бегона кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» барои ба занону мардон шарҳ додани меъёрҳои Кодекси замини ҶТ дар бораи татбиқи реҷаи моликияти якҷоя андӯхтаи ҳамсарон нисбати ҳуқуқи заминистифодабарӣ ва «ҳуқуқи бегона кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» чорабиниҳои васеи иттилоотӣ гузарондан лозим аст. Яъне, дар мавриди «бегона кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» аз ҷониби шавҳр/зан розигии шавҳар/занро пешниҳод кардан зарур аст.

**Оид ба васеъ намудани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ**

Бо мақсади васеъ намудани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ зарур аст, ки қарзҳои дорои хусусиятҳои иҷтимоӣ барои занон, аз ҷумла барои гурӯҳҳои осебпазири занон бо фоизҳои имтиёзноки солона, истифодаи нақшаҳои бегарави қарздиҳӣ, дароз кардани мӯҳлати қарз, имконият додан барои пеш аз мӯҳлат пардохт намудани қарз бе ҷарима, аз ҷумла бе ҷаримаи аҳдшиканӣ ва ғ. фаъолонатар ҷорӣ карда шаванд.

Андешидани тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатии ташкилотҳои хурди молиявие, ки барномаю лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ масъулиятнокро амалӣ намуда, дар ин соҳа таҷрибаи бой доранд.

Васеъ намудани доира ва усулҳои расондани хизматҳои микромолиявӣ ба занон тавассути татбиқ намудани шартҳои тағйирёбандаи қарздиҳӣ, шароитҳои мутобиқ гардондашудаи додан ва бозгардондани қарзҳо, истифода бурдани усулҳои омехтаи хизматрасонӣ (аз ҷумла тавассути шуъбаҳо, агентиҳо, он-лайн ва ғ.), тавсеа ва таҳкими нерӯи кормандзанон дар муассисаҳои микромолиявӣ.

Таъмини иштироки саҳмии ташкилотҳои микромолиявӣ дар лоиҳаҳои соҳибкории занон барои баланд бардоштани дараҷаи масъулият ва итминон ба баргардондани қарз, инчунин таъмини истифодаи самараноки қарзҳои гирифташуда.

**Оид ба такмил додани омори гендерӣ**

Бо назардошти ҳассосияти гендерӣ ва вучуд доштани маҷмуи чораҳо барои такмил додани омори гендерӣ дар чаҳорчӯбаи Стратегияи миллии рушди омори ҶТ барои давраи то соли 2030 (СМРО) иҷрои чораҳои ба нақша гирифташударо, ки ба баланд бардоштани нақши омори гендерӣ дар гузарондани таҳлили гендерии сиёсати давлат ҷиҳати васеъ намудани ҳуқуқҳои иқтисодии занон равона гардидаанд, таҳти назорат гирифтан зарур аст. Ин хусусан ба таснифи маълумот на танҳо аз рӯи умуман ҷинс, балки ба тақсим намудани маълумот мувофиқи мардҳо ва занҳо дар доираи дигар категорияҳои иҷтимоӣ: аз рӯи навъи маскуншавӣ (шаҳр ё деҳот), минтақаи истиқомат, синну сол, дараҷаи маълумот, мансубият ба шахсони маъюб ва дигар нишондиҳандаҳо дахл дорад.

Васеъ намудани дастрасии истифодабарандагони омори гендерӣ дар асоси васеъ намудани феҳристи маълумоти аз рӯи ҷинс ва дигар нишондиҳандаҳои гендерӣ таснифшуда дар махзани маълумоти сомонаҳои вазорату идораҳои соҳавӣ, Агентии омори назди Президенти ҶТ дар саҳифаи «Омори гендерӣ», аз ҷумла маълумот оид ба соҳибкории занон бо илова намудани маълумотҳои нави оморӣ доир ба дастрасӣ ба қарз, аз ҷумла нишондиҳандаҳо дар бораи қарзгирандагон, умуман, аз рӯи ҷинс, аз рӯи ҷинс дар байни аҳолии шаҳр ва деҳот, аз рӯи бахшҳои қарзҳои додашуда (кишоварзӣ, савдо, истеҳсолоти саноатӣ ва ғ.) зарур аст.

Васеъ намудани маълумоти мувофиқи ҷинс ва дигар нишондиҳандаҳои гендерӣ таснифшуда дар маҷмуаҳои соҳавӣ: дар соҳаи меҳнат, маориф, тандурустӣ ва ғ., инчунин дар маҷмуаҳо оид ба натиҷаҳои муоинаҳои интихобӣ бо роҳи ворид намудани маълумоти оморӣ на танҳо, умуман, мувофиқи ҷинс, инчунин мувофиқи мардону занони деҳот ва шаҳр, мувофиқи гурӯҳҳои гуногуни синнусолии мардон ва занон, маъюбон ва дигарон.

Пурра кардани нишондиҳандаҳои дар маҷмуаи омории «Нишондиҳандаҳои гендерӣ дар хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ (ХДФ) пешниҳодшуда аз ҳисоби дохил намудани нишондиҳандаҳои нав оид ба саҳмдорон мувофиқи ҷинс, андозаи миёнаи қитъаи замини ХДФ-и сардорашон мардҳо ва ХДФ-и сардорашон занҳо, нишондиҳандаҳо оид ба қарзҳои ХДФ ва ғ.

Такмил додани низоми ҷамъоварӣ ва чопи маълумоти оморӣ оид ба камбизоатӣ мувофиқи ҷинс, оид ба хонаводаҳо мувофиқи ҷинси сардори хонавода, аз ҷумла муоинаи интихобии буҷети хонаводаҳо ва ғ.

**Оид ба эътироф, кам ва аз нав тақсим кардани меҳнати бемузди занон барои парасторӣ ва ичрои корҳои хона**

Комиссия оид ба вазъи занони Шӯрои Иқтисодӣ ва Ичтимоии СММ тавсия медиҳад, ки арзиши парастории бемузди кӯдакон ва меҳнат дар хона ҳангоми ҳисоб кардани ММД ва таҳияи стратегияҳои иқтисодӣ ва ичтимоӣ мунтазам андозагирӣ намуда, ба эътибор гирифта шавад.

Амалисозӣ ва пешбурди ин тавсияҳо аз сабаби мураккаб будани ин мушкилот ва зарурати вуҷуд доштани захираҳои молиявӣ барои ҷамъоварии маълумот оид ба меҳнати бемузд саъю кӯшиши зиёдро талаб менамояд, то ки ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва ташаккул додани сиёсат барои қабули қарорҳо аз рӯи ин масъала мусоидат карда шавад.

Бо назардошти он ки номувозинатӣ дар тақсими меҳнати музднок ва бемузд дар байни занону мардон ба боқӣ мондани нобаробарии гендерӣ дар ҷумҳурӣ таъсири калон мерасонад, гузарондани муоинаи буҷети вақт басо муҳим мебошад. Танҳо бо ёрии маълумот оид ба буҷети вақт намудҳои гуногуни фаъолияти мардону занонро ҳаматарафа арзёбӣ кардан мумкин аст.

Кам кардан ё аз нав тақсим намудани ин монеа инчунин андешидани тадбирҳои мушаххасро дар се самти асосии зерин талаб мекунад: бозори меҳнат, инфрасохтори таъминоти ичтимоӣ ва меъёрҳои гендерии ичтимоӣ. Дар ҳамаи ин самтҳо бо истифода аз таҷрибаи дахолатҳои самараноки сиёсӣ дар дигар мамлакатҳо, ки ба васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои занон бо роҳи кам кардани меҳнати бемузд, ташкили системаи зарурии кӯмакпулиҳо барои ҳомилагӣ ва таваллуд, таъмини парастории босифат ва дастраси кӯдакон, хусусан, кӯдакони хурдсол ва ғ. равона гардидааст, ба пешравиҳои намоён ноил гардидан зарур аст.